ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК: 004.73:491.550
ББК: 32.98 (2)
Ш-17

Бо ҳуқуқи дастнавис

ШАЙДУЛЛОИ ҲОҶӢ

ТАҲЛИЛИ СОХТОРӢ ВА МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ ИНТЕРНЕТӢ

(дар асоси маводи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Мухторов Зайнидин

Душанбе – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 3
БОБИ I. ИСТИЛОҲОТИ ИНТЕРНЕТӢ ҲАМЧУН СИСТЕМА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ..... 15
1.1.Ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ дар забоншиносии муосир..... 16
1.2.Интернет: таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти он **..... 29**
1.3.Заминаҳои назарии забоншиносии интернетӣ **..... 33**
1.4.Таснифоти мавзуии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ 48
Хулосаи боби якум..... 55
БОБИ II. ВИЖАГИҲОИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ИНТЕРНЕТӢ.. 57
2.1. Роҳҳои ташакулёбии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои 57
англисӣ ва тоҷикӣ..... 57
2.2. Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ 71
2.2.1. Истилоҳоти интернетии сода 73
2.2.2. Истилоҳоти интернетии сохта 75
2.2.3. Истилоҳоти интернетии мураккаб 82
2.2.4. Истилоҳоти интернетии таркибӣ..... 86
2.3. Сохтори ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ 88
Хулосаи боби дуюм..... 95
БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ ИНТЕРНЕТӢ 98
3.3. Омонимия дар истилоҳоти интернетӣ 117
3.4. Хусусиятҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ 121
3.5. Хусусиятҳои маҷозии истилоҳоти интернетӣ..... 129
Хулосаи боби сеюм 136
ХУЛОСА 139
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО 142
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ 143
АДАБИЁТ 145
ЗАМИМАҲО 171

МУҚАДДИМА

Ташаккул ва таҳаввули шабакаи ҷаҳонии интернет шуруъ аз охири солҳои 60-уми асри XX ба баъд як инқилоберо ба миён овард, ки тамоми забоншиносон ба ин падида диққати махсус зоҳир намуданд. Дар доираи забоншиносии компютерӣ забоншиносии интернетӣ пайдо гардид, зеро бо пайдоиш ва ташаккули ҳар як барнома ва шабакаи интернетӣ истилоҳоти нав ба вуҷуд омаданд. Омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти мазкур яке аз масъалаҳои марказии истилоҳшиносӣ ба ҳисоб мерафт. Истилоҳоти интернетиро метавон як қабати лексикаи соҳавию касбии компютерӣ номид, зеро дар он сленг ва истилоҳоти нармафзору сахтафзор хеле зиёд ба чашм мерасад. Аз ҷиҳати аҳамият ва таъсираш ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ва пешрафти илму техника, интернет дар даврони муосир барои модернизатсияи муносибатҳои гуногун дар ҷаҳон мавқеи хоссаро ишғол кардааст. Гумон меравад, ки интернет як системаи мураккаби иҷтимоию техникиест, ки ҳамакнун ҳудуди ҷуғрофӣ надорад. Системаи шабакаи интернет ноустувор ва доимо дар ҳаракат буда, 24 соат дар як шабонарӯз бе таваққуф амал мекунад ва ҷомеаи башарӣ аз он васеъ истифода мебаранд.

Дар давоми даҳ соли охир бахшида ба омӯзиши хусусиятҳои фаъолияти забони шабака, роҳҳои ташаккули системаҳои шабака ва муаррифии маҷозии (виртуалӣ) он, инчунин, рафти умумии равандҳои нутқ дар интернет пажуҳиши бисёре ба майдон омаданд. Ба ҳамагон маълум аст, ки мубодилаи афкор ва интиқоли маълумот дар раванди истифодабарии интернет тавассути матнҳо сурат мегирад. Дар матнҳои мазкур истилоҳоти махсуси калидиеро метавон вохӯрд, ки ба хонандаи одӣ нофаҳмо мебошад.

Интернет объекти омӯзиши илмҳои гуногун аст, аз илмҳои техникӣ сар карда, то илмҳои гуманитарӣ ва айни замон илмҳои филологӣ мутаносибан ба ин низоми нав дар марҳилаи ташаккул ва таҳаввули пайдарпай қарор дорад. Дар забоншиносии муосир саволҳо марбут ба истилоҳоти технологияи муосир, махсусан, оид ба омӯзиши истилоҳоти

интернетӣ ба миён меоянд, ки чи гуна инсон забони дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ қарорёфта, забони электронӣ ва ҳамеша тағйирёбандаро меомӯзад. Барои омӯзиши истилоҳоти интернетӣ, на танҳо забоншиносии компютерӣ ва интернетӣ мавқеи хосса доранд, балки дигар илмҳо мисли фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, психология ва назарияи коммуникатсия барои таҳқиқ замина гузоштаанд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ аз ин сарчашма мегирад. Истилоҳоти интернетӣ то имрӯр дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳқиқи алоҳида ва ҳаматарафа қарор нагирифтаанд.

Раванди воридшавӣ ба манбаъҳои интернетӣ истифодаи луғоту истилоҳоти касбиву соҳавии зиёдеро талаб мекунад, ки донистани чунин истилоҳот на танҳо барои мутахассисони соҳа, балки ба ҳар фарде, ки интернетро истифода мебарад, зарур мебошад. Омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти интернетӣ шавқи муҳаққиқонро рӯз аз рӯз меафзояд. Падидаи ҷаҳонишавии ҷомеа ва ворид гардидани истилоҳоти интернетӣ ба ҳаёти рӯзмарра, ҳам ба мутахассисони соҳаву ҳам ба корбарони техника таъсир гузоштааст. Умуман, тамоми касбу фаъолияти муосири инсонро бе шабакаи интернет тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Интернет дар доираи илму техника барои муносибати одамон дар ҷодаи фарҳанг, тамаддун, сиёсат, иқтисодиёт ва умуман барои муоширати озод доштан мусоидат мекунад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои англисӣ ва русӣ як қатор барнома ва стратегияҳо ба нақша гирифта шудааст. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, забони асосии интернет забони англисӣ ба шумор меравад. Тамоми сленг ва вижагиҳои касбиву соҳавии интернет бо забони англисӣ таҷассум меёбанд. Дар замони муосир зарурат пайдо гардид, ки тамоми истилоҳоти интернетӣ аз рӯйи хусусияти пайдоиш, сохтор ва маъно омӯхта шуда, марбут ба ин соҳа фарҳангҳо нашр шаванд. Мутаассифона, то ҳол фарҳанги истилоҳоти интернетии англисӣ-тоҷикӣ дар шакли мукаммал вуҷуд

надорад. Оид ба истилоҳоти компютерӣ фарҳангҳои хурде аз ҷониби забоншиносони тоҷик Т. Шарипов, З. М. Мусоямов ва П. Нуров ба табъ расидаанд, вале фарҳангҳои мазкур ниёзҳои ин самтро бароварда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, муҳиммияти таҳқиқоти истилоҳоти интернетӣ ва боз ҳам мукаммалтар омӯхтани онҳо дучанд зиёд мегардад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Истилоҳоти интернетӣ ва масъалаи омӯзиши онҳо аз солҳои 70-уми асри гузашта оғоз гардида, то ҳол мавриди пажуҳиш қарор дорад. Моҳият ва мазмуни истилоҳ, дар умум, тамоми системаҳои истилоҳшиносӣ зимни таҳқиқи забоншиносон ва истилоҳшиносони маъруфи хориҷиву ватанӣ, мисли С.В. Гринев, В.А. Татаринов, Н.В. Виноградов, В.М. Лейчик, А.Б. Кутузов, М.А. Лобанова, П.А. Горшков, Т.П. Смирнова, М.И. Мехеда, В.С. Вахитов, Е.В. Лушникова, Л.Ю. Королева, Э.С. Карпов, И.Е. Гутман, Н.С. Иванова, М.А. Ярмашевич, Ф.Т. Грозданов, Е.Н. Гутс, М. Алан, М.Б. Бахтина, О.А. Кармизова, М.С. Лукина, Д. Зауташвили, М.С. Шумайлова, А.Г. Ходакова, М.Ҳ. Султон, С. Назарзода ва дигарон баррасӣ гардидааст.

Вобаста ба истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотӣ бошад муҳаққиқони ватани Т. Шарипов, З.М. Мусоямов, П.Г. Нуров, Т.К. Ҷураев, Ҳ.А. Асламов таҳқиқот анҷом додаанд.

Дар инҷо метавон ба диссертатсияи номзадии М.С. Шумайлова [218] «Актуальные проблемы развития и функционирования терминологии интернет в немецком языке» ишора кард, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқони даҳаи аввали 2000-умро ба ин масъала инъикос менамояд. Аз ҷумла, ин муҳаққиқ дар диссертатсияи худ дар мавриди пайдоиши истилоҳоти интернетӣ, ташаккул ва мавқеи онҳо дар забони немисӣ таҳқиқот бурда, ба масъалаи иқтибосшавии истилоҳоти интернетии англо-амрикоӣ ба забони немисӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Муҳаққиқи дигар А.Г. Ходакова соли 2010 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи «Системная семантика термина (на материале

англоязычных терминов Интернета)» дифоъ кардааст, ки ба системаи истилоҳот ва махсусан истилоҳоти интернетӣ марбут буда, яке аз қабатҳои муҳимми технологияи иттилоотӣ ва заминаҳои назариявии пайдоиши истилоҳоти интернетиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар диссертатсия, инчунин, мафҳуми истилоҳ ва сохтори он, аз ҷумла тағйироти семантикии истилоҳоти интернетӣ давра ба давра тасниф гардида, мавриди таҳлилу баррасии дақиқ қарор дода шудааст [199].

Диққати забоншиносони тоҷик низ ба истилоҳоти технологияи иттилоотӣ ва истилоҳоти компютерӣ дар солҳои охир бештар гаштааст. Аз ҷумла, соли 2003 диссертатсияи Т. Шарипов [211] ба забони русӣ таҳти унвони «Компьютерная лексика таджикского языка: структурно-семантический анализ» (Лексикаи компютерии забони тоҷикӣ: таҳлили сохторӣ ва маъноии он) дифоъ гардид, ки дар он сухан дар бораи истилоҳоти соҳаи марбут ба иттилоот ва технологияи системаи компютерӣ рафта, ташаккул ва таҳавуллоти истилоҳоти компютерӣ, таҳлили луғавӣ, маъноӣ ва сохтори грамматикии онҳо баррасӣ мешавад. Дар ин росто, муҳаққиқ бар он назар аст, ки бо рушду инкишофи технологияи коммуникатсионӣ дар ҳама соҳаҳои илмӣ ва ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосир истилоҳоти нав ба вуҷуд меоянд, ки яке аз онҳо истилоҳоти компютерӣ буда, таҳқиқ ва омӯзиши он мубраму зарурист.

Ҳамчунин, таҳқиқоти З.М. Мусоямов [159] «Таҳлили сохториву семантикии истилоҳоти таъминоти барномавии компютерӣ (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» (Структурно-семантический анализ терминов программного обеспечения компьютера (на материалах таджикского и английского языков) вобаста ба масъалаҳои мубрам ва муаммоҳои марбут ба лексика ва истилоҳоти нармафзор ва барномаҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст, ки ба ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами истилоҳоти компютерӣ бахшида шудааст.

Соли 2019 диссертатсияи дигаре таҳти унвони «Таҳлили вижагиҳои калимасозии истилоҳоти технологияи компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» (Словообразовантельный анализ терминологии компьтерной технологии в таджикском и английском языках) аз ҷониби Ҳ. Асламов дифоъ гардид, ки оид ба масъалаҳои системаи истилоҳоти компютерӣ ва роҳҳои калимасозии он бахшида шуда, роҳҳои калимасозӣ ва бисёрмаъноии истилоҳоти компютериро мавриди омӯзиш қарор додааст [8].

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Хулосабарориҳо аз таҳқиқоти мазкур дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда саҳм гирифта метавонанд. Мавзуи таҳқиқи мавриди назар як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мақсади таҳқиқ. Мақсад аз навиштани диссертатсияи мазкур муайян кардани таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти интернетиро дар муқоиса бо маводи забонҳои тоҷикиву англисӣ, ҳамзамон, омӯхтани заминаҳои назарии забоншиносии истилоҳоти интернетӣ ба шумор меравад. Инчунин, дар раванди таҳқиқ таснифи мавзуии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди корбурди махсус қарор дода шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқи. Дар асоси ҳадафи таҳқиқ вазифаҳои зерин мушаххас гардида ҳалли худро ёфтаанд:

- муайян намудани ҷанбаҳои назарии забоншиносии интернетӣ;
- баррасӣ ва таҳқиқ намудани роҳҳои ташаккули истилоҳоти интернетӣ ва ба марҳилаҳо тақсим кардани онҳо;
- таснифоти мавзӯъҳо ва категорияҳои соҳавии стилоҳоти интернетӣ дар асоси мисолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;
- муайян кардани хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ;
- таснифи ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ мувофиқ ба шаклу аломатҳои маъноӣ ва сохторӣ;
- омӯхтани хусусиятҳои гуногуни маъноии истилоҳоти интернетӣ;

- пайдо намудани омилҳои сермаъноии истилоҳоти интернетӣ;

- муайян кардани фарқияти омонимияи истилоҳоти интернетӣ ва воҳидҳои луғавии муқаррарӣ;

- гурӯҳбандии маъноҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ;

- синонимҳо ва сабабҳои пайдоиши онҳо дар системаи истилоҳот ва таснифи синонимҳои истилоҳоти интернетӣ.

Объекти таҳқиқ. Маҷмуи истилоҳоти хоси риштаи интернет ва гурӯҳу гунаҳои он бо назардошти сохтор ва қолабҳои гуногун дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо назардошти умумият, фарқият дар доираи истифода, тарҷума, ҳамгунӣ ва мувофиқату номувофиқати онҳо ҳамчун воҳидҳои махсуси забон, ки дар доираи қонунияти мушаххаси муошарат ва мухобирот амал мекунанд.

Предмети таҳқиқ. вижагиҳои маъноиву сохторӣ ва қонунияти ташаккул, низом ва тартибу роҳҳои таснифоту гурӯҳбандии истилоҳоти риштаи интернет, аломатҳои забонии истилоҳоти мазкур ва ҳамчунин вижагиҳои умумияту фарқияти онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хусусиятҳои муқоисавию таърихӣ ва типологии ин гурӯҳи возидҳои махсуси забон муаррифӣ мешавад.

Асосҳои назарии таҳқиқи мазкурро адабиёти илмию назариявии муҳаққиқони забоншиноси хориҷиву ватанӣ ташкил медиҳанд. Аз ин лиҳоз, зимни баррасии масъалаҳои баҳсталаби диссертатсияи мазкур дастовардҳои илмии олимон мисли С.В. Гринева, В.А. Татаринова, С.Ю. Бабанова, О.А. Кармизова, Н.В. Виноградова, Е.Н. Галичкина, Е.В. Лушникова, Т.В. Акулинин, С.Н. Антонова, А.А. Агабекова, И.А. Беликов, В.М. Лейчик, В.Н. Костров, Л.И. Божно, М.С. Шумайлова, А.Г. Ходакова, М.Ҳ. Султон, Т. Шарипов, З.М. Мусоямов, П.Г. Нуров, Т.К. Ҷураев, Ҳ.А. Асламов, А.Б. Кутузов, И.В. Любитская, П.А. Горшков, Т.П. Смирнова, М.И. Мехеда, Е.А. Савелев, М.О. Семёнов, В.С. Вахитов, Е.В. Лушникова, З.М. Ефендиева, Н.С. Бондарева, А.А. Сосновская, М.В. Москалёва, Л.Ю. Королева, А.Х.

Гатсолаева, А.В. Стахеева, Н.А. Кудинова, Э.С. Карпов, С.Г. Михейгина, Е.А. Свиридова, И.Е. Гутман, А.С. Рибакова, Е.Е. Тимофеева, Н.С. Иванова, М.А. Ярмашевич, Ф.Т. Грозданов, Е.Н. Гутс, О.В. Обухова, О.А. Кармизова, Д. Зауташвили ва П.В. Часовский ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологӣ истифода шуданд.

Забоншиносони тоҷике, ки пайваста ба омӯзиши истилоҳ ва истилоҳшиносӣ сару кор гирифта, мақолаву диссертатсияҳои илмии худро пешниҳод кардаанд, ба монанди Л.Ш. Раҷабов, Т.Р. Мамадрасулова, М.М. Бекмуродов, С. Назарзода, Мирзо Ҳасани Султон, З. Мирзоев, А.И. Юсупов, Г.Г. Нуров, С.С. Ҷаматов, З.А. Валиева, С. Собирова, Д.А., Ҳайдарова, Ш.Б. Каримов, Ҳ.А. Саидов ва дигарон мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки диссертатсияи мазкур дар асоси ақидаҳои назариявии олимони номбурда ва донишмандони дигари ватаниву хориҷӣ таҳия гардида, тамоми ҷанбаҳои сохтори луғавӣ ва маъноии истилоҳоти интернетиро фаро гирифтааст.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Роҳу воситаҳои таҳқиқот дар робита ба хусусияти мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия муайян шудаанд. Дар диссертатсия методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тасвирӣ, таҳлили ҷузъии воҳидҳои луғавӣ, таҳлили сохторӣ бо роҳи аффиксатсия, композитсия, конверсия ва ихтисора мавриди истифода қарор гирифтаанд. Усулҳои таҳлили маъноӣ бошад, дар асоси фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ ва тарҷумавӣ ба роҳ монда шудааст, инчунин, таҳлили муқоисавии ҷузъҳои маъноӣ, таҳлили типологӣ ва ҳисоби омориро дидан мумкин аст.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ба ҳайси мавод барои таҳқиқ луғатҳои тавсирии забони англисӣ ва тоҷикӣ, луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ, луғатномаҳои истилоҳоти интернетӣ, ки аз сомонаҳои интернет гирифта шудаанд, луғатҳои тафсирии истилоҳоти интернетӣ ва интишорот дар маҷаллаҳои гуногун, дар форумҳо ва чатҳо, ҳамчунин, аз дигар маводи шабакаҳои интернетӣ дастрас карда шудаанд. Дар мавридҳои ҷудогона муодилҳои тоҷикии сленгҳои англисӣ ва русиро ба забони тоҷикӣ

аз рӯйи суҳбат ва муошарату маслиҳати мутахассисони соҳа, ҳамчунин, муҳаққиқони самти тарҷума ва тарҷумашиносӣ оварда, таҳлилу баррасӣ намудем.

Навгонии илмии таҳқиқ. Метавон зикр кард, ки дар таҳқиқи мазкур аввалин маротиба ҷанбаҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасии ҳаматарафа қарор гирифта, чанде аз вижагиҳои сохтор ва маънои онҳо мушаххас гардидааст. Навгонии мавзуи таҳқиқ дар он таҷассум мегардад, ки диссертатсияи мазкур аввалин маротиба сабабҳои таҳаввулоти маънои истилоҳоти интернетиро муайян карда, инчунин, бо мисолҳо ҳолатҳои метонимия, метафора ва синекдохаро дар ин низом асоснок мекунад, ҳамзамон, роҳҳои риоя ва ҳифзи маънои устувори истилоҳотро мушаххас менамояд. Вижагиҳои дигари маъноӣ, ба монанди омонимия, синонимия ва маҷоз падидаҳои ғайриимкони истилоҳот ба шумор рафта, дар диссертатсияи мазкур бори аввал тағйироти маъноии истилоҳоти интернетӣ омӯхта ва бо далелҳо мавриди таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмӣ қарор дода шудаанд. Ба гурӯҳҳо тақсим намудани истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати сохтор ва бо роҳҳои гуногун таҳлил ва муқоиса кардани онҳо дар ду забон, яъне англисӣ ва тоҷикӣ навгонии таҳқиқотро нишон медиҳад. Дар диссертатсия, бори аввал истилоҳоти интернетӣ ба категорияҳои касбиву соҳавӣ ва мавзуиву маъноӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тасниф карда шудаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва таърихи пайдоиши истилоҳоти интернетӣ, ки бо марҳилаҳо муайян гардидаанд, собит менамояд, ки забоншиносии интернетӣ яке аз қабатҳои забоншиносии компютерӣ ба шумор рафта, вижагиҳои соҳавию касбии гуногунро доро мебошад;

2. Таснифоти мавзуии истилоҳоти интернетӣ ва роҳҳои рушду ташаккулёбии онҳо бо таъсири технологияи иттилоотиву рақамӣ, инчунин,

масъалаҳои мушкилоти тарҷумаи истилоҳоти интернетӣ бештар бо роҳи транслитератсия сурат гирифтааст;

3. Хусусияти сохтории истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз рӯйи сохтор ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ табақабандӣ мешаванд, ҳамчунин, бо роҳҳои маъмули таҳлили сохтории истилоҳоти интернетӣ, чун аффиксатсия, композитсия, конверсия ва ихтисора мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои онҳо муайян шудаанд;

4. Ихтисораҳо яке аз роҳҳои маъмултарини ташаккули истилоҳоти интернетӣ ба шумор мераванд ва аз ин лиҳоз, навъҳои ихтисораҳои интернетии забони англисӣ ва аз рӯйи шаклу аломат муайян шуда, ба гурӯҳҳо тақсим шудаанд;

5. Хусусиятҳои маъноии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар натиҷаи тағйироти маъноӣ ба вуҷуд меоянд ва омилҳои сермаъноӣ дар падидаҳои метонимия, метафора ва синекдоха зуҳур меёбанд;

6. Яке аз сабабҳои пайдо гардидани синонимҳо дар истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ ин аз воҳидҳои луғавии муқаррарӣ ба истилоҳ табдил ёфтани онҳо мебошанд;

7. Омонимҳои истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз омонимҳои воҳидҳои луғавӣ фарқияти назаррас доранд ва дар ин росто сермаъноӣ аз омонимия бо хусусияти маъно ва бо алоқамандии маъно ва мафҳум фарқ мекунанд.

Аҳамияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур метавонад аз ҷиҳати ҷанбаҳои назарӣ барои муқоисаи истилоҳоти технологияи иттилоотии минбаъда заминаи асосӣ бошад. Хусусиятҳои назарӣ ва низоми истилоҳшиносие, ки дар таҳқиқи мазкур нишон дода шудааст, дар корҳои минбаъда метавонад барои таҳқиқоти муқоисавию таърихӣ, муқоисавӣ ва типологии истилоҳот ба сифати заминаи методологӣ хизмат кунад. Натиҷаҳои таҳқиқ барои як қатор масъалаҳои забоншиносӣ,

махсусан забошиносии муқоисавӣ, истилоҳшиносӣ, забоншиносии компютерӣ, махсусан истилоҳоти интерентӣ ва технологияи иттилоотӣ ҳамчун заминаи илмию назарӣ муаррифӣ гардида, баҳри таҳқиқоти минбаъдаи истилоҳоти гуногуни риштаҳои марбут ба технологияи иттилоотӣ ба сифати манбаи илмӣ истифода мешавад. Таҳлил ва ба гурӯҳҳои гуногун таснифи истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати сохтор ва маъно метавонад ҳамчун заминаи омӯзиш ва муқоисаи истилоҳот дар пажуҳишҳои оянда кумак расонад.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳоти интернетӣ, на танҳо ба мутахассисони соҳа, балки ба тамоми мардум дар раванди истифодабарии шабакаҳои интернетӣ маводи ёрирасон бошад. Натиҷаҳои бадастомада, инчунин, метавонанд ба тарҷумонҳо барои беҳтар кардани сифати кору фаъолияташон мусоидат кунад. Таснифоти ихтисораҳои интернетӣ низ метавонад дар оянда ба фаъолияти тамоми корбарони интернет осонӣ орад, зеро моҳият ва рамзҳои интернетӣ пурра ба забони тоҷикӣ дар шакли муодилҳои забон таҳия ва таҳлил гаштаанд. Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ, равияи филологӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад хидмат кунад. Азбаски муоширати интернетӣ бо рамзу аломатҳо дар кишварҳои хориҷа хеле маъмул ва мустаъмал гаштааст, маводи ҷамъовардашуда, ки бештар рамзҳо, сленг ва аломатҳои интернетиро дар бар мегирад, метавонад ба мардуми тоҷик як маводи ёрирасон дар раванди муоширати интернетӣ, тиҷорат, иқтисодиёт ва мубодилаи мухобирот низ хидмат кунад.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20. –

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Саҳми шахсии довталаби зимни таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст истилоҳоти интернетӣ бо таснифоти мавзуӣ аз ҷиҳати сохтор ва маъно дар ду забон ба риштаи пажуҳиши монографӣ кашида шудааст. Дар ин замина бояд қайд намуд, ки рамзу аломатҳои интернетӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд ба назар расида, аввалин маротиба аз ҷиҳати ихтисоршавӣ зимни истифода тасниф ёфта, муодилҳои тарҷумавии онҳо ба забони тоҷикӣ муайян ва мувофиқа карда шудаанд. Аз ҷиҳати таҳлили маъноӣ, аввалин маротиба сабабҳои пайдоиши ҳолатҳои сермаъноӣ, синонимҳо, антонимҳо, омонимҳо ва маҷоз дар низоми истилоҳоти интернетӣ муайян ва ба таври амиқу густарда таҳлилу баррасӣ гардидааст. Тамоми истилоҳот дар асоси фарҳангҳою луғатҳои дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти интернетӣ ва амсоли инҳо муқоиса карда шуда, ҳамгунӣ ва фарқияти ҷудогонаи онҳо нишон дода шудааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Мундариҷаи асосии диссертатсия дар баромат ва маърузаҳои конфронсҳои сатҳи донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷалаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос шудааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР ва 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи №8 аз 24. 04. 2022) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 220 саҳфаи чопи компютерӣ таҳия шудааст.

БОБИ I. ИСТИЛОҲОТИ ИНТЕРНЕТӢ ҲАМЧУН СИСТЕМА ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Воридшавии шабакаҳо ва манбаъҳои технологӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи миллионҳо одамон ба тавсеаи доираи истеъмоли луғоту истилоҳоти соҳавӣ дар забон ва бо ҳамин роҳ воридшавии он ба низоми муосири мухобирот ва муошарати касбии мутахассисони соҳа, ҳамчунин, истифодабарандагони гуногун мусоидат мекунад. Дар баробари ин, бисёр мутахассисони соҳаҳои гуногунро дар замони муосир ва дар фазои густурдаи робитаҳои иттилоотӣ бе истифодаи воситаҳои технологии иттилоот ва шабакаҳои интернет тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар низоми робитаҳои байнаҳамдигарии риштаҳои гуногуни илм, самт ва бахшҳои ҷудогонае ташаккул меёбанд, ки чунин раванд дар забон ва илми забоншиносӣ бетаъсир намемонад. Қабл аз ҳама, баробари ташаккули риштаҳои нави илмӣ забони соҳавии он риштаҳо бо фарогирии вожагони касбии соҳавӣ ва истилоҳоти махсус заминагузорӣ мешавад. Аслан, истилоҳи интернет дар ягон забони дунё самти ҷудогонаи таҳқиқу омӯзиш ба ҳисоб намерафт, вале ишора ба ин мавзуъродар мақолаҳои илмии даҳаи навадуми садаи XX, ки дар бобати масъалаҳои коркардабарории алоҳидаи истилоҳи марбут ба технологияи иттилоотӣ бахшида шудааст, дидан мумкин аст [104].

Ҷаҳонишавӣ падидаи маълумотпазирии ҷамъият, вусъатёбии истилоҳоти интернет, чи дар доираи мутахассисон ва чи дар байни мардуми одӣ, заруратеро ҳувайдо месозад, ки тамоми истилоҳоти навин бо тамоми хусусиятҳои маъноӣ ва сохторӣ дар забонҳо ба таври амиқ омӯхта шаванд. Муҳиммияти омӯзиши истилоҳоти компютерӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки истилоҳоти интернетӣ, ки яке аз шохаҳои истилоҳоти компютерӣ ба шумор меравад, ба таври саҳеҳ мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Ба ҳамагон равшан аст, ки таҳқиқи истилоҳоти компютерӣ, махсусан истилоҳоти интернетӣ, шавқи забоншиносони муосирро дар бобати масъалаҳои истилоҳот рӯз аз рӯз меафзояд. Масъалаҳои гузаронидани чунин таҳқиқот

навгонӣ ба шумор рафта, динамикаи ташаккулёбӣ ва корбасти истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бори аввал ба таври мукаммал гурӯҳбандӣ шуда, ҳам аз ҷиҳати сохтор ва ҳам аз ҷиҳати маъно, дар раванди таҳлилу омӯзиш қарор мегиранд.

1.1.Ҷанбаҳои назарии истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ дар забоншиносии муосир

Дар асри XXI ҳаёти башариро ҷудо аз техникаву технологияи муосир тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ҳамин дастовардҳои илмӣ-техникӣ аст, ки ҳоло инсоният ба кашфу тасхири фазо пардохта, ба таъбири Ибни Сино, “аз қаъри гили сияҳ то авҷи Зуҳал”-ро татбиқ намуда, ин равандро имрӯз ба таҳлилу баррасӣ мекашад. Пешрафти бесобиқаи илму техника боис гашт, ки гӯшаҳои дури ин сайёра ба ҳам наздик шавад ва ҷаҳон чун деҳкадае гардад, ки сокинонаш аз хурдтарин рӯйдод, сарфи назар аз макони ҷойгиршавӣ, дар зудтарин фурсат огоҳ шаванд. Бе тардид, чунин “деҳкадашавии ҷаҳон” дар густурда гаштани ҷаҳонишавӣ ва омехташавии фарҳангҳои гуногунрангу дорои таърихи мухталиф сабаб гардидааст.

Агар омилҳои суръат ёфтани технологияи муосир ва густариш ёфтани илмҳои техникӣ ва гуманитариро баррасӣ намоем, шоҳиди он мешавем, ки дар саргаҳи он шабакаи ҷаҳонии интернет қарор дорад. Имрӯз дар ҷомеаи башарӣ, хусусан, дар миёни табақаҳои иҷтимоии ҷавонон шояд кам нафаре пайдо карда шавад, ки аз ин падидаи муҳимми аср маълумот ва ё бо он бархӯрду робита надошта бошад.

Аз нигоҳи таърихӣ шабакаи ҷаҳонии интернет аввалин маротиба дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико соли 1969 аз тарафи барномаи таҳқиқии Департаменти дифои ИМА «United States Department of Defense Advanced Research Projects Agency», ки ARPANET (Advanced Research Projects Agency Net) ном дошт, сохта шуда, ҳамчун воситаи алоқаи соҳаи ҳарбӣ истифода бурда мешуд [274].

Таърихи пайдоиш ва тараққиёти шабакаи интернет зиёда аз 50 солро дар бар мегирад. То миёнаи солҳои ҳафтодум бисёре аз созмонҳои ҳукуматӣ, лабораторияҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳои кишварҳои мухталиф, аллакай, ба шабакаи компютерие, ки номи ARPANET-ро гирифта буд, пайваст шуда буданд, аммо шабакаҳои маҳаллии созмонҳо дар платформаҳои гуногун кор мекарданд ва ба иҷрои вазифаҳои махсус равона шуда буданд. Ҳамин тавр шабакаи барои артиши ИМА тавассути ширкати DEC (Digital Equipment Corporation), шабака барои неруҳои ҳавоӣ тавассути ширкати IBM (International Business Machines Corporation) махсус гардонида шуда буд. Тамоми шабакаҳо фаъолиятро оғоз карданд, аммо бо забонҳои мухталиф «гуфтугӯ» мекарданд. Барои он ки шабакаҳои маҳаллӣ бо якдигар якҷоя амал кунанд, лозим шуд, ки қарордодҳои байнишабакавӣ, яъне забонҳое таҳия ва ба кор бурда шаванд, ки компютерҳо дар вақти табодули иттилоот аз онҳо истифода кунанд.

Соли 1974 Винт Серф (Vint Cerf) ва Боб Кан (BoB Kahn) мақолаеро бо номи «Қарордоди байнишабакавии интиқоли бастаҳои иттилоот» нашр карданд, ки дар он роҳҳо барои ҳалли ин масъала тафсир шуд. Соли 1982 бо таҳия шудани қарордоди TCP/IP (Transmission Contro IP protocol) ва IP қарордоди Internet (Internet Protocol) ин масъала ҳалли худро пайдо кард. TCP қарордоди идоракунии интиқол бо пайдо шудани TCP/IP калимаи Internet, ки мухтасари калимаҳои Inter connected Network (шабакаҳои бо ҳам пайваст шуда) маъмул гардид. Вазорати мудофиаи ИМА баъдтар TCP/IP-ро (ба унвони) «қарордоди стандартӣ» барои шабакаҳои компютерҳои ҳарбӣ эълон кард. Ин қарордод дар системаҳои компютерии зиёд кор карданро шуруъ кард, аз ҷумла дар компютерҳои фардӣ барои интиқоли байнишабакавии иттилоот ба як воситаи муҳим мубаддал шуд [287].

Бояд таъкид дошт, ки шабакаи интернетие, ки имрӯз ба кор меравад, мадюни эҷоднамоӣ ва ихтироъкории Томоти Ҷонс Бернерс-Ли мебошад, ки

соли 1990 бо номи World Wide Web (тори умумиҷаҳонӣ) рӯйи кор омадааст [246].

Шабакаи байналмилалии интернет имрӯз тамоми навъи мубодилаи ахборро дар бар гирифта, барои пешрафти фаъолияти кории одамон асоси ҳаётан муҳим ва такмилдиҳандаи системаи идоракунии ҳукуматҳо гаштааст. Воридшавии технологияҳои шабакавӣ ба ҳаёти ҷомеаи башарӣ дар ҳама ҷанбаҳои зиндагӣ муассир гашта, дар зимн ба вусъатёбии васеи лексикаи соҳаи илмӣ-техникӣ оварда расонид. Дохилшавии интернет ба муносибатҳои забонии на танҳо шахсони ба ин масъала сарукордошта, балки ба шахсони алоҳида, яъне истифодабарандагони шабакаҳои интернетӣ хеле зиёд шудааст [277].

Ба ин тартиб, омӯзиш ва корбурди шабакаи ҷаҳонии интернет агар зарурати рӯз бошад, пас, пайдо намудани муодилҳои мувофиқ ва барои корбарон фаҳмо аз мушкилоти муайяни он дониста мешавад, зеро таҳқиқи истилоҳот дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеаи башарӣ, пешрафти пурҷӯшу хурӯши муносибатҳои илмию фарҳангӣ беш аз пеш аҳамияти фавқулода касб карда истодааст. Зарурати ба забони тоҷикӣ тарҷума кардани истилоҳоти соҳаҳои гуногун, хусусан истилоҳоти интернетӣ, дар он аст, ки он муҷиб мегардад, то робитаи мо ба донишҳои ҷаҳонӣ, ки пайваста дар ҳоли пешрафту тараққиёт ҳастанд, канда нашавад. Гузашта аз ин, “барои он ки дастовардҳои соҳаҳои гуногуни илму маданият дастраси мо гардад, лозим аст, ки муҳимтарин қисми он ҳама истилоҳот дар забони тоҷикӣ низ вуҷуд дошта бошад. Истилоҳот забони илму техника буда донистани он аз ҷониби ҳар фард зарур мебошад” [165, 199].

Ҳарчанд омӯзиши истилоҳ ва истилоҳофаринӣ дар забоншиносии тоҷик падидаи тоза нест ва забоншиносони саршиносе, аз қабили М. Шукуров, Д. Саймиддинов, М.Н. Қосимова, С. Сулаймонов, Назарзода С. Мирзо Ҳасани Султон ва дигарон атрофи истилоҳоти соҳаҳои гуногун дар шакли монографияву мақолаҳо пажуҳиш анҷом дода бошанд ҳам, ҳанӯз ҳам

бахшҳои ноомӯхтаву ношинохтае дар бахши истилоҳшиносӣ, хусусан, истилоҳоти интернетӣ ниёз ба омӯзишу баррасӣ дорад. Дар самти истилоҳшиносии компютерӣ Т. Шарипов истилоҳоти интренетиро дар диссертатсияи илмиаш ба чор навъ: 1) истилоҳоти умумии пайвандӣ; 2) истилоҳоти бахши электронӣ ва хабарӣ; 3) истилоҳоти www; 4) истилоҳоти таъсиррасон [210, 26] гурӯҳбандӣ намуда бошад ҳам, на ҳамаи истилоҳоти самти интернет таҳқиқ шудаанд ва аз он вақт то имрӯз истилоҳоти интернетро дар як шакли фарққунанда ва комил дарёфтан душвор аст.

Ҳар чиз ки ба таъйину таҳқиқи мафҳуми истилоҳ, таҳаввулу такомули он дар забон алоқаманд аст, илми забоншиносиро ба соҳаҳои дигари илму маърифат, ба таърихи моддиву маънавии инсоният пайванд медиҳад. Чунон ки ба мушоҳида мерасад, калимаи «термин» аз маънии аслии худ дур афтода, тадричан маънии тамоман дигари истилоҳӣ пайдо намудааст, ки дар забони тоҷикӣ бо вожаи арабиасли «истилоҳ» ифода меёбад. Вожаи истилоҳ, аслан, дар арабӣ аз феъли навъи *istalaha* ба маънии 1) беҳ шудан, ислоҳ гаштан; 2) сулҳ кардан (бо касе); 3) мувофиқа кардан (дар бобати чизе), созиш кардан, шарт бастан, пазируфтан (чизеро) падид омада, дар ин забон маънии 1) шартӣ будан, мувофиқаи умумӣ; суханронии маъмулӣ; 2) ифодаи махсус; истилоҳро дорад ва дар забони тоҷикӣ маъмулан ба маънии мушаххаси воҳиди луғавӣ – истилоҳ (термин) истифода мешавад. Вале лозим ба ёдоварист, ки дар забони арабӣ барои ифодаи мафҳуми истилоҳ ғолибан аз вожаи *mustalah* истифода мекунанд [186, 6].

Таркиби луғавии ҳар забон дар баробари калимаҳо ё вожагони маъмулу мустаъмали забони адабӣ, ҳамчунин, аз истилоҳот (маҷмуи калимаву ибораҳое, ки мафҳумҳои илмиро ифода мекунанд) ва номвожагон (маҷмуи калимаву ибораҳое, ки номҳои ҷуғрофӣ, нуҷумӣ, наботот, ҳайвонот, маъдану филизот ва монанди инро ифода менамоянд) иборат мебошад. Калимаҳо унсури асосиву аввалияи ҳар як забон буда, аз нигоҳи таҳқиқи забоншиносӣ муҳимтарин аҷзои ифодаи забонӣ ба ҳисоб мераванд. Аммо

истилоҳ, ба андешаи муҳаққиқон, калимаи хос, саҳеҳтараш калимаи дорои вазифаи хос аст. Вай калима ё ибораест, ки тобиши махсуси маъноӣ илмӣ дошта, дар ҳавзаи амалкарди як илми мушаххас мафҳуми муайянеро ба шакли муъҷазу дақиқ ифода мекунад. Бояд таъкид кард, ки ҳангоми маънои истилоҳӣ пайдо кардани калима ва ё вожа ҳамаи маъниҳои дигари он қатъи назар мегардад.

Муҳаққиқони риштаи истилоҳот ва забони илм дар хусуси чигунагии истилоҳ талаботи гуногун пешниҳод кардаанд, вале муҳимтар аз ҳама, ба талаботи зерин ҷавобгӯй будани истилоҳ ҳатмист:

а) якмаъноӣ. Зарур аст, ки дар як илми мушаххас истилоҳ як мафҳуми илмиро ифода намояд;

б) саҳеҳӣ. Истилоҳ бояд аз ҷиҳати сохти дастурии худ ғалат набошад;

в) кӯтоҳиву муҷазӣ. Бояд истилоҳ ҳатталимкон кӯтоҳу муъҷаз ва осонбаёну осонфаҳм ва осоннавис бошад;

г) таркиб ва ё иштиқоқпазирӣ. Лозим аст, ки истилоҳ таркибпазир ва ё иштиқоқпазир бошад ва дар заминаи истилоҳ барои ифодаи мафҳумҳои дигар истилоҳоти нав сохта шавад;

ғ) мутобиқат ба савтиёт. Истилоҳе, ки барои ифодаи мафҳуми нав дар забон сохта ва ё аз забони дигар пазируфта мешавад, бояд дурушту даҳал ва хилофи қоидаҳои овоиву савтиёти забон набошад [186, 13].

Истилоҳ калимаест (ё ибораест), ки дар ҳавзаи амалкарди як илм мафҳуми комилан мушаххасро ифода мекунад, ҳамзамон, бо воҳидҳои дигари забонӣ, ки бо онҳо дар робита аст, як системаи муназзаму томи истилоҳотро ташкил медиҳад. Фарқияти истилоҳ аз калима ё вожаро чунин метавон таъин намуд:

1) истилоҳ-калима (ё ибора) ба вазифаи махсус аст;

2) истилоҳ маънии ягона, вижа ва дақиқ дорад, вале калимаи маъмулӣ метавонад сермаъно бошад;

3) истилоҳ бо мафҳум тобеияти ногусастанӣ дорад, вале на ҳар гуна калима ба мафҳум алоқаманд аст;

4) истилоҳ ҳадди муайяни маъноӣ дорад [186, 11].

Ҷойи шакку шубҳа нест, ки калимаҳо ё вожагон унсури асосии ҳар забон буда, аз нигоҳи забономӯзӣ муҳимтарин василаи ифодаи забонӣ ба ҳисоб мераванд. Азбаски калима, ё вожа муҳимтарин василаи ифодаи забонӣ ба ҳисоб рафта, вазифаву маъноҳои гуногун дорад, олимони забоншинос барои вай таърифу ифодаҳои гуногун муқаррар кардаанд. Воқеан, барои калима ё вожа метавон ҳам аз нигоҳи илмӣ, ҳам аз назари луғавӣ, ҳам аз нигоҳи маъноӣ ва ҳам аз нигоҳи овошиносӣ таъриф муқаррар намуд. Масъалаи истилоҳу истилоҳшиносӣ дар айни замон аз масъалаҳои муҳимтарини забоншиносии умумӣ ба ҳисоб меравад ва ҳанӯз дар ин масъала бисёр гиреҳу уқдаҳои нокушода ва ҷойи баҳсу баррасӣ мавҷуд аст [1, 94].

Забоншинос А.Д. Хаютин се тамоюли хоси истилоҳро таъкид месозад:

а) тамоюли якмаъноӣ. Ин ба он маънист, ки истилоҳ дар системаи муайяни истилоҳоти як илм танҳо як мафҳумро ифода мекунад ё тамоюли ифодаи як мафҳумро дорад;

б) тамоюли мустақилият аз контекст. Ин ба он маънист, ки ҳар қадар истилоҳ бештар ҷавобгӯи талаботи якмаъноӣ бошад, ҳамон қадар дараҷаи тобеияти вай ба контекст кам мешавад;

в) тамоюл ба бетарафии услубӣ ва баёнӣ (экспрессивӣ). Истилоҳ бояд берун аз экспрессия буда, мазмуну муҳтавояш фақат ба таносуби мантиқиву шайъӣ маҳдуд гардад ва дар «майдон»-и истилоҳии худ услубан бетараф бошад [198, 21-22].

Ин ба он маъност, ки истилоҳ бархилофи вожаҳои маъмулии забон аз обуранги бадеӣ ва хусусияти муассирӣ маҳрум аст. Забоншиноси маъруф Д.С. Лотте бори нахуст принсипу талаботи истилоҳсозиро ба миён гузошт, ки

мувофиқи он истилоҳ бояд дар доираи як соҳаи илм ё истеҳсолот дорои чунин хусусиятҳо бошад:

1. Якмаъной, яъне як истилоҳ дар соҳаи ҷудогона як мафҳумро ифода намояд ва ҳадду ҳудуди муайян дошта бошад. Истилоҳ чун вожаи муқаррарӣ сермаъно буда наметавонад.

2. Систематикӣ (силсилавӣ) бошад, мафҳумҳо дар доираи як соҳа бо ҳам наздик ва иртибот дошта, мураттабу доимӣ бошанд, силсилаи истилоҳот вуҷуд дошта бошад ва имкони аз як истилоҳ ё унсурҳои истилоҳсозӣ сохтани истилоҳи нав мавҷуд бошад: реша – ҳамреша, шахс – шахсӣ – бешахс – номуайяншахс – умумишахс – муайяншахс.

3. Дақиқ будани ҳудуди маъно ва ифодаи дурусти мафҳум. Ҳар як истилоҳ бояд маъно ва мазмуни мафҳумро саҳеҳу аниқ ифода намояд. Ҳар як мафҳуми махсус ҳадду ҳудуд ва сарҳади муайян дорад, ки ба туфайли тафсир ва таъриф (дефинитсия) муқаррар карда мешавад. Таърифи истилоҳ (дефинитсия) бояд кӯтоҳ, саҳеҳ, фаҳмо ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, муҳимтарин хусусиятҳои мафҳумро дар бар гирад. Истилоҳ муҳимтарин хосият ва барҷастатарин аломати ашё ё мафҳумро ифода намуда, дигар ҷиҳати ашё ё мафҳум аз тафсиру тавзеҳ ё таърифи истилоҳ равшан мегардад. Истилоҳ бо мурури замон ва пешрафти илм, пажуҳишу кашфиёти нав метавонад тафсиру тавзеҳи нав пайдо намояд (тақсимнашаванда будани атом - тақсимшаванда будани атом).

4. Истилоҳ баръакси вожаҳои муқаррарии забон аз обуранги бадеӣ ва хусусияти муассирӣ маҳрум мебошад. Вожаи муқаррарӣ ба истилоҳ гузашта, хусусияти илмӣ пайдо менамояд ва чун воҳиди илмӣ эҳтиёҷ ба хусусияти муассирӣ ва обуранги бадеӣ надорад.

5. Муродиф, муодил (вариант) ва айният (дублет) надоштани истилоҳ дар доираи муайяни илм ва низоми истилоҳсозӣ. Истилоҳ дар доираи соҳаи муайяни истилоҳот бояд муродифу муодил надошта бошад ва як мафҳум бояд ба як истилоҳ ифода ёбад.

6. Кӯтоҳӣ ва хушоҳангӣ. Истилоҳ бояд кӯтоҳу хушоҳанг бошад, то ки дар хотири хонанда нақш бандад ва талаффузи он осон гардад [138, 115-118; 47; 72-77].

Муҳаққиқи истилоҳоти техникии забони тоҷикӣ П. Нуров дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалии истилоҳ ва таҷрибаи сохтани истилоҳоти илмии техникӣ дар забони тоҷикӣ ба натиҷаи зерин расидааст, ки ба истилоҳоти ҳамаи соҳаҳои илму фан муштарак мебошад:

1) истилоҳ номи мафҳуми мушаххас дар ягон соҳаи тахассусӣ (илм, техника, адабиёт, тиб, ҳарбӣ, тиҷорат, истеҳсолот) аст;

2) истилоҳ калимае аз захираи луғавии забон буда, дар асоси қоидаҳои калимасозиву ибораороии забон сохта шудааст;

3) истилоҳ калимаи махсуси интихобие аз забони адабӣ аст, ки дар забони илм ба он ба таври сунъӣ (вале бошуурона) мазмуни муайяни илмӣ бор карда шудааст;

4) истилоҳ вожаи асосии забони илм буда, дар ҳар як соҳаи илм барои ифода кардани мафҳумҳои алоҳида истифода мешавад;

5) истилоҳ узви системаи истилоҳоти соҳаи муайяни илм буда, танҳо дар доираи ҳамин система вазифаи худро иҷро карда метавонад;

6) истилоҳ дар соҳаи илмию техникӣ соҳиби таъриф (дефинитсия) мебошад [170, 94].

Истилоҳ бо номвожа (номенклатура), ки объектҳои соҳаи муайяни илму донишро ифода мекунад, робитаи мустақиму ногусастанӣ дорад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки калимаи «номенклатура» аз вожаи лотинии «nomenclatura» - номнависӣ ба миён омада, аввал дар асри XVI дар забони фаронсавӣ ва баъдан дар ибтидои асри XVII дар забони ангилисӣ мавриди истифода қарор гирифтааст [198, 22].

Пайдоишу ташаккули истилоҳот ва лексикаи соҳавӣ яке аз равандҳои гуногунҷанба ба шумор рафта, ба рушду такомули ҳар як соҳа аз ҷиҳати эҷодиёти зеҳнӣ ва самтҳои забоншиносӣ вобастагии зич дорад. Бо

назардошти сохтори забоншиносии мантиқӣ ташаккули истилоҳот дар ду ҷанба инъикос мегардад: *ҳодисавӣ ва шуурӣ*. Дар асоси ақидаи М.Н. Володина, ҳар як истилоҳ аввалан дар шуур дарк гардида, баъдан бо ҷараёни тағйирёбии ҷомеа, яъне бо ҳодисаҳои гуногун рушд меёбад [38].

Бояд тазаккур дод, ки истилоҳоти интернетӣ низ яке аз истилоҳоти соҳавӣ бо ҷанбаҳои гуногуни ҳодисавӣ ва шуурӣ тағйир ёфта, ҳаррӯз дар рушду такомул мебошад. Бо таъсиси шабакаҳои иттилоотӣ ва пайдоиши мафҳумҳои касбиву соҳавие, ки бо истилоҳ таҷассум меёбанд, паҳншавии истилоҳоти интернетӣ хеле кам буд. Истилоҳоти интернетӣ танҳо дар доираи хурди мутахассисони ҳамон соҳа маъмул буд ва истилоҳоти соҳавӣ дар он замон он қадар мавқеи хосса надошт. Баъдан доираи истифодабарандагони интернет хеле зиёд гардид, аз қабили ҳарбиён, омӯзгорон, сипас корбарони ҳама сатҳ ва тахассус, ки боиси пайдо гаштан ва фарқ кардани луғатҳои махсус бо истифодаи мутахассисон ва забони корбарон шуд. Бо пешрафт ва беҳтар гардидани зинаи донишу малакаи компютерӣ ва интернет, технология дар шароити кунунӣ барои сохтани шабакаи интернетӣ муҳим нест, ки шахс мутахассиси веб-дизайн бошад, чунки бо рушду такомули технологияи иттилоотӣ бештари одамон аз истилоҳоти соҳаи интернет истифода мебаранд. Аҳамияти технологияҳои рақамӣ дар ҳаёти мо ба дараҷаҳои баландтар расидааст ва шумораи зиёди одамон вақти худро дар интернет сарф мекунанд, ҳалли тамоми мушкилоти рӯзмарраро дар он ҷо чустуҷӯ мекунанд. Теъдоди корбарони интернет дар ҷаҳон ба 4,54 миллиард нафар расидааст, ки ин нисбат ба соли гузашта (2019) 7% зиёдтар аст (298 миллион корбари нав нисбат ба моҳи январи соли 2019). Дар моҳи январи соли 2020 дар ҷаҳон 3,80 миллиард корбари ВАО-и иҷтимоӣ вуҷуд дошт, ки аудиторияи ВАО дар муқоиса бо соли 2019 9% афзоиш ёфт (ин дар як сол 321 миллион корбари нав аст). Имрӯз, беш аз 5,19 миллиард нафар аз телефонҳои мобилӣ истифода мекунанд, ки бо ин дар як соли охир (2020) 124 миллион нафар (2,4%) корбарони интернет афзудааст [51, 88].

Бояд қайд намуд, ки ташаккулу такомули истилоҳоти интернетӣ якчанд марҳиларо паси сар намудааст:

1. Солҳои 1962–1969 марҳилаи омодагӣ ном дошта, чунин истилоҳотро дар бар мегирад: *online – онлайн, teleconference – телеконференсия, data transfer – интиқоли маълумот, packet commutation – коммутатсияи баста, secure network – шабакаи бехатар, WAN (wide area network) – шабакаи васеъ, ARPANET (Advanced Research Projects Agency Network) – Шабакаи Агентии лоиҳаҳои пешрафтаи илмӣ.*

2. Солҳои 1969–1978 азнавшавии системаи ARPANET, ки чунин истилоҳотро фарогир мебошад: *IMP (Interface Message Processor) – Интерфейси протсессори паём, NCP (Network Control Problem) – Мушкилоти назорати шабака, FTP (File Transfer Protocol) – Протоколи интиқоли файл, TCP/IP (Transmision Control Protocol/ Internet Protocol) – Протоколи назорати интиқол / Интернет протокол, electronic mail – почтаи электронӣ, virus – вирус, data protection – ҳифзи маълумот* [229, 51-55].

3. Солҳои 1978–1984 марҳилаи камолоти ARPANET, ки дар доираи истилоҳоти мазкур инъикос меёбад*: cyberspace – фазои киберӣ, download – боркунӣ, telebanking – телебанкинг, domain – домен, voice mail – почтаи овозӣ, electronic mailbox – паёмдони электронӣ, multimedia – мултимедия, newsgroup – гурӯҳи ахбор, hacker – хакер, UUCP (Unix – to Unix Copy Program), RFC (Request for Comments) – дархост барои тафсирҳо.*

4. Солҳои 1984–1991 марҳилаи шабакаҳои илмӣ чунин истилоҳотро дар бар мегирад*: DNS (Domain Name System) – Системаи номи домейнҳо, Information Superhighway – Маълумоти фавқулода, virtual – виртуалӣ, Internet worm – Кирми интернет, vaccine – ваксина, FDDI (Fiber Distributed Data Interface) – Интерфейси маълумотҳои паҳншудаи нахӣ, IANA (Internet Assigned Numbers Authority) – Маъмурияти рақамҳои таъинкардаи интернет, telecottage – телекоттеҷ* [233, 126-146].

5. Солҳои 1991–1995 марҳилаи нави интернет ва тиҷоратикунонии интернет: *Internet Network Information Center – Маркази иттилоотии шабакаи интернет, web – веб, web site – вебсайт, home page – саҳифаи хонагӣ, HTTP (Hypertext Transfer Protocol), HTML (Hyper Text Markup language), URL (Uniform Resource Locator), MOSAIC (Multilingual Optimization System itnalysis for International Connectivity), search engine yahoo – системаи ҷустуҷӯии yahoo, WebCrawler, Alta Vista, Lycos, e – auction – музоядаи электронии eBay, Amazon.com, mail bomb – бомбаи почта, spam – ангалнома, surf – серф.*

6. 1995–2010 истилоҳоти тиҷоратии нав, номгӯи шабакаҳои навтаъсис ва истилоҳоти барномаву амнияти иттилоотиро дар бар мегирад*: RealAudio, Push Technology – Технологияи Push, dot com – нуқта.com, intermercial – тиҷоратӣ, portal – портал, Napster, peer – to – peer communication – муошират шарикона, macrovirus – макровирус, millennium bug – ишколи ҳазорсола, flash-worm – кирми флеш, spamdex – спамдекс, screenager – экран, off – liner – хомӯш.*

7. Дар баробари ин, ба андешаи мо, дар солҳои ахир низ таҳаввулоти назаррас дар низоми технологияи иттилоотӣ ва интернетӣ зуҳур карда, боиси гуногунрангӣ ва фарқиятҳои назаррас шуда бошад, ки ин ҳама метавонад ба марҳилаи нав далолат кунад ва ин марҳиларо метавон аз соли 2010 то инҷониб донист. Далели ин гуфтаҳо метавонад гурӯҳи истилоҳоти зерин бошад*: hashtag – хештег (ин барчаспест, ки дар бораи як мавзуи махсус дар твиттер суҳбат мекунанд), cloud -абр, cyberterrorism – кебертерроризм, e-journal – маҷаллаи электронӣ, e-learning – омӯзиши электронӣ, eye candy – сленг барои графикаҳои иловагӣ (ё тасвирҳо), ки ба саҳифаи интернетӣ дохил карда шудаанд, бо мақсади беҳтар кардани он*.

Дар баробари пайдо шудани шабакаи ARPANET системаи истилоҳоти интернетӣ низ рушду равнақ ёфт. Чи гунае ки аз марҳилаҳои дар боло таснифёфта равшан гардид, марҳилаи чорум ва панҷум нишондоди Шабакаи

ҷаҳонии интернет (www) мебошад. Марҳилаи мазкур боиси пайдо гаштани мафҳум ва истилоҳоти навини технологияи иттилоотӣ гардид.

Дар системаи истилоҳшиносии муосир якчанд намуди ташаккулёбии сохтори истилоҳоти интернетӣ мавҷуд мебошад: 1) мавҷудияти истилоҳоти махсусе, ки дар доираи мафҳумҳои соҳавӣ инъикос меёбад; 2) мавҷудияти системаи мафҳумҳои умумии марбут ба ин соҳа; 3) мавҷудияти назарияи тавсифкунандаи системаи мафҳумҳои ин соҳа; 4) мавҷудияти як забони муайяни табиие, ки дар доираи он мақсадҳои махсус таҳия шудааст ва воҳидҳои луғавии он метавонанд барои муайян кардани мафҳумҳо (ашё ва хусусиятҳои онҳо) ва системаи додашудаи мафҳумҳо истифода шаванд [132, 119].

Дар гурӯҳи якум, таърихи истилоҳоти интернет асарҳоеро дар бар мегирад, ки ба мушкилоти интернет бахшида шудаанд. Дар чунин бахшҳои мавзуӣ, ба монанди шунавандагони интернет, интихобот, тиҷорати электронӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, фарҳанги киберӣ, далелҳои созгор (ҷанҷолҳои шабакавӣ ва ҷанги иттилоотӣ), васоити ахбори омма, илм ва маориф, пешравии WWW (World Wide Web), сиёсат, порталҳо, ҳуқуқ, танзими интернет, таблиғ, ҷомеаҳо, сохтани шабака, назарияи коммуникатсионӣ ба назар мерасанд [172].

Дар гурӯҳи дуюми системаи истилоҳоти интернетӣ мавҷудияти системаи мафҳумҳои умумии интернетро дар мисоли технологияи WWW пайгирӣ кардан мумкин аст. Шабакаи ҷаҳонии интернет аз ҷониби миллионҳо веб-серверҳои дар саросари ҷаҳон ҷойгиршуда ташкил карда мешавад. Веб-сервер барномаест, ки дар компютери ба шабака пайвастшуда кор мекунад ва барои интиқоли маълумот протоколи HTTP-ро истифода мебарад. **Муайянкунандаи ягонаи захираҳо (URL-Uniform Resource Locators)**, барои муайян кардани захираҳо дар Шабакаи ҷаҳонии интернет ба кор бурда мешавад. Чунин локаторҳои URL технологияи мушаххаскунии URL ва системаи номи домейнро муттаҳид мекунанд. Барои дидани

иттилооти аз веб-сервер гирифташуда дар компютери муштарӣ барномаи махсус - браузер истифода мешавад. Вазифаи асосии браузери веб намоиш додани гиперматн мебошад. Гиперматн ба матни қайдшуда ишора мекунад, ки дорои истинодҳо ба манбаъҳои беруна мебошад. Одатан, HTML барои мусоидат намудан ба сохтан, нигоҳдорӣ ва намоиши гиперматнҳо дар интернет истифода мешавад. Тавре маълум гардид, гурӯҳи мазкур тамоми системаи мафҳумҳои умумиро дар доираи гиперматни веб-браузери интернет меомӯзад [123].

Дар соҳаи интернет назарияҳои алоҳида марбут ба мафҳумҳои системаи истилоҳот мавҷуданд. Ҳатто дар давраи ташаккули мафҳумҳои асосии истилоҳоти интернет якчанд назария вуҷуд дошт, зеро рушди технологияҳои шабакавӣ дар марҳилаи аввал дар якчанд марказҳои мустақил мутамарказ шуда буданд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико се маркази таҳқиқотӣ дар таҳияи заминаҳои назариявии ташкили шабакаҳои бехатарии интиқоли маълумот бо коммутатсияи пакет ширкат варзиданд: Институти технологии Массачусетс, Rand Corporation ва лабораторияи миллии физикии англисӣ. Аммо мубодилаи доимии ғояҳо ва таҳияҳо дар конфронсҳо, семинарҳо, намоишгоҳҳо назарияро ба якрангии нисбӣ меорад (яке аз чунин далелҳо гузариши ҳамаҷониба ба протоколи TCP / IP мебошад). Ҳамзамон, таҳияҳо ва ҳалли нав, дохил кардани омилҳои иқтисодӣ (ба монанди мавҷудияти шабакаҳои рақобатпазир ё системаҳои иттилоотии Compuserve, America online, ширкатҳои рақобатпазир, маблағгузорӣ, ба мисли NSFNET-National Sciense Foundation Network) боиси тағйирёбии назария мегардад.

Ин нукта мусаллам аст, ки забоншиносии интернетӣ барои мақсадҳои махсус дар асоси забони англисӣ тарҳрезӣ гардидааст, ки онро омӯзиши хусусиятҳои лингвистии забони интернет, таҳқиқи истилоҳоти луғатҳои интернетӣ ва монографияҳо тасдиқ мекунад. Бо назардошти ин тавзеҳот, мо ба хулосае меоем, ки дар доираи усули воқеии истилоҳот, терминологияи

интернет як системаи истилоҳоти басо ҳам густарда ва мунтазам дар ҷараёну такомул қарор дорад, ки асоси он дар муддати хеле кӯтоҳ ба вуҷуд омадааст, аммо худи система ҳоло ва минбаъд низ рушд мекунад.

1.2. Интернет: таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти он

Дар ҷомеаи имрӯзаи мо бо рушди рӯзафзуни техникаву технологияҳои нав зарурати омӯзиш ва пажуҳиши бахшҳои мухталифи илм ба миён омадааст. Дар охири садаи ХХ-ум ва авоили қарни ХХI барномаҳои зиёди компютерӣ дар омӯзиши илмҳои гуногун истифода мегардид ва нақши интернет ва истифода аз он зиёд гардид. Компютер имконоти зиёди захирасозии маводро дар хотира, коркарди он ва гирифтани иттилоотро дорад ва онро дар хидмати инсон қарор медиҳад. Интернет дар ҷомеаи имрӯза нақши муассире мебозад. Истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар илми забоншиносӣ яке аз бахшҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд истилоҳшиносӣ нисбатан бахши нави илми забоншиносӣ ҳисоб шавад ҳам, дар атрофи он назарияҳои гуногун аз ҷониби донишмандон иброз шудааст. Аввалин маротиба ин назарияҳо дар ибтидои асри ХХ пайдо шуданд. Оид ба ин масъала муҳаққиқи тоҷик С. Назарзода чунин ибрози андеша мекунад: «Нахустин роҳбарони фаъолияти истилоҳгузинӣ ва бунёдгузорони ин илм дар Иттиҳоди Шуравӣ академик Д.С. Лотте буданд, ки дар ибтидои солҳои 30 садаи ХХ асосҳои назарӣ ва методологии онро муайян намуданд» [165, 26].

Технологияиҳои компютерӣ ҳар чи бештар ва бештар ба зиндагии мо дохил шуда истодааст. Компютерикунонии муассисаҳо, теъдоди одамоне, ки компютерро бо ҳадафҳои мухталиф истифода мебаранд, ба ин шаҳодат медиҳанд. Мошинҳои ҳисоббарор, ки такомули ҳамешагиашон ба инқилоби компютерӣ ва пас ба инқилоби интернетӣ оварда расонд, таърихи такомул ва тасаввури худро доранд, ки решаи он ба қаъри асрҳо роҳ мекушояд, ба он давроне, ки ниёгони дури мо ба муомилоти пулию молӣ оғоз намуданд. Дар ҳамон айём барои онҳо асбобе барои роҳандозии ҳисоб зарур омада буд. Дар

аввалҳо чӯбчаҳои ҳисобӣ, сангчаҳо ва зиёда аз 1500 сол пеш аз ин (шояд аз ин ҳам хеле пештар бошад) барои осон шудани ҳисоб асбоберо бо номи *абакус* истифода менамуданд, ки ба *счёт* монанд буд.

Аввалин мошини ҳисоббарори ҳақиқӣ соли 1645 пайдо шуд. Блез Паскал (1623-1662) писари корманди андози Фаронса дастгоҳи механикии ҳисоббароре ихтироъ кард, барои он ки кори падарашро, ки шабурӯз дар паси ҳисобҳои якнавохту дилгиркунанда менишаст, осон намояд. Ин мошин фақат як амали арифметикӣ – амали ҷамъро иҷро мекард. Ӯ дастгоҳи ихтироънамудаи худро «ҳисобкунаки чамбардори рақамӣ» номгузорӣ кард, ки баъдтар номи «Паскалин»-ро гирифт [287].

Соли 1694 файласуф ва риёзидони олмонӣ Готфрид Вилҳелм фон Лейбнитс [144] (1646-1716) «Паскалин»-ро тавре такмил дод, ки ба воситаи он ҳамаи амалҳои арифметикӣ иҷро карда мешуданд. Барои ба воситаи он мошин ҳисоб кардан одам бояд худ тартиби амал ва тамоми мантиқи ҳисоббарориро интихоб мекард. Мошинҳои ҳисоббарор ба он маъние, ки мо имрӯз ин истилоҳро мефаҳмем, маншаи худро аз дигар дастгоҳ мегиранд, ки даҳсолаҳо баъдтар аз корҳои Паскал ва Лейбниқ аз ҷониби математики англис Чарлз Бэббиҷ (1791-1871), мудири кафедраи математикаи донишгоҳи Кембриҷ сохта шуда буд. Ӯ идеяи мошини ҳисоббарори тариқи барнома идорашавандаро пешниҳод намуд, ки онро «мошини аналитикӣ» номид. Математики англис кӯшиш намуд, ки дастгоҳи ҳисоббарории универсалие созад, ки мебоист бе дахолати одам ҳисобро иҷро мекард, аммо лоиҳаи ӯ аз имкониятҳои техникии замони худаш пешқадамтар буд ва дар амал татбиқ ҳам нагардид. Бо вуҷуди ин, ӯ ҳамаи идеяҳои асосиро коркард намуд ва соли 1943 Горвард Эйкени амрикоӣ бо ёрии корҳои Бэббиҷ дар асоси технологияи асри XX релеи электромеханикӣ дар яке аз ташкилотҳои IBM тавонист чунин як дастгоҳеро бо номи «Марк-1» созад.

Соли 1946 мошинаи ҳисоббароре ба кор бароварда шуд, ки аллакай на дар асоси реле, балки дар асоси лампаи электронии дар Университети

Пенсилванияи ИМА таҳти роҳбарии Ҷон Маучли коркардшуда фаъолият мекард. Мошин, ки ENIAC (Electronic Numeral Integrator and Computer) номида мешуд, ҳазорон маротиба тезтар аз Марк-1 кор мекард, аммо дастгоҳи дохилии хотиравӣ барои нигоҳ доштани фармонҳо дар он дида намешуд. Аввалин МЭҲ (Мошинаи электронии ҳисоббарор), ки ҳамаи таркибҳои мошинаҳои муосирро дошт, мошини англисии EDSAK (Electronic Delay Storage Automatic Calculator) буд, ки соли 1949 дар Донишгоҳи Кембриҷ сохта шуд. Дар он аввалин маротиба принсипи «барномаҳои захиравӣ» дар амал татбиқ карда шуданд, ки дар давоми солҳои 1945-ум аз ҷониби математики олмонитабори амрикоӣ Ҷон вон Ҳерман (1903-1957) барномарезӣ карда шуда буд [241]. Бо пешрафти техникаи ҳисоббарор илми нав пайдо шуд, ки бо информатика алоқамандӣ дошт, – кибернетика – илм дар бораи идоракунӣ ҳамчун яке аз равандҳои асосии информатсионӣ, ки асосгузораш математики амрикоӣ Норберт Винер мебошад. Навгониҳои соҳаи компютер ба баланд рафтани иқтидор ва ихчам кардани ҳаҷми компютерҳо мусоидат карданд, ки ба пайдо шудани компютерҳои инфиродӣ оварда расониданд, дар натиҷа, солҳои 80-уми асри гузашта техникаи ҳисоббарорро оммавӣ ва ба ҳамагон дастрас гардониданд.

Аз донишмандони ҷавоне, ки ба истилоҳоти ин соҳа таваҷҷуҳ намудаву дар робита ба дигаргунии бахшҳои сохториву семантикии барномаҳои компютерӣ, аз ҷумла истилоҳоти интернетӣ пардохтааст, З. Мусоямов [159] мебошад. Муҳаққиқи ҷавон масъалаи ташаккули маъно ва сохтору вижагиҳои корбурдии истилоҳоти компютерии марбут ба нармафзори онро мавриди таҳлилу баррасӣ ва муқоисаву муқобала қарор додааст.

Ҳангоми баррасии мавзуи мазкур мушоҳида намудем, ки мушкилоти асосӣ дар истилоҳоти интернетии тоҷикӣ вомгирии бебанду борва носуфтагиву духӯрагӣ дар он мебошад. Воқеан, “дар ҳар забоне гирифтани иқтибос ва ориятгирӣ ногузир аст ва дар баъзе шохаҳои истилоҳ фаровон роҳ

меёбад. Ин ҳақиқат бе баҳс аст ва дар бисёр ҷойҳо аз онҳо ҷойи гурез нахоҳем ёфт” [219, 267]. Вале истилоҳи ориятгирифта бояд дақиқ, шаффоф, тасрифпазиру иштиқоқпазир, кӯтоҳ, фаҳмо ва дар чорчӯбаи дастурии забони ориятгиранда бошад. Аз ҳама муҳим аз ҳама гуна духӯрагиву печидагӣ холӣ бошад, зеро ваҳдати истилоҳ барои пешрафти илм ва иртибот миёни аҳли он шарти нахустин аст.

Ба таъбири М.Шукуров, “истилоҳ бояд чунон бошад, ки ба густариши робитаҳои илмии байни кишварҳо монеъ нагардад, балки мусоидат кунад. Ҷанбаи байналмилалии истилоҳот бо рисолати миллии он зид нест. Агар истилоҳот чунон бошад, ки рисолати миллии худро бо хубӣ адо карда тавонад, вазифаҳои байналмилалии худро низ иҷро хоҳад кард” [217, 4].

Барои таъйиди ин гуфтор метавон дар зер бархе истилоҳоти маъмули интернетиро ҳамчун намуна овард. Сараввал истилоҳи “компютер” дар забони англисӣ ҳамчун мошинаи ҳисоббарор истифода мешуд. Дар асл ин истилоҳ аз феъли “to compute” яъне “***ҳисоб кардан”*** аст. Ин калимаи овардашуда таърихан аз калимаи лотинӣ «computāre» бо мафҳуми ҳисоб намудан гирифта шудааст [225, 24]. Дар забони тоҷикӣ муодили ин истилоҳ ибораи истилоҳии “мошинаи электронии ҳисоббарор” оварда шудааст, ки бинобар носуфтагӣ ва тулонӣ будан аз ҷониби соҳибзабонон корбурди кам дорад.

World Wide Web истилоҳи муҳимме дар шинохти интернет мебошад. Муодили тоҷикии истилоҳи «World Wide Web» «Шабакаи умумиҷаҳонӣ» мебошад. Ҳарчанд бисёре аз корбарон истилоҳи Internet ва Web-ро синоним шуморанд ҳам, вале чунин нест, чун вазифаи шабакаи Internet таъмини техникии кори шабакаи Web мебошад. Дар сурати муродиф шуморидани Internet ва Web маънои истилоҳии ин вожаҳо зери суол меравад, зеро яке аз шартҳои усулии истилоҳ ин муродифнопазирии он ба шумор меравад. Дар баробари ин, истилоҳ дар забони тоҷикӣ ибораҳои “Шабакаи умумиҷаҳонӣ” ва “Шабакаи ҷаҳонии интернет” истифода мешавад, ки ба гунае ифодагари

истилоҳи «тори умумиҷаҳонӣ» мебошад. Маҳз ҳамин муродифпазириву духӯрагӣ дар муодилҳои тоҷикии World Wide Web сабаби ба таври хуб пазируфта нашудани онҳо аз ҷониби корбарони тоҷик гаштааст.

Бо таҳлили мавзуъ метавон натиҷагирӣ намуд, ки мушкилии асосии истилоҳсозии интернетӣ дар мо ин ба таври бояду шояд истифода нанамудани имкониятҳои калимасозии забони тоҷикӣ мебошад. “Ҳангоме ки китобҳои истилоҳотро аз назар мегузаронем, мебинем, ки танҳо се-чор навъи калимасозии тоҷикӣ истифода шудааст, аммо имкониятҳои бепоёни забони мо аз доираи диққат берун мондааст” [217, 203].

Мушкилии дигар ин пойбандӣ ба маънои калкавии истилоҳот мебошад, дар ҳоле ки дар истилоҳсозӣ метавон на ба маънои ҳарфии он, балки ба яке аз хусусиятҳои предмет ишора ва онро номгузорӣ намуд. Масалан, дар англисӣ ҷиҳати ҳисобнамоии компютерро ба инобат гирифта, ба он “компютер” ном ниҳодаанд, дар ҳоле ки дар забони фаронсавӣ ба компютер “l’ordinateur” гуфта мешавад, ки он на ба хусусияти шумориш, балки ба сифати батартибдарорӣ ва батанзимории компютер ишора мекунад [282].

Зимнан мебояд ёдовар шуд, ки забони илм ва истилоҳоти илмӣ, махсусан истилоҳоти интернетӣ сурати воқеиву аслии дараҷаи пешрафти илм ва намоёнгари сатҳи тафаккури аҳли ҷомеа дар фосилаи муайяни таърихӣ мебошад. Илова бар ин, маҷмуи истилоҳоти интернетӣ барои дарёфти донишҳои нави умумибашарӣ замина муҳайё мегардонад, забон ва тафаккурро ба пазироии мафҳумҳои муҷарради илмӣ омода месозад, рушди онро ба сатҳи баландтар мебардорад.

1.3. Заминаҳои назарии забоншиносии интернетӣ

Сарфи назар аз баъзе камбуду нуқсонҳои ҷойдошта, истилоҳоти интернетӣ дар забоншиносии тоҷик рушду нуму карда истодааст. Истилоҳоти забоншиносии тоҷик, то ин дам шебу фарозҳои зиёдеро паси сар намудааст. Нахустин китобҳои грамматикии забони тоҷикӣ таҳти таъсири

дастурҳои забони арабӣ таълиф ёфтаанд, пас, он истилоҳоти русӣ ва ба воситаи он истилоҳоти забонҳои Аврупо, хусусан забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд. Агар имрӯз ба сайри таърихии инкишофи истилоҳоти забоншиносии тоҷик назар кунем, хоҳем дид, ки сарчашмаи асосии он ҳамин ду забон, арабӣ ва русӣ мебошанд.

Соли 2007 забоншиноси рус Е.И. Горошко пешниҳод намуд, ки дар доираи омӯзиш ва таҳқиқот метавон аз забоншиносии муосир як шохаи алоҳидаеро бо номи “забоншиносии интернетӣ” ҷудо кард [53-223]. Аммо аз тарафи ин забоншинос баъд аз чопи мақолааш, ки ба ин масоил бахшида шуда буд, дигар пажуҳише дақиқ нашудааст. Баъдан соли 2008 дигар забоншиноси рус Л.Ф. Компансева [118] истилоҳи “забоншиносии интернетӣ”-ро пешниҳод кард ва назарияи худро дар ин самт иброз кард. Инчунин, Дэвид Кристал пешниҳод менамояд, ки тамоми самтҳои таҳти пажуҳиши ҳамаҷониба қарордошта номгузорӣ карда шаванд.

Имрӯзҳо дар ҳама шохаҳои забоншиносии тоҷик, хусусан дар бахши забоншиносии интернетӣ теъдоди зиёди истилоҳоте ба назар мерасанд, ки бевосита ва ё бо роҳи тарҷумаи таҳтуллафзӣ аз забони англисӣ ва ё русӣ ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд. Мисол: *blog – блог – вебнавишт, chat – чат – гап, daily – дневной – якрӯза, data – данные – додаҳо, go to - перейти к – бирав ба, wireless – беспроводной – бесим, like – лайк – лайк (писанд аст), log in, login – войти – даромадан, ворид шудан, enter – ввод – даровард, online, on-line – онлайн – онлайн (бархат), download – загрузка файлов – боркунӣ.*

Вобаста ба корбасти истилоҳот ва истилоҳнигории тоҷик бисёре аз забоншиносони тоҷик фикру ақидаҳои худро нигоштаанд. Яке аз забоншиносони маъруфи тоҷик, профессор Мирзо Ҳасани Султон роҷеъ ба корбасти истилоҳоти забони тоҷикӣ чунин андеша дорад: “Мо имрӯз дар масъалаи корбасти истилоҳот ва истилоҳнигории забони модарӣ ба мушкилот дучор омадаем, зеро дар даврони пешрафти беназири илму фан

истилоҳнигорӣ ба сифати омили тавонбахш ва ғаниафзои забон дар ҷомеаи мо аҳамияти бештар пайдо кардааст.

Аз ин хотир, моро зарур аст, ки барои ифодаи мафҳумҳои навтарину нозуктарини илму техника аз ҳамаи имконоти забони модарӣ самаранок истифода барем. Ба воситаи эҳёи қолабҳои суннатии истилоҳнигорӣ шоҳраги пӯёи забони модариро ба таҳрик оварда, ғаниафзоии забонро ҳам аз ҳисоби вожасозии дохилизабонӣ ва ҳам аз ҳисоби иқтибосгирии оқилонаи истилоҳот таъмин намоем” [186, 13].

Чунончи оид ба муайянсозии истилоҳ ақидаи ягона вуҷуд надорад, айни ҳол дар илми забоншиносӣ низ дар мавриди миқдори намуди вожаҳои махсус ва истилоҳоти оммафаҳм барои номгузории онҳо ақидаи ягона вуҷуд надорад. Дар қатори истилоҳот, инчунин, воҳидҳои лексикии дигар низ вуҷуд доранд, ки онҳоро муайян карда, чунин шарҳ додаанд: номгузорӣ ягона мафҳум ва инчунин қисми махсуси мафҳуме мебошад, ки аз ҳамон як истилоҳ ташаккул ёфтааст.

Ҳанӯз ҳам дар бахши истилохшиносӣ бахшҳои таҳқиқнашудае мавҷуданд, ки мавриди таҳқиқу омӯзиши пурра қарор нагирифтаанд. Яке аз ин бахшҳо ин истилоҳоти интернетӣ ба шумор меравад. Истилоҳоти интернетӣ на танҳо дар забони тоҷикӣ, ҳатто дар дигар забонҳо пажуҳиши комил нашудаанд, ҳарчанд аз соли 1998 инҷониб мақолаҳое ба чашм мерасад, ки фарогири омӯзиши қисме аз истилоҳоти интернетӣ ҳастанд. Дар самти баъзе ҷанбаҳои истилоҳоти компютерӣ бошад, муҳаққиқон Т. Шарифов ва З. Мусоямов таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд. Вобаста ба истилоҳоти компютерӣ муҳаққиқ З. Мусоямов чунин ибрози андеша доранд: “Аз нигоҳи мо пешрафти минбаъдаи забоншиносии компютерӣ шояд аз интернет ва сохтори системаҳои алоҳида вобаста бошад. Дар рафти пажуҳиши хусусиятҳои сохторӣ аввалан дар мадди назар диққати асосиро бояд ба сохти истилоҳ равона кард. Таҳқиқотҳои дар якҷоягӣ анҷомдодаи

истилоҳшиносони миллӣ ва дигар олимон метавонанд, асосан, ба як шакли муайян даровардани истилоҳот бошанд” [159, 114].

Яке аз истилоҳоти серистеъмоли интернетӣ – *google (-гугл),* ки ҳамарӯза аз ҷониби тамоми истифодабарандагони интернет васеъ истифода мешавад, хеле маъмулу мустаъмал мебошад. Истилоҳи *Google* аввалин маротиба соли 1938 дар истилоҳшиносии математикӣ пайдо шуд, ки маънои *сад сифрро* дошт. Дар истилоҳоти интернетӣ аввалин маротиба соли 1996 аз тарафи Лери Пейҷ ва Сергей Брин ҳамчун *search project (лоиҳаи ҷустуҷӯӣ)* истифода шудааст.

Бо ҳар чи қадар бештар такмил ёфтани компютерҳо, захираи луғавии бузурге низ ташаккул ёфт, ки имрӯз маълуму машҳур аст. Дар аввалҳо ин забон хоси мардумони таълимдида ва барои оммаи васеъ дастнорас буд. Намояндагони соҳаи компютер ба таври пӯшида ва касбӣ, дар доираи ҳамин соҳа, бо ҳам муошират мекардад. Бо саршавии инқилоби компютерӣ дар солҳои 80-ум ин захираи луғавӣ ва иловаҳои навини он дастоварди омма мегарданд. Воҳидҳои забонӣ аз лексикони маҳдуди барномасозон ва мутахассисони техникаи компютерӣ ба гурӯҳи калимаҳои умумиистеъмол мегузаранд, зеро теъдоди одамони бо компютер сарукордошта мунтазам афзоиш меёбад. Баробари ин падида боз як раванди аз нуқтаи назари забоншиносӣ қонунманд, яъне шаклгирии забони махсуси компютерӣ пайдо мешавад.

Дар охирҳои асри XX шабакаи интернет пайдо шуд, ки имрӯзҳо ҳаёти одамонро дар ҷомеаи муосир бе он тасаввур кардан мушкил аст, ҳамзамон, ба маданияти ҷомеа, монанди воситаҳои алоқаи телефон ва телевизор, таъсири бузург мерасонад. Интернет (аз решаҳои англисии «inter» (байн) ва «net» (шабака)), системаи умумиҷаҳонии шабакаҳои компютерии байни ҳам алоқаманд ва одамони корбарандаи онҳо, аз ашхоси муваффақи ҷомеа ба ҳисоб мераванд. Вазорати дифои ИМА ҳадафи сохтани шабакаи компютериро гузошт, ки амнияти алоқа ва коммуникатсияро дар рафти

мубодилаи зарбаҳои ядроӣ таъмин намояд ва ба мутамарказ намудани идораи объектҳои шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ дар давоми муҳлати ҷанг мусоидат намояд. Шабакаи ARPANET коркард карда шуд, ки як тори анкабутро мемонд ва имконияти интиқоли ахборот аз як тараф ба тарафи дигарро дошт. Дар аввалҳо ARPANET фақат дар ҳудуди ИМА фаъолият мекард, соли 1972 аввалин намоиши шабака дар Конференсияи байналхалқӣ оид ба алоқаи компютерӣ гузаронида шуд. Ҳамон вақт Р. Томлисон, барномасози амрикоӣ, системаи почтаҳои электрониро барои осон кардани алоқа дар байни истифодабарандагони ARPANET коркард карда баромад ва барномаи паёмакҳои почтавиро навишт, ки бо ёрии шабака фиристодан мумкин буд. Вай истифодаи аломати @-ро пешниҳод намуд, ки то кунун қисмати ҷудонашавандаи ҳар як адреси электронӣ ба шумор меравад.

Аҷиб он аст, ки онро дар мамлакатҳои гуногун бо номҳои мухталиф номбар мекунанд: дар Россия «сабачка», Тоҷикистон «сагча ё санҷобак», Дания «хартуми фил.», Гретсия «мурғобича» ва дар Германия «маймуни овезон». Соли 1974 протоколи универсалии додугирифти ахборот ва шабакаи ягона Transmission Control Protocol/Internet Protocol (TCP/IP) – ‘the mother tongue of the Internet’ коркард карда шуд [240]. Соли 1980 Вазорати Дифои ИМА ARPANET-ро ба ду қисм тақсим кард: MILNET (Military Network– шабака барои ҳалли масъалаҳои ҳарбӣ), ки то имрӯз фаъолият дорад ва худи ARPANET (шабака барои лоиҳаҳои корбарон), ки соли 1990 мавҷудияти худро аз даст дод ва вазифаи онро NSFNET (National Science Foundation NETwork) давом медодагӣ шуд. Тақрибан 10 сол баъд аз пайдо шудани ARPANET дигар шабакаҳо низ ба вуҷуд омаданд: BITNET (Becouse It’s Time Network), CSNET (Computer Sciense Research Network), FIDONET (Fido Net) ва монанди ин. Соли 1991 Лабораторияи аврупоии физикаи амалӣ дар шаҳри Женева ва муҳандиси англис Тим Бернес-Ли ба вуҷуд омадани протоколи ба ҳама машҳури WWW-ро дар асоси технологияи гипертекст эълон карданд.

Маҳз аз ҳамин давра пешрафти босуръати истилоҳоти Интернет оғоз гардид [253, 125].

Имкониятҳои интернет хеле васеъ мебошад ва одамон аз он ба таври васеъ истифода мекунанд ва қайд кардан зарур аст, ки воситаи асосии таҳрикдиҳандаи ин шабакаи бузургу номаҳдуди умумиҷаҳонӣ забони инсон буда, бидуни забон интернетро, аслан, тасаввур кардан номумкин аст. Онҳо хабарҳои навро дастрас мекунанд, ки метавонанд хеле гуногунранг бошанд: аз каталоги китобхонаҳо, аз матни китобҳои қадима сар карда, то номгӯи оҷонсиҳои амволи ғайриманқул, дастурҳои пӯхтупаз, ахбороти тозанашр, обу ҳаво, барномаҳои телевизионӣ ва ҳалли масъалаҳои мактабӣ. Олимон ба воситаи шабака натиҷаҳои таҳқиқотҳои охирин ва таҷрибаи илмии худро мубодила мекунанд. Ташкилотчиёни конференсия ва ауксионҳо ахборот пахш мекунанд, алоқа пайдо мекунанд ва тавассути шабакаи ҷаҳонӣ иштирокчиёнро ба қайд мегиранд. Имрӯз интернет миллионҳо компютерро бо ҳам пайваст мекунад, ки ба миллионҳо корбарон дар саросари курраи Замин хизматрасонӣ мекунанд ва ин теъдод босуръат афзоиш ёфта истодааст. Интернет дар байни онон шуҳрати калон касб карда истодааст. Ҳатто суруди Web Rap низ вуҷуд дорад, ки аз ишқи фарогир нисбати интернет ҳикоят мекунад:

I'm a surfer boy, and I love surfing day and night,
And if I can't go surfing, life doesn't seem right.
I've spent lots of evenings browsing through cool pages,
I've joined on-line discussions that go on for ages.
Have you ever travelled the world by modem, baby?
Have you ever surfed the web in your life, maybe? /
Surfing, surfing, surfing. Have you tried it yet?
I love to go web surfing on the Internet [243].

Пайдо шудани падидаи нав – интернет дар ҳаёти ҷомеа аз паси худ шаклгирии забони махсусро овард, ки ба соҳаи нави технологияи компютерӣ

хизматрасонӣ мекунад ва бо ҳамин роҳ захираи луғавии компютериро ғанӣ ва васеъ мегардонад. Забони ба соҳаи нав хизматкунанда ба модификатсия дучор мешавад, илова бар ин, тағйиротҳои забонӣ ончунон вусъат меёбанд ва ҷаҳонӣ мешаванд, ки ҳамакнун дақиқан нишон додани сатҳи он шояд душвор бошад. Сухан дар бораи пайдоиши забони шабакавӣ ва ё электронӣ, махсусан дар муносибат бо ҷомеаи забонии англисзабон меравад. Чунин истилоҳоте ба кор бурда мешаванд: *electronic language - забони электронӣ, cyberspeak-киберзабон, geekspeak - забони техник, Weblish - вебзабон, netlish - торзабон webspeak - вебгуфтор, e-speak - э-гуфтор, Internet language - забони интернет, electronic discourse-суҳбати электронӣ* ва монанди ин.

Интернет диққати ба таври кофӣ фаъоли муҳаққиқонаи олимони соҳаҳои гуманитариро ба худ ҷалб кардааст, аз қабили равоншиносон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, ҳуқуқшиносон, файласуфон, ҳамчунин, дигар риштаҳои илм. Дар ин росто муносибати шабакаҳои иттилоотии муосир, технологияи компютерӣ ва интернет бо забон ва илми забоншиносӣ ба таври махсус ва беш аз ҳамаи илмҳои дигар ногусастаниву мунтазам ва пайваста муаррифӣ мешавад. Диққати равоншиносонро масъалаҳои муносибатҳои дохилигурӯҳӣ дар гурӯҳҳои интернетӣ, шавқу рағбати гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагон, таъсири таҷрибаи истифодаи интернет дар рафтори рӯзмарра, масъалаҳои гирифтории интернетӣ ба худ ҷалб кардааст. Сиёсатмадоронро масъалаҳои ташкил намудан ва амалӣ кардани ҳокимияти электронӣ, нақши интернет дар муоширати сиёсии ҷомеа, муносибати байниҳамдигарии интернет ва демократия ба худ ҷалб кардаанд. Иқтисоддонон ба нишондиҳандаҳои иқтисодии пешрафти интернет, густариши технология ва нишондодҳои савдои электронӣ, реклама, самаранокии иқтисодии сармояҳои ба такмили сайтҳо ва ташкилотҳои хизматрасонии шабакавӣ, интернетикунонии ҷойи кор ва раванди таълим таваҷҷуҳ мекунанд. Ҳуқуқшиносонро масъалаҳои ҳуқуқи муаллифӣ дар шароити интернет, тартиб додани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои ба танзим

даровардани фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар интернет ҷалб кардааст. Диққати файласуфонро масъалаҳои назарии муносибати байниҳамдигарии интернет ва ҷаҳонишавӣ, интернет ва ҷомеаи ахборотӣ, таносуби мувозинати мустаорият (анонимият ва дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ) ва бехатарии ҷомеа ба худ ҷалб кардааст. Таваҷҷуҳи ҷомеашиносонро шумораи умумӣ ва сохтори ҷамъиятҳо (аз рӯи аломатҳои басомади корбурд ва иҷтимоию демографӣ), муносибати интернет ва зернизомҳои гуногуни иҷтимоӣ (фарҳанг, сиёсат, иқтисод, маориф), мавқеи интернет дар ҷомеа, сохтори дохилии он ба худ ҷалб кардаанд. Таваҷҷуҳи суханшиносону забоншиносонро дар навбати худ хусусиятҳои забони ба ин соҳа хизматрасон, ки як падидаи аҷиби забонӣ мебошад, ҷалб намудааст.

Дар доираи забоншиносии интернетӣ лексемаҳои интернетӣ маъмулан дар аксари ҳолатҳо калимаҳои одии забони меъёрӣ мебошанд, ки ба дигаргуншавиҳои калимасозӣ дучор шудаанд, *mailer – барномаи почтавӣ, froggy (program) барномаҳои печдарпеч (душворфаҳм), hedgehog – корбари бетаҷриба*. Мисоли эҷодкориҳои муаллифӣ *(cionage)* метавонад *syberspace* бошад (аз решаи юнонии *Kybernan – to govern, ҳукумат кардан*), истилоҳ аз тарафи Вилям Гибсон [254] эҷод шуда, аввалин маротиба дар повести илмӣ-фантастикии ӯ “Neuromancer”, ки дар он ҷаҳони компютерӣ ва ҷомеаи дар он зиндагикунандаро тасвир кардааст, истифода шудааст. Дар қатори калимаҳои меъёрӣ дар интернет вожаҳои махсуси касбӣ аз зерсохтори илмҳо истифода мешаванд, масалан аз истилоҳоти тиббӣ *virus – вирус, hygiene – тадбирҳое, ки барои пешгирии вирус задани компютер роҳандозӣ мешаванд, clone – нусхаи дуздии таъмини барномавӣ ва ҳарбӣ, password – гузарвожа/парол, (leter) bomb – пайғоми почтавие, ки дар дохилаш замимаи вирусӣ дорад, explode – паридан, кафидан (доир ба компютер ё система), (geek – мутахассиси компютер, nerd – коршиноси компютерӣ, dweeb – корбаре, ки имкониятҳои интернетро нодуруст ба кор мебарад, масалан пайғомҳои*

ҳаҷман калон мефиристад, glitch – саҳв дар таъминоти асбобӣ, zap – партофтан (удалить).

Забоншиносии интернетӣ, аз як тараф, зерсохтори махсуси забониро ташкил мекунад, аз тарафи дигар, аз рӯйи қоидаҳои забони умумимиллӣ пеш меравад. Чи тавре таҳлили низоми забонии интернет-дискурс, бар мабнои маводи забони англисӣ нишон медиҳад, метавон чаҳор гурӯҳи лексемаҳои ин доираи лексикӣ-семантикиро ҷудо кард.

Гурӯҳи якумро *истилоҳоти техникии қабулшуда*, номи барномаҳо, фармонҳо, дастгоҳҳо, забонҳои барномасозӣ ва амсоли инҳо ташкил мекунанд, ки дар ҳуҷҷатгузории техникии дахлдор қайд мегарданд: *MUSH – барномаи намуди МАШ (таваҳҳуми серкорбар), fiber optic cable – ноқили сернахи зуҷҷоҷӣ, PHP (Hypertext Preprocessor) – скрипт - забони Пи-эйч-пи*. Истилоҳот метавонанд ҳамчун воҳидҳои якреша, дуреша ва бисёрреша баромад кунанд, яъне метавонанд мураккабу таркибӣ шаванд, *byte – байт, public key- калиди умумӣ (кушод), distributed file system – системаи файлии тақсимшуда.*

Воҳидҳои истилоҳӣ дар забоншиносии интернетӣ яке аз манбаъҳои муҳимми ғанигардонии фонди луғавии забонҳои муосир мебошанд. Дар ҳоли ҳозир миқдори истилоҳоти илмҳои алоҳида метавонанд аз миқдори калимаҳои ғайриистилоҳии забон зиёд бошанд. Дар раванди инкишофи босуръати ягон соҳаи илм ё техника инъикоси фаъолонаи дастовардҳои он тавассути воситаҳои ахбори омма оғоз мегардад ва гузариши истилоҳоти алоҳида аз истифодаи махсус ба умумӣ ба назар мерасад. Дар ин ҳолат истилоҳот маънои дақиқи илмии худро аз даст медиҳанд, соҳаи истифодаи худро васеъ мекунанд ва ғайриистилоҳишавии (детерминологизатсияи) онҳо ба амал меояд. Ғайриистилоҳишавӣ метавонад ду давраро аз сар гузаронад: 1) дохилшавии истилоҳ ба таркиби луғавии забони умумӣ бо маънои истилоҳии худ; 2) дар забони умумӣ тағйирёбии маъноии ин «истилоҳ» ва дар асоси он пайдо шудани калимаи рӯзмарра (дар аксари ҳолатҳо ба маънои

маҷозӣ) [187, 134]. Мисоли ин ҳодиса истилоҳи *download – боргирии ахборот аз компютери дигар ба компютери худ ба воситаи модем ё пайвастҳои шабакавӣ* шуда метавонад. Мисол: *You can download this software for free* [284]. Ин истилоҳ ба забони истифодаи умум дохил шудааст ва дар натиҷа боз маъноҳои нав касб кардааст: *unload sth/sb on sb*. Мисол: *The government is downloading healthcare costs to the public [284].*

Гурӯҳи дуюм *жаргонҳои тахассусӣ*, забони техникиро фаро мегирад, ки дар натиҷаи фаъолияти муштараки мутахассисон барои ифодаи объекти воқеӣ зоҳир мегардад: *data cholesterol – холестирини маълумот, жаргони интернетиест, ки суръати иҷрои барномаро суст мекунад; dirt road – пайвастшавии суст бо интернет аз сабаби вазнин будани тарофа; crack – шикастани барнома ё системаи компютерӣ; handshake – барқарор намудани алоқа; ghost – паёме, ки корбари аз чат баромада гузоштааст (синоними машҳури ин калима offline massage мебошад); computer sex – пайвастшавии ду компютер* ва ғайраҳо.

Ба гурӯҳи сеюм *лексемаҳои сленгӣ* дохил мешаванд, ки дар гурӯҳҳои корбарони ҳамкори компютери барои ифодаи падидаҳои барои дигар одамони берун аз доираи онҳо нофаҳмо пайдо мешаванд. Ин забони сленгӣ метавонад ба падидаҳое тааллуқ дошта бошад, ки ба компютер ва воқеияти интернетӣ алоқамандӣ надошта бошанд. Ин лексемаҳо баёнияҳои тезу тунде мебошанд, ки барои баҳои мусбат ё манфӣ додан, пуробуранг карда ифода намудан, нишон додани зарофати ғайриодӣ ва фавқулода будан истифода мешаванд. Намунаи лексемаҳои сленгӣ метавонад *barf – нодуруст кор кардан* бошад, мисол: *My computer barfed right in the middle of 40-pages document*. *Honey pot* – қисмати системаи ҳисоббарор, ки дар зери назорати таъминоти барномавии бехатарӣ қарор дошта, барои он истифода мешавад, ки қоидавайронкунандагонро дастгир намояд. *Bells and whistles* – қисматҳои технологияи пешрафта: *A serious computer user can see beyond the bells and whistles when baying a system*; *Spew* – фиристодани паёми васеъ ба гурӯҳи

ахборот ва ё чат, ки ба кор дахл надорад. *Slag* – навкунии шабака, *Bogon* – фиребгар: *The two programmers privately thought of their two-faced superviser as a total bogon*; *Cuspy* – олиҷаноб: "*This is a cuspy game," the youth exclaimed*; *Graunch* – хатои ҷиддӣ: *Cora was horrified to discover the graunch that had rendered the day's work useless*; *Gritch* – шикоят кардан: *There was plenty of gritching in the repair shop as the technicians received their assignments*; *Grok* – дарк кардан, ин калима аз романи илмӣ-фантастикии Роберт Ҳайнлин (Robert Heinlein) *Stranger in a Strange Land* пайдо шудааст: *I finally grokked there was more to life than pushing paper*; *Gronked* – бефаҳм,: *I've been up all night and I'm completely gronked*; *Growzy* – истилоҳ барои тавсифи компютер истифода мешавад, ки ба фармонҳо дер аксуламал нишон медиҳад: *Etta cursed at the time wasted by her growzy computer*; *Mung* – вайрон шудан: *Incredibly, they munged the program that that could have been simple to follow*; *Sniffer* – барномаи хакерӣ барои муайян кардани IP-адреси компютер дар шабака [269].

Муҳаққиқони сленг вазифаҳои гуногуни ин қабати лексикиро ҷудо мекунанд. Ҳамин тавр, Э. Партриҷ [272], луғатнигори машҳур, дар асари худ, ки ба сленг бахшида шудааст, понздаҳ вазифаи аз ҳама муҳимтарин ва нисбатан аёни сленгро ҷудо мекунад. Аммо бисёре аз забоншиносон бар ин ақида мухолифанд, ки сленг, пеш аз ҳама, нишондиҳандаи мансубият ба гурӯҳ мебошад. Дар ин замина Д. Кристал қайд мекунад, ки сленг ин аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои мутааллиқ будан ба ягон ҷамъияти одамон, як навъ гузарнома барои дохил шудан ба гурӯҳ, ба худиҳо мебошад, ки дар ин наздикии сленг бо жаргон дида мешавад [232, 182].

Баъзе калимаҳо ва ибораҳои сленгӣ ба тамоми коллективе, ки ба он забон гуфтугӯ мекунанд, маълум мешаванд ва метавонанд ба истифодаи умумимиллӣ дохил шаванд. Чунин калимаҳо ва таъбирҳо ба моҳият ва муҳтавои худи сленг ҷавобгӯ буданро қатъ мекунанд ва дигар луғати маҳдуди гурӯҳӣ, гузарномаи махсус ба доираи «худиҳо» буданро ифода

намекунанд. Профессор М.А. Борисова чунин ифодаҳои лексикиро аз сленгҳо ҷудо мекунад ва онҳоро ба гурӯҳи махсус – зерсохтори лексикаи ғайрирасмӣ дохил мекунад. Воҳидҳои лексикии ғайрирасмӣ, ҳам дар забони гуфторӣ ва ҳам дар забони навишт, истифода мешаванд. Лексикаи ғайрирасмӣ нишондиҳандаи услуби ғайрирасмии муайян мебошад ва дар байни ҷавонон ҳамчун аломати «пешқадамӣ» ба назар гирифта шуданашон мумкин аст [25, 35].

Интернет-лексемаҳое, ки аз доираи маҳдуди мутахассисони компютер ва фанатҳо баромадаанд, ба ҳамаи корбарони компютер, ки ба интернет пайвастанд, ҳамчунин, ба дилхоҳ инсони муосир, хонандаи воситаҳои ахбори омма, ки аз пешрафти илму техникаи муосир хабардор аст, маълум мебошанд ва ***қабати чаҳоруми*** *лексикаи интернетиро* ташкил мекунанд. Мисоли чунин лексемаҳо метавонанд калимаҳои зерин бошанд: netsurfing – саёҳат дар шабака, browsers – браузер, sites – сайт, pages – саҳифа, password – гузарвожа (парол). Ин системаи забонӣ нопойдор мебошад ва неологизмҳои нави зиёде пайдо мешаванд, ки реалияҳои воқеияти интернетиро ифода мекунанд. Баъзе калимаҳо зуд аз байн мераванд, зеро хушоҳанг намебошанд, дигар калимаҳо маълуму машҳур мешаванд, дар фаҳмиши аудиторияи васеъ мушкилӣ эҷод намекунанд ва бо гузашти замон ба забони рӯзмарра дохил мешаванд, мисли *windows-виндовз, surf-серфинг*.

Профессор Алан Медкалф [248] таснифоти лексикаи интернетро пешниҳод мекунад ва ӯ чунин мепиндорад, ки интернет-лексемаҳо ба континуумҳо, яъне давомнокиҳои қатори чизҳои ба якдигар монанд тааллуқ доранд, ки дар он ҳар чизи баъдина ба чизи пешина хеле монанд аст, аммо дар айни ҳол чизи аз ҳама аввалин аз чизи охирин ба куллӣ фарқ мекунад, ки ӯ дар чунин намуд нишон медиҳад:

A Continuum of Internet-words:

Гурӯҳҳои лексемаҳои интернетӣ

Ҷадвали 1

Techno-term – истилоҳоти техникӣ	***web users – истилоҳоти истифодабарандагони веб***	***cultural groups – истилоҳоти гурӯҳҳои фарҳангӣ***	***Vernacular – истилоҳоти забони маҳаллӣ***
Googlewashing – ҷустуҷӯи Гугл	*Bombing – бомбгузорӣ*	*Blogging – блогнависӣ*	*Download – зеркашӣ*
Functional continuum - гурӯҳҳои вазифавӣ:			
Exclusion – истисно	*Inclusion – дохилшавӣ*	*Code – рамз*	*useful word – калимаи ёрирасон*
Image continuum – гурӯҳҳои тасвирӣ:			
Aggressive – хашмгин	*Protective – муҳофизатӣ*	*Groovy – даҳшатнок*	*everyday/friendly – ҳарруз/дӯстона*

Чи тавре ки дар ҷадвали дида мешавад, ӯ интернет-лексемаҳоро ба чор гурӯҳ тақсим мекунад: 1) истилоҳоти техникӣ, мисли *Googlewashing;* 2) лексемаҳое, ки ба гурӯҳи васеи истифодабарандагони интернет маълуманд, мисли *bombing;* 3) лексемаҳое, ки дар доираи истифодабарандагони блогҳо мавҷуданд, мисли *blogging* ва 4) лексемаҳое, ки дар нутқи истифодабарандагони одӣ, ки аз пешрафти технологияи информатсионӣ хабардор мебошанд, мисли *download* [248].

Истилоҳоти техникӣ асосан нохушоҳанг мебошад ва калимаҳои аксаран мафҳумҳои абстрактро ифода мекардагиеанд, ки маънои онҳоро дарёфтан душвор аст. Вазифаи чунин воҳидҳои лексикӣ, ба ақидаи Алан М. ин бегонагонро аз доира берун кардан аст. Лексикаи истифодабарандагони интернет «нисбатан сода» мебошад, зеро аксари истифодабарандагон одамони одӣ мебошанд, на мутахассисон. Нафаре, ки мехоҳад интернетро аз худ кунад, бояд, пеш аз ҳама, мафҳумҳои асосиро омӯзад, мисли “*You cannot walk the walk unless you talk a talk - Шумо наметавонед роҳро тай кунед то оне, ки суҳбат мекунед*”.

Имрӯз ҳазорон луғатнома-роҳнамоҳо дар олами забоншиносии интернетӣ мавҷуданд. Роҳ ба сӯйи он кушодааст, барои ҳамин агар инсон мафҳумҳои асосиро аз худ кунад, қоидаҳои бунёдии корбарӣ дар шабакаро омӯзад, вай худро муҳофизатшуда, узви ҷамоати интернетӣ ҳис мекунад, аммо вазифаи интернет – лексемаҳо ҳар чи бештар истифодабарандагонро ба

таркиби худ дохил кардан аст. Дар блогҳое, ки дар байни ҷавонон махсусан машҳуранд, калимаҳои мудшудае истифода бурда мешаванд, ки гоҳо маънои онҳо тамоман норавшан аст. Ин як навъ зерзабони рамзӣ дар дохили гурӯҳ аст. Он лексемаҳоеро, ки ба забони рӯзмарра мегузаранд, Алан М. фаҳмо ва хушоҳанг меномад [248, 63].

Забоншиносии интернетӣ ба одамони табақаҳои гуногун аз ҷумла мутахассисони интернет, истифодабарандагони нтернет, олимон, донишҷӯён ва ғайраҳо хизмат мерасонад. «Интернет ин муҳити идеалӣ ва дар айни замон воситаи идеалӣ барои ташаккули гурӯҳҳо аст» [252, 165]. Одамон дар гурӯҳҳо бо сабабҳои гуногун муттаҳид мешаванд, қоидаҳои рафтор ва забони муошират худро коркард карда мебароянд.

Алан М. чи қадар зарифона қайд мекунад: '*language is tribal' (забон авлодӣ аст)* [248, 54]. Масалан забони хакерҳо вуҷуд дорад – *hackspeak* ва ё *hackish* ва забони наврасон *leetspeak* вуҷуд дорад, ки барои муошират бо «одамони худӣ» ("people in the know") истифода бурда мешаванд ва барои он табақае аз мардум, ки ба ин гурӯҳҳо шомил нестанд, нофаҳмо аст. Дар *leetspeak* ё шакли ихтисоравии *leet* (аз *elite* + *speak*) бештар ихтисораҳои рақамӣ барои пинҳон доштани маълумот аз калонсолон истифода мешаванд. Одатан ин калима, яъне *leet* бо коди рақамии 1337 ифода карда мешавад. Ғайр аз ин, ба наздикӣ забони наве барои дӯстдорони SMS – *Zlengo* эҷод карда шудааст, аз калимаҳои англисии *lingo ва slang,* ҳарфи *Z* дар аввали калима ба ифтихори Л.Л. Заменгоф илова карда шудааст, ки забони сунъии «эсперанто»-ро сохта буд. Ин забони нав калима надорад ва фақат расм ва иероглифҳо барои ифода кардани калимаҳо дорад. Масалан, *«ман»* бо расми одами ба ҷониби худ бо ангушт ишоракарда истода, *«ноумедӣ»* бо одами аз азобу машаққат кабудгаштаи дар гардан ресмондор, *«оғоз кардан»* бо ранги сабзи чароғак ишора карда мешавад. Аз рӯйи тасдиқи муаллифони *Zlengo*, бо ёрии ин *«забони нав»* намояндагони забонҳои тамоман гуногун метавонанд муошират кунанд ва омӯзиши пурраи он на бештар аз як соатро мегирад.

Мутахассисон бар он ақидаанд, ки дар оянда *Zlengo* метавонад дар мактубҳои электронӣ ва интиқоли фаврии паёмҳо истифода шавад.

Бо гузашти як вақти кӯтоҳ дар интернет жанрҳои нав пайдо мешаванд, зернизомҳои томи луғати махсус барои хизматрасониҳо дар шароити нави истифодаи Интернет ташаккул меёбанд. Масалан, начандон пеш *блогҳо* ва *рӯзномаҳои онлайн* - *blogs* пайдо шуданд ва забони ташаккулёфта барои ин жанри нав номи *"blargon" (blog + jargon)*-ро ба худ гирифт, яъне жаргони блогерҳо: *blommer* – спам барои блог; *blogiday* –таътили блогер; *blaudience* – аудиторияи блог; *blurker* – хонандаи нофаъоли блог, хонандае ки шарҳ (комментария) намефиристад; blogvert – реклама дар блог; *simultaneous blogasm* – ҳолате, ки дар он ду блогер як фикрро дар як вақт иброз медоранд; *blogorrhea* – мақолаҳои хеле зиёд дар як замони кӯтоҳ [278].

Луғати нав на фақат дар асоси лексикаи рӯзмарраи одӣ пайдо мешавад, балки дар асоси лексикаи васоити ахбори омма низ сохта мешавад, зеро архитектоникаи блогҳо аз бисёр ҷиҳатҳо ба архитектоникаи газетҳо монанд мебошад: *in jargon of the mainstream media: above the fold* – қисмати болоии саҳифаи рузномаи муқаррарӣ, ки ҳикояҳои асосӣ аз онҷо оғоз мешаванд; *the jump* – идомаи мақола дар дохил; *a sidebar* – панели паҳлӯӣ, related article alongside the main newspaper article – ; *in blargon: above the fold* – what we can see on a blog's screen before we begin to scroll down; *the jump* – ҷое, ки хонандагони блог дар дохили вебсайт ба он муроҷиат мекунанд; *a sidebar* – a column down one side of the screen displaying advertisements, archived links or a list of other blogs called a blogroll, ва ғ. (Saire 2006). Ҳамин тавр, мафҳуми нави маҷозӣ пайдо мешавад *Интернет – ин воситаи ахбори омма аст* - *Internet is the mass media*.

Метавон қайд намуд, ки забоншиносии интернетӣ аз чор гурӯҳи махсус иборат мебошад, ки ҳар як гурӯҳ, то ҳол дар рушду такомул аст ва забоншиносии интернетӣ худ як шохаи нави забоншиносӣ ба шумор рафта,

дар ҷомеаи имрӯза яке аз масъалаҳои мубрами бахши филология ба шумор меравад.

1.4. Таснифоти мавзуии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Интернет имрӯз дар саросари ҷаҳон манбаи иттилоот ба шумор меравад. Интернет василаест, ки ба одамон имкон медиҳад, ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам дар шакли аудиовизуалӣ, муколамаи мустақим дошта бошанд. Интернет пайвасти шабакаи ҷаҳонии на танҳо мубодилаи иттилоот байни компютерҳо сурат мегирад, балки ба воситаи он дигар хизматрасониҳо низ иҷро мегарданд. Рушду такомули системаи истилоҳоти интернет аз дараҷаҳои гуногуни таносуби ҳодисаҳо ва шуури инсоният дар даврaҳои гуногуни ҷомеа шаҳодат медиҳад. А. Реформатский қайд менамояд, ки хусусияти фарққунандаи истилоҳ аз калима дар мафҳуми диқиқӣ ва якрангӣ доштанаш инъикос мегардад [177].

Бо назардошти ҷанбаҳои гуногуни баррасии забоншиносии интернетӣ, таснифоти зиёди истилоҳоти шабакавии интернет мавҷуд мебошад, ки яке аз гурӯҳҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:

Ҷадвали 2.



Newsgroup – яке аз форумҳои шабакаи интернет ба шумор рафта, истилоҳоти ба худ хосро доро мебошад. Ба забони тоҷикӣ онро метавон

ахбори гурӯҳӣ номид, ки чун форуми мубоҳисавии онлайн тавассути **Usenet**[1] дастраси одамон мегардад. Ҳар як шабакаи интернет истилоҳоти махсус дорад. Форуми мазкур муҳокимаҳо дар бораи мавзуи мушаххасеро дар бар мегирад, ки дар суроғаи ҳар як форум номи мавзуъ дарҷ мегардад. Шумо метавонед хабари гурӯҳиро аз назар гузаронед ва бо истифода аз барномаи хонандаҳо ба мавзуъҳо пост ё посух диҳед. Дастрасӣ ба хабари гурӯҳӣ, инчунин, обунаи Usenet-ро талаб мекунад. Дар ҳоле ки ҳоло бисёриҳо ба ҷои гурӯҳҳои ахбор веб-форумҳо ва суҳбати онлайнро истифода мебаранд, ин хидмат ҳанӯз ҳам дар саросари ҷаҳон маъмул аст. Дар асл, тахмин мезананд, ки зиёда аз 100,000 гурӯҳ хабарӣ мавҷуд аст. Дар ҳоле ки бисёр гурӯҳҳои ахбор мубоҳисаҳои анъанавиро дар асоси матн баргузор мекунанд, ҳоло шумораи зиёди гурӯҳҳо барои мубодилаи файл истифода мешаванд. Ин гурӯҳҳои ахбор, ки пеш аз ҳама ба файлҳо истинодҳо пешкаш мекунанд, аксар вақт дар номашон истилоҳи "*binaries*" мавҷуд аст. Дар зер баъзе намунаҳои гурӯҳҳои хабарии фаъол оварда шудаанд, ки қисми якуми ном (пеш аз нуқтаи аввал) категорияи ибтидоӣ (ё иерархия) ё гурӯҳи ахбор мебошад: ***alt.politics, talk.religion, sci. physics, comp. software. testing, alt. binaries. documentaries, alt. binaries. multimedia. comedy***. Мисолҳои овардашуда бештар ба гурӯҳи хабарҳои илмӣ мансуб мебошанд.

Web service, пеш аз ҳама, ***веб-хизматҳо*** шабакаҳои махсуси интернетӣ ба шумор меравад, ки протоколҳои маълумоти интернетиро дар гиперматнҳо ҷойгир мекунанд. Шабакаҳои хизматрасонии интернетӣ хеле зиёд буда, бештар дар самти тиҷорат васеъ истифода мегарданд. Истилоҳоте, ки дар ин раванди хизматрасонӣ истифода мегарданд, инҳо мебошанд: ***TCP / IP*** *протоколест, ки қариб ҳама таҷҳизоти шабакавӣ аз фреймфреймҳо, то дастгоҳҳои сайёр ва* ***PDA*** *(Personal Digital Assistant) -ҳо мефаҳманд;* ***HTML*** *як забони аломатгузории умумист, ки барои намоиши мундариҷа дар дастгоҳҳои истеъмолӣ истифода мешавад;* ***XML*** *(Extensible markup*

[1] **Usenet**[1] - ин як системаи мубоҳисавӣ дар саросари ҷаҳон аст, ки дар компютерҳо дасрас аст.

Language) як воситаи универсалӣ барои коркарди ҳама гуна маълумот мебошад. Дигар протоколҳои мубодилаи иттилоот метавонанд дар асоси он кор кунанд: ***SOAP*** *(Simple Object Access Protocol) ва* ***WSDL (****Web Services Description Language);* ***UDDI*** *(Universal Description, Discovery and Integration) як манбаи универсалии эътироф, ҳамгирої ва тавсиф аст. Одатан, дар шабакаҳои хусусӣ кор мекунад ва то ҳол тақсимоти кофӣ пайдо накардааст [270].*

Аз мисолҳои дар боло зикргардида маълум гардид, ки тамоми истилоҳоти *хизматрасонии шабакавӣ* аз сабаби сохторан мураккаб буданашон, ё ин ки чун ибораҳои мураккабу тафсилӣ буданашон дар матн бо шакли ихтисорот истифода мешавад. Тибқи гуфтаҳои Д. Кристал, «ин усули ташаккули калима, ҳамчун ихтисора, ҳануз пеш аз 1839 маъмул буд, зеро то ин вақт дар забони англисӣ ибораҳои одӣ бо шакли ихтисора, ба монанди OK ('all correct' - ҳама дуруст'), PDQ ('pretty damn quick' - лаънатӣ), GT ('gone to Texas - ба Техас рафтанд ') мавриди истифода қарор доштанд [271, 120].

Chat - Чат яке аз жанрҳои гуфтугӯи компютерӣ, воситаи муҳимми коммуникативӣ ва имконияти рақамии навгароёнаи дар муносибатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад. Чат як жанри гибридӣ дар байни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ буда, навъи тамоман нави фаъолияти нутқ мебошад, ки бо компютер тавсиф мешавад. Ин навъи миёнаравии муошираті шифоҳӣ-хаттӣ буда, бо хусусиятҳои интиқоли паёмҳои электронӣ сурат мегирад [14-66].

Аз нуқтаи назари расмӣ, чат воситаи хаттии алоқа мебошад, зеро муоширатҳо паёмҳоро дар шакли ҳарф, рақам ва аломатҳои дигар мефиристанд ва қабул мекунанд. Аз тарафи дигар, чат бисёр сифатҳои муошираті шифоҳӣ дорад [26-60]: 1) муошират дар суҳбатҳо дар ҳолати оромонае, ки расмият вуҷуд надорад, сурат мегирад; 2) суҳбатҳои таҳлилкардаи чат бо мавзуъҳои ҳамарӯзаи муошират тавсиф карда мешаванд; 3) жанрҳои асосӣ муколама ва полилог мебошанд; 4) ҳангоми муошират эмотсионалҳо пиктограммаҳое, ки дорои тасвири эҳсосоти алоҳида

мебошанд, истифода мешаванд. Мисол: ***Wut*** *– бар ивази what;* ***Dat*** *– бар ивази* ***that****;* ***Da*** *– бар ивази* ***the****;* ***Teh*** *– бар ивази* ***the****,* ***Ov*** *– бар ивази* ***of****;* ***Picsher*** *– бар ивази* ***picture****,* ***Awl*** *– бар ивази* ***all****;* ***Lawl*** *– бар ивази* ***lol****;* ***Luv*** *– бар ивази* ***love****;* ***Bruh, broseph*** *– бар ивази* ***brother****;* ***Ma*** *– бар ивази* ***my****;* ***10x (thanks)*** *– ташаккур;* ***Abt (about)*** *– дар бораи, оид ба;* ***ADL (all day long)*** *– тамоми рӯз;* ***AFAIK (as far as I know)*** *– то ҷое ки ман медонам;* ***AFAIR (as far as I remember)*** *– то ҷое ки ман дар ёд дорам [44,* 89-90*.].*

Domain Name System (DNS) – системаи номгузории доменӣ як системае мебошад, ки бо ёрии он ҳар як сайти интернет номгузорӣ мешавад. Системаи номи домейнҳо як системаи тақсимшуда барои нигоҳдорӣ ва коркарди маълумот дар бораи минтақаҳои домен равона карда шудааст. DNS технологияест, ки ба браузер, ба монанди **Firefox, Chrome** ё **Edge** имкон медиҳад сайтро бо номи корбар пайдо кунад. Истилоҳоти интернетие, ки марбут ба системаҳои номгузории интернетӣ мебошанд: ***Anycast*** *– Эникаст ба як суроғ ё масир марбут аст, ки дар он дархостҳо ба гиреҳи наздиктарин аз якчанд имконот интиқол дода мешаванд;* ***Authoritative Nameserver*** *– серверҳои бонуфуз ба сервере дар DNS ишора мекунанд, ки ба саволҳо дар бораи номҳо дар минтақа посух медиҳад;* ***Berkeley Internet Name Domain (BIND)*** *– нармафзори аз ҳама васеъ истифодашавандаи номҳо дар интернет мебошад. Он дар Донишгоҳи Калифорния дар Беркли дар ибтидои солҳои 1980-ум ҳамчун нармафзори сарчашмаи кушода, ки протоколҳои DNS-ро дар интернет татбиқ мекард, ба вуҷуд омадааст;* ***Border Gateway Protocol (BGP)*** *– BGP як протоколи масири системавӣ барои масири иттилоот дар Интернет аст (дар муқоиса бо шабакаҳои дохилӣ). Ин як протоколи хеле миқёспазир ва мустаҳкамест, ки параметрҳои масирро барои муайян кардани сиёсати масир ва нигоҳ доштани муҳити устувори масир истифода мебарад.*

Гурӯҳи дигаре, ки ба истилоҳоти интернет марбут мебошад ***Internet Slang*** ном дорад. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар натиҷаи

инқилоби илмӣ-техникӣ системаи беназиру навоваронаи иртиботот, яъне интернет ба вуҷуд омада, ба низоми мухобирот ва мубодилаи иттилоот дигаргуниҳои комилан навро ба миён овард. Ҳамакнун талабот ба интернет ба як омили зарурии иртиботи умумӣ дар тамоми соҳаҳо ва махсусанд дар соҳаи илм, техника ва иқтисодиёт табдил шудааст. Дар робита бо ин дар солҳои 60-уми асри гузашта дар ИМА ҳамчун шабакаи таҷрибавии иттилоотӣ арзи ҳастӣ карда, баъдтар Интернет зуд дар ҳамаи намудҳои фаъолияти инсонҳо густариш пайдо кард ва як шоҳроҳи маҷозии бузурги иттилоотиро ташкил дод, ки он дар як муддати кӯтоҳ тамоми ҷаҳонро фаро гирифт. Нахустин e-mail дар соли 1972 аз ҷониби олимони ҳамкори соҳаи физика, ки системаи ягонаи компютерӣ дар низоми фаъолият онҳоро муттаҳид мекард, мавриди татбиқ қарор дода шуд. Интернетро дар шакли имрӯзаи он метавон ҳамчун омехтаи телевизион, рӯзнома, маҷаллаҳо, сарчашмаи иттилоот тасаввур кард, ки он дорои имкониятҳои густурда ва иқтидори беназир аст, ки барои дастрас намудани маълумот аз тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон дар муддати кӯтоҳтарин имконият фароҳам меорад [36, 35].

Ҳамзамон, интернетро метавон як маҷмуи дастовардҳои илмҳои риёзиву физика ва забоншиносӣ номид, ки дар ин росто нақши забон ва маҳсули илми забоншиносӣ басо беназир аст. Дар таҳқиқоти мазкур мо низ талош меварзем, ки аз нигоҳи илмӣ вижагиҳо ва нақши забонро дар ташаккулу таҳаввули чунин як шабакаи иттилоотии фарогири ҷаҳон арзёбӣ ва таҳлилу баррасӣ намоем.

Амалкарди интернет дар доираи муайяни меъёрҳои лингвистӣ сурат мегирад, ки ба мо имкон медиҳад, онро падидаи махсуси фаъолияти забониву нутқ ва муошарати инсоният ҳисоб кунем, зеро дар заминаи он таҳқиқи рушди забон, мутобиқати он ба шароити навоварӣ ва дигаргуниҳои фаврӣ имконпазир гардид. Аз нуқтаи назари рушди забони англисӣ дар системаи интернет пайдоиши воҳидҳои нави луғавӣ дар шароити муошират

электронӣ, ки бо ёрии роҳҳои анъанавии калимасозӣ: пешвандӣ, пасвандӣ ва амсоли ин ба вуҷуд омадаанд, зикр кардан зарур аст. Дар байни калимаҳои нави бештар серистеъмол калимаҳои мураккаб, ки аз сленгҳои ҷудогона сохта шудаанд, бештар ба назар мерасанд: ***spam*** *– номҳои навъҳои гуногуни таблиғоти интрузивӣ дар Интернет,* ***shoot off*** *– аз шабака ҷудо шудан,* ***homepage*** – сафҳаи хонагӣ бо истифода аз се тугма, ***mouse*** *(mouseclick),* ***web*** *(webmail, www),* ***click*** *(one-click),* ***net*** *(netnews, usenet),* ***hot*** *(hotmail, hotlink),* ***bug*** *(BugNet).* Инчунин калимаҳое, ки бо пешванди е- сохта шудаанд, серистеъмоланд*: е-* ***(email, e-books)****, cyber-* ***(cyberspace, cyberculture)****, hyper-* ***(hypertext, hyperlink)****.*

Дар интернет-блогҳо метавон, теъдоди зиёди сленгҳои ғайримеъёрии англисиро дар шакли транскрипсия ва ё транслитератсия дучор омад: ***коксакер, блокхед, шит-кикер***. Ин гурӯҳи сленгҳо вазифаи эвфемизмҳоро иҷро мекунанд ва бо намуди зебо ва экзотикии ҷаззоби хоси калимаҳои англисӣ ба ҷойи калимаҳои “номатлуб” кор фармуда мешаванд.

Набояд сохтори доираи луғавӣ-маънoиро ҳамчун як чизи доимию тағйирнопазир ҳисоб кард. Бисёр калимаҳо вобаста ба тағйир ёфтани тамоюлҳои лингвистӣ ва фаролингвистӣ аз як бахши доираи луғавӣ-маъноӣ ба бахшу қисмати дигари забон мегузаранд. Баъзе калимаҳо дар луғатҳои вожаҳои иқтибосӣ сабт шудаанд ва дар он шакле, ки он давра истифода мешуданд, аз истеъмол баромаданд ва ба қатори архаизмҳо дохил шуда, дар ҳошияи наздики маркази фазо ҷой мегиранд, калимаҳои дигар аз ҳошия ва ё фазои наздики марказ ба ядрои марказ мегузаранд ***(CD- Compact Disk, SMS- Short Message Service)***.

E – commerce - тиҷорати электронӣ усули пешбурди тиҷоратест, ки дар он тамоми марҳилаҳои раванди тиҷорат (таблиғ, маркетинг, фурӯш, таҳвили молҳо, хидматрасонии пас аз фурӯш, ба даст овардани фоида) бо истифода аз барномаҳои компютерӣ дар интернет ё дигар васоити электронии коммуникатсионӣ анҷом дода мешаванд. Ин шабакаи интернетӣ

низ аз истилоҳоти махсуси худ иборат мебошад*: **Business to Business (B2B) -** Раванди фурӯши хидматҳо ё маҳсулот ба тиҷорати дигар, ки маъмулан баъдан ба истеъмолкунанда фурӯхта мешавад;* ***Call-to-Action*** *– Одатан, шиор ё ибораест, ки муштариро бовар мекунонад. Баъзан он метавонад "ҳоло харидорӣ кунед, имрӯз бихаред, нархнома гиред" ё одатан чизе бошад, ки шунавандагонро ба харидорӣ ҷалб кунад;* ***Cookies*** *– Файлҳои матние мебошанд, ки ба браузери корбар ирсол карда мешаванд, ки нишондиҳандаи муносибати муштарӣ бо вебсайт мебошад. Пас аз тасдиқ, маълумот дар ин файлҳои матнӣ ба сервер бармегардад, дар асоси он, ки корбар чи гуна вокуниш нишон додааст ва бо сайт ҳамкорӣ кардааст;* ***Shopping Cart*** *- аробаи савдои электронии тиҷорӣ мундариҷаи он аст, ки корбар ба фармоиши онлайнаш илова кардааст. Ҳама маҳсулот ҳамчун фармоиши оммавӣ дар саҳифа ё дар ин ҳолат "дар ароба" пайдо мешаванд* [249, 26-29].

Electronic mail - почтаи электронӣ (англ. email, e-mail [iˈmeɪl], аз англ. electronic mail) технология ва хидмати фиристодан ва қабул кардани паёмҳои электронӣ (бо номҳои "мактубҳо") дар байни корбарони шабакаи компютерӣ, аз ҷумла интернет мебошад. Почтаи электронӣ аз ҷиҳати таркиби унсурҳо ва принсипи кор, амалан системаи почтаи муқаррариро такрор мекунад, одатан бо истилоҳоти гуногун, чун (почта, мактуб, лифофа, замима, қуттӣ ва ғ.) замима мегардад [273]. Афзалиятҳои почтаи электронӣ дар он аст, ки ҳангоми интиқоли паём на танҳо матн, балки файлҳои гуногун, аз қабили сурат, видео файлҳо, программаҳои компютерӣ ва ғайраҳо фиристода мешаванд. Истилоҳоти хоси почтаи электронӣ инҳоянд: ***MTA (Mail Transfer Agent)*** *- сервере, ки ҳадафи он фиристодани почта мебошад;* ***MDA (Mail Delivery Agent)*** *- ҷузъе, ки масъули расонидани почта ба адресат мебошад;* ***MUA (Mail User Agent)*** *– нармафзоре, ки мактубҳои гирифташударо намоиш медиҳад ва имконият фароҳам меорад;* ***MRA (Mail Retrieve Agent)*** *– вазифаи ин компонент гирифтани почта аз сервери таъиноти ниҳоӣ бо истифода аз протоколҳои махсус барои қабули почта мебошад.*

Search system or browsers – системаи ҷустуҷӯӣ системае ба шумор меравад, ки ба шахс имкони ҷустуҷӯи вебсайтҳои дорои калимаҳои калидии мушаххасро пайдо менамояд. Барои ҷамъоварии иттилоот, ҳар як муҳаррики ҷустуҷӯ модули махсус дорад, ки он аз пайванд ба пайванд (силка) гузашта, ҳуҷҷатҳои дар сайтҳо мавҷудбударо ҷамъоварӣ ва индексатсия мекунад. Системаи мазкур як воситаи дарёфти иттилоот дар Интернет буда, одатан аз ду марҳила иборат аст. Барномаи махсус (автомат, агент) доимо шабакаро убур карда, маълумотро аз веб-саҳифаҳо ҷамъоварӣ мекунад. Вақте корбар дархостро муайян мекунад, ҷустуҷӯ тавассути индекси пешакӣ сохташуда мегузарад. Бояд қайд намуд, ки ин ҷараён аз истилоҳоти худ иборат мебошад, ба монанди: ***Chrome, Firefox, Microsoft Edge, Opera, Pale Moon, Safari, SeaMonkey, Vivaldi, Yandex browser***.

Аз таснифоти дар боло зикргардида маълум шуд, ки ҳар як гурӯҳи шабакаи интернет истилоҳоти ҷудогонаи худро дорад. Ҳар як гурӯҳ дар навбати худ бо мурури замон рушд ёфта истодааст. Аз ин лиҳоз, забоншиносии интернетӣ, яке аз масъалаҳои актуалии даврони муосир ба шумор меравад. Махсусан, сленгҳои интернетӣ, ки бештар дар паёмакҳои электронӣ ба чашм мерасанд, хеле босуръат такомул ёфта истодаанд.

Хулосаи боби якум

Боби мазкур ҷанбаҳои назарии истилоҳоти соҳавӣ, таърихи пайдоиши интернет ва истилоҳоти онро дарбар гирифта, омилҳо ва марҳилаҳои рушду такомули онро ба таври васеъ нишон додааст. Таърихи пайдоиш ва тараққиёти шабакаи интернет зиёда аз 50-солро дар бар мегирад. То миёнаи солҳои ҳафтодум бисёре аз созмонҳои ҳукуматӣ, лабараторияҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳои кишварҳои мухталиф, аллакай, ба шабакаи компютерие, ки номи ARPANET-ро гирифта буд, пайваст шуда буданд, аммо шабакаҳои маҳаллии созмонҳо дар платформаҳои гуногун кор мекарданд ва ба иҷрои вазифаҳои махсус равона шуда буданд. Давраи ташаккули истилоҳоти

интернет шаш марҳиларо паси сар намудааст ва то ҳол дар раванди рушд қарор дорад.

Дар системаи истилоҳшиносии муосир якчанд навъи ташаккулёбии сохтори истилоҳоти интернетӣ мавҷуд мебошад: 1) истилоҳоти махсусе, ки дар доираи мафҳумҳои соҳавӣ инъикос меёбад; 2) системаи мафҳумҳои умумии марбут ба ин соҳа; 3) назарияи тавсифкунандаи системаи мафҳумҳои ин соҳа; 4) як забони муайяни табиие, ки дар доираи он мақсадҳои махсус таҳия шудааст ва воҳидҳои луғавии он метавонанд барои муайян кардани мафҳумҳо, (ашё ва хусусиятҳои онҳо) системаи додашудаи мафҳумҳо истифода мешаванд.

Метавон тазаккур дод, ки забоншиносии интернетӣ, аз як тараф, зерсохтори махусуси забониро ташкил дода аз тарафи дигар, аз рӯйи қоидаҳои забони умумимиллӣ пеш меравад. Чи тавре ки таҳлили низоми забонии интернет-дискурс, бар мабнои маводи забони англисӣ нишон медиҳад, метавон чаҳор қабати лексемаҳои ин доираи лексикӣ-семантикиро ҷудо кард: истилоҳоти техникии қабулшуда, жаргонҳои тахассусӣ, лексемаҳои сленгӣ ва лексикаи интернетӣ, ки доираи ками мутахассисон истифода мекунанд.

Инчунин, дар ин боб таснифоти мавзуии истилоҳоти интернетӣ гузаронида шудаанд, ки ҳар як гурӯҳ маълумоти мухтасарро дар бар гирифта, бо мисолҳо равшанандозӣ шудааст, ба монанди истилоҳоти newsgroups, web services, chats, domain name system, Internet slang, e-commerce, electronic mail, search system or browsers.

БОБИ II. ВИЖАГИҲОИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ ИНТЕРНЕТӢ

2.1. Роҳҳои ташакулёбии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Мусаллам аст, ки хусусиятҳои сохтории истилоҳот, махсусан истилоҳоти Интернет ва роҳҳои ташаккулёбии он дар асоси таснифоти калимасозии забоншиносӣ инъикос мегардад. Дар доираи усули воқеии калимасозии истилоҳот дар забоншиносӣ роҳҳои ташакулёбии истилоҳоти интернетиро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан мумкин аст, ба монанди *истилоҳоти якреша ё сода, сохта, мураккаб, таркибӣ ва ихтисора*.

Бояд тазаккур дод, ки на танҳо калимаҳои аслии забони англисӣ, балки истилоҳоти иқтибосгардида низ то ба ҳадди имкон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. Роҳҳои ташаккули истилоҳоти интернетӣ аз реша, пешванд ва пасванд иборат мебошад. Реша қисми калимаест, ки маънои асосиро дар бар мегирад. Калима бе реша вуҷуд дошта наметавонад. Дар ҳоле ки пешвандҳо ва пасвандҳо як қисми ихтиёрӣ мебошанд, вақте ки ба реша илова карда мешаванд, маҳз онҳо ба ташкили калимаҳои нав мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқон ҳангоми тавсифи калимасозӣ усулҳои пешванд ва пасвандро ҷудо намудаанд, ки таснифи дигари чун калимаҳои сохта ё ин ки деривативӣ ба миён омадааст. Ҳама пешвандҳо ва пасвандҳо маънои худро доранд. Вақте ки ба реша пешванд ё пасванд (ё ҳар ду) илова карда мешавад, арзиши маънои онҳо тағйир меёбад [173, 111-113].

Пеш аз он ки дар бораи роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ ҳарф занем, бояд қайд кард, ки омилҳо ва пайдо гардидани истилоҳоти нави интернетӣ хеле гуногун аст. Дар боло роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ аз рӯйи сохтор номбар шуд, вале дар умум на фақат истилоҳоти интернетӣ, балки тамоми истилоҳоти касбиву соҳавӣ бо роҳи аффиксатсия, композитсия (мураккабшавӣ), конверсия ва ихтисора сохта мешаванд. Азбаски зербоби мазкур танҳо ба баррасии роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ равона гардидааст, аз ин лиҳоз, метавон омилҳо ва сабабҳои пайдоиши истилоҳоти нави интернетиро зери таҳқиқ қарор дод.

Бо пайдоиши интернет, рушди воситаҳои нави алоқа ва муошират, инчунин, афзоиши истилоҳоти интернетӣ зиёд гардид. Интернет ба ҳаёти имрӯзаи мо пурра ворид гардида, аз ҷумла таъсири бузурге ба забон расонидааст, ки мисли ҳама гуна системаҳои рушдкунанда ба шароити нав зуд мутобиқ мебошад. Пеш аз ҳама, тағйиротҳо дар воҳидҳои луғавии забон дида мешаванд. Дар замони муосир, таркиби тамоми забонҳоро шумораи зиёди иқтибосҳо, ихтисорот ва неологизмҳо ташкил медиҳанд. Дар забони муошираты одамон тағйироти гуногунро дидан мумкин аст, яъне бештари ҷавонон истилоҳоти куҳнаро бо истилоҳоти нав иваз мекунанд, ки ба лексикаи забони марбута таъсири худро мерасонад. Интернет низ яке аз сабабҳои чунин тағйирот буда, "бойгонии" ҳама истилоҳоти соҳавиро бо марҳилаҳои ташаккулёбиаш дар бар мегирад. Роҳҳои рушду такомули истилоҳоти интернетӣ омилҳои гуногунро дар бар мегирад:

- омили пайдо гардидани мафҳумҳои нав, реалияҳо ё истилоҳоти инноватсионие, ки номгузории махсусро ба худ талаб мекунанд;
- омили зарурати муайян кардани номи падидаҳое, ки қаблан дар ҳаёти мо мавҷуд буданд, аммо дар забон нишони мувофиқе надоштанд, ё ин ки дар забони мардум кам истифода мегардиданд;
- омиле, ки истилоҳоти интернетӣ бештар дар шакли калимаҳои якреша ё ин ки ихтисора инъикос мегарданд;
- омили тағйир ёфтани номгузории маркаи таҷҳизотҳои технологӣ, истилоҳоти технологияи иттилоотӣ бо пайдо гардидани нанотехнология ва ташаккул ёфтани лексикаи интернетӣ;
- омили таъсири фарҳангу маърифати кишварҳо ба ҳамдигар, ки боиси пайдо гардидани неологизмҳо дар истилоҳоти интернетӣ мешаванд [166, 156].

Муҳаққиқон неологизмҳои истилоҳоти интернетиро ба се гурӯҳ тақсим мекунанд: истилоҳоти луғавӣ, маъноӣ ва окказионалӣ [166]. Раванди ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ дар ҳар як забон хеле одӣ буда,

пайдоиши технологияи нав худ боиси рушди истилоҳоти нав мегардад. Бо пайдоиши манбаъҳои нави интернет истилоҳоти нав низ пайдо мегарданд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки истилоҳоти интернетӣ дар забон бо ёрии усулҳои дохилии номинативӣ (масалан, калимаҳои таркибӣ, ихтисорот), ё берунӣ (иқтибосшавӣ) пайдо мешаванд. Дар ибтидои таъсис ва рушди шабакаи ҷаҳонӣ барномасозоне буданд, ки новобаста ба он ки соҳибзабон ҳастанд ё не, танҳо бо забони англисӣ кору фаъолият менамуданд. Дар гузашта шахсоне, ки интернетро истифода менамуданд, бо истифода бурдани истилоҳоти интернетӣ мушкилӣ мекашиданд, зеро бештари истилоҳоти забони англисӣ, махсусан дар самти технологияи иттилоотӣ ба таври транслитератсия аз забони англисӣ ба дигар забонҳо интиқол мегарданд. Истилоҳоти транслитератсияшуда тарҷуманашаванда ба шумор мераванд, зеро корбари интернет мазмуни истилоҳро бо забони модарии худ намефаҳмад. *Транслитератсия* интиқоли таҳтулафзӣ аз забони хориҷӣ ба забони дигар мебошад [257].

Бисёре аз калимаҳое, ки дар оғози пайдоиши шабакаи интернет истилоҳоти касбии забони англисӣ буданду бештар дар доираи барномасозон истифода мегардиданд, айни замон чун истилоҳоти иқтибосии забони тоҷикӣ байни корбарони интернет маъмул мебошанд. Мисол, ***chat – чат, provider – провайдер, web – веб, content – контент, selfie – селфи***.

Мавриди зикр аст, ки дар забоншиносӣ тамоми воҳидҳои луғавӣ бо роҳи *аффиксатсия, композитсия (мураккабшавӣ), конверсия* ва *ихтисорот* сохта мешаванд. Истилоҳоти интернетӣ низ бо роҳҳои номбаршуда ташаккул меёбанд. Ғайр аз ин роҳҳо, роҳи дигари калимасозӣ низ ба назар мерасад, ки универбатсия мебошад.

Универбатсия[2] яке аз роҳҳои асосии калимасозии истилоҳоти интернетӣ буда, аз асоси ибораи атрибутивӣ сохта мешавад. Дар раванди сохтани калима бо роҳи универбатсия як ҷузъи ибора ба пасванд ё реша мубаддал гашта, як калимаи деривативи (сохта)-ро ташкил медиҳад. Бо ёрии калимасозии универбатсия “воҳидҳои номинативие сохта мешаванд, ки аз ҷиҳати маъно ба ибораи асосӣ мувофиқат мекунанд, вале сохторан шакли кӯтоҳ доранд” [83, 82].

Бо ёрии калимасозии универбатсия танҳо исмҳо сохта мешаванд. Дар ташаккули калимасозии истилоҳоти интернетӣ универбатсия роҳи фаъоли сохташавии истилоҳот ба шумор рафта, барои коҳиш додани истилоҳоти гуногун, махсусан ибораҳо истифода мегардад. Е. А. Земская ба калимасозии универбатсия чунин таъриф додааст: "Тарзу усули ташаккули калима дар асоси иборае мебошад, ки мавриди ҳосил шудани калимаи кӯтоҳшуда маънои комили ибора инъикос гардида, аз нигоҳи сохтор танҳо як ҷузъи ибора дар он дида мешавад” [256, 18]. Мисол, *demo program – дем**ка** – намоишӣ, system programmer – система**чӣ** (система**чии** барнома), network programmer – сетев**ик** – шабака**соз**, search system – поискав**ик** – ҷуст**ор,** role-playing game – ролев**ик** – нақш**боз**, unnamed file – безимянн**ик** – **бе**ном, virtual world – виртуал**ка** – виртуал**ӣ*** ва ғайра.

Дар мисолҳои овардашуда усули калимасозии универбатсия истифода гардидааст, ки истилоҳоти интернетӣ, алалхусус ибораҳо ба таври кӯтоҳшавӣ як ҷузъашон бо суффиксҳо ва префиксҳо сохта шудаанд. Чи тавре ки маълум аст, бештари истилоҳоти интернетӣ аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ транслитератсия мешаванд ва корбарони соҳаи технологияи иттилоотӣ бештар барномаҳои интернетиро бо забонҳои англисӣ ва русӣ истифода менамоянд. Аз ин лиҳоз, мисолҳои овардашуда бо варианти забони русӣ муқоиса гардидаанд, зеро усули универбатсия бештар дар

[2] Универбатсия англисиаш Univerbation (аз лотинии unum verbum) роҳи калимасозӣ дар асоси ибора мебошад, ки дар он калимаҳои сохташуда танҳо асоси яке аз аъзои ибораро дар бар мегиранд.

забони русӣ васеъ истифода мешавад. Мисол, калимаи ***system programmer***, яъне ***барномасози системавӣ*** дар забони русӣ бо суффикси ***–ик, системавик*** сохта шуда, дар забони тоҷикӣ бо суффикси ***–чӣ*** оварда шудааст. Истилоҳи ***network programmer***, дар забони русӣ бо суффикси ***–ик*** чун ***сетевик*** омада, дар забони тоҷикӣ бо аффиксоиди ***–боз*** сохта шудааст. Аз таҳлили сохтории истилоҳот равшан мегардад, ки агар усули универбатсияи истилоҳоти интернетӣ дар забони русӣ бештар бо суффиксҳои ***–ик, -ка*** сохта шаванд, дар забони тоҷикӣ на танҳо бо суффикс, балки бо префикс ва аффиксоидҳо низ сохта мешаванд.

Бо назардошти тамоми роҳҳои ташаккули зина ба зинаи истилоҳоти интернетӣ, метавон тазаккур дод, ки дар доираи воқеии истилоҳшиносӣ, истилоҳоти интернет як системаи навине мебошад, ки асоси он дар муддати хеле кӯтоҳ ба вуҷуд омадааст, аммо худи система ҳоло ҳам рушд карда истодааст. Дар робита бо роҳҳои ташаккули истилоҳот, истилоҳоти системаи интернет мураккаб буда, тамоми роҳҳои анъанавӣ: маъноӣ, морфологӣ ва синтаксисиро дар бар мегирад.

Ин се роҳи ташаккули истилоҳоти интернетӣ дар алоҳидагӣ бо роҳҳои гуногун сохта мешаванд. Агар зери таҳлил як истилоҳи интернетиро аз ҷиҳати маъно қарор диҳем, ба таври зайл мебошад:

Reblog - *(on a blog), post (content that has previously been posted on another blog), an act or instance of posting content on one blog that has previously been posted on another.*

Мисоли дар боло овардашуда мазмунан бо забони англисӣ шарҳ дода шудааст, ки чунин мебошад, яъне паём (мундариҷае, ки қаблан дар блоги дигар ҷойгир карда шуда буд) амал ё мисоли интишори мундариҷа дар як блог, ки қаблан дар дигараш нашр шуда буд.

Twitterer (twit+er+er) *– refers to people who send tweets on the Twitter service.*

Мисоли мазкур аз рӯйи таҳлили морфологӣ: таркиби ***twit*** (таъна задан, сарзаниш кардан) – феъл буда, бо пасванди ***“-er”*** ба исм табдил гаштааст. Ин истилоҳи интернетӣ ба шахсоне ишора мекунад, ки дар шабакаи хидматии Твиттер паёмак мефиристанд.

Open search engine (муҳаррики кушоди ҷустуҷӯи) – 1. *A software program that searches a database and gathers and reports information that contains or is related to specified terms (барномаи нармафзоре, ки пойгоҳи додаҳоро ҷустуҷӯ мекунад ва маълумотеро ҷамъоварӣ ва гузориш медиҳад, ки дорои истилоҳоти мушаххас ё махсус аст). 2. A website whose primary function is providing a search engine for gathering and reporting information available on the internet or a portion of the internet (вебсайте, ки вазифаи асосии он таъмин намудани системаи ҷустуҷӯи барои ҷамъоварӣ ва гузориш додани иттилоот дар интернет ё дар як қисми интернет мебошад).*

Бояд қайд намуд, ки дар мисоли мазкур ибораҳое, ки дар он истилоҳоти интернетӣ истифода мегарданд, нишон дода шудааст. Роҳи сеюми ташаккули истилоҳоти интернетӣ роҳи синтаксисӣ буда, бештар ибораҳоро дар бар мегирад. Ибораи ***open search engine*** барномаи нармафзореро дар назар дорад, ки пойгоҳи додаҳоро ҷустуҷӯ мекунад ва маълумотеро дар бар мегирад, ки дорои истилоҳоти муайяншуда ё бо он алоқаманд мебошад. Вебсайте, ки вазифаи асосии он муҳаррики ҷустуҷӯ барои ҷамъоварӣ ва ҳисоботдиҳии иттилоотӣ дар интернет мавҷудбуда ё як қисми интернет мебошад.

Раванди ташаккулёбии системаи истилоҳот аз ҷиҳати рушди доимии афкори илмӣ, бо пайдоиши воҳидҳои нави луғавӣ ва воридшавии онҳо ба система ва ташаккули намудҳои гуногуни робитаҳои байни онҳо дар забоншиносӣ сурат мегирад. Рушди доимии забон ва, махсусан, истилоҳоти технологияи иттилоотӣ боиси ба вуҷуд омадани маҷмуи номинатсияҳои махсус мегардад, ки ба таркиби системаи истилоҳот дохил мешаванд. Аз ин

лиҳоз, пеш аз оне, ки истилоҳро зери таҳлил қарор диҳем, бояд аз ҳама ҷиҳат тавсифи онро ба таври васеъ муайян созем. Таркиби системаи истилоҳот хеле мураккаб буда, марҳилаҳои гуногунро дарбар мегирад. Системаи истилоҳоти интернетӣ воҳидҳои луғавии махсусеро дарбар мегирад, ки маҷмӯи номинатсияҳои ифодакунандаи доираи мафҳуми вожаҳои илмӣ мебошанд. Дар истилоҳшиносӣ истилоҳоти интернетӣ маъмултарин ба шумор рафта, аз воҳидҳои луғавии махсус, ки дар майдони маъноӣ ядро, яъне маънои асосӣ ҳисобида мешаванд, иборат мебошад. Периферия бошад, берун аз ядро, яъне маъноҳои маҷозӣ, муродифот ва маъноҳои дигарро дар назар дорад. Равшан гардид, ки ҳар як системаи истилоҳот аз ядро ва периферия иборат буда, байни онҳо алоқамандии маъноӣ вуҷуд дорад. Дар доираи майдони маъноӣ ташаккул ёфтани мафҳумҳои нави воҳидҳои луғавӣ ба назар мерасанд, ки дар системаи истилоҳшиносӣ периферияи мазмуни истилоҳро ташкил медиҳад. [180, 25].

Назарияи муосири истилоҳшиносӣ як қатор хусусиятҳои системаҳои истилоҳоти интернетиро пешниҳод менамояд: умумисистемавӣ, лингвистӣ ва тавсифоти истилоҳот бошад: таърихӣ, маъноӣ, сохторӣ, функционалӣ.

Ҷадвали 3.



Хусусиятҳои *таърихии истилоҳоти интернетӣ* синну сол, пайдоиш, устувории воҳидҳои луғавӣ, фаъолияти таърихии онҳо ва мавқеи

истифодабарии истилоҳотро дар давраҳои ташаккулёбиашон дар бар мегирад. Тибқи гуфтаҳои С.В. Гринев [56], синну соли истилоҳотро дақиқтар метавон аз рӯи истифодабарии корбарони худи ҳамон соҳа муайян намуд, зеро истилоҳоти интернетӣ дар гузашта дар доираи маҳдуд мавриди истифода қарор доштанд. Пайдоиши онҳо дар байни гурӯҳи маҳдуди корбарони интернет ба назар мерасид. Агар ба таърихи интернет назар андозем, интернет аз шабакаи аввалини ARPANET сарчашма мегирад, ки соли 1969 пайдо шуда буд. Дар он давра бештари истилоҳоти шабакавӣ барои интиқоли маълумот корбурд мешуд, махсусан, ғояи марказӣ ва таърихии истилоҳоти интернетӣ, аз қабили шабакаҳои гуногун ва протоколҳои интиқоли маълумот, баъдан дигар истилоҳот ба монанди почтаҳои электронӣ ва чат пайдо гардиданд, ки то ҳол зери истифодаи корбарони интернет мебошанд [286].

Соли 1969 вақте ки шабакаи ARPANET-ро санҷиш гузарониданд, ду нафар дар шабака барои санҷиш истилоҳи ***log in***- ро истифода намуданд, ки шахси дуюм ин истилоҳро дар компютер бояд тасдиқ менамуд. Маълум мегардад, ки истилоҳи ***log in – логин*** низ яке аз истилоҳоти интернетии таърихӣ ба шумор меравад [274].

Истилоҳи интернетии ***avatar - аватар*** дар шабакаҳои интернетӣ хеле васеъ истифода гардида, махсусан дар сомонаҳои иҷтимоии Facebook, Whats App, Telegram ва дигар чатҳо ба чашм мерасад. Ин истилоҳ, аслан, аз забони санскрит ба забони англисӣ ворид гашта, мазмуни ирфонии худро дорад, яъне маънои аз осмон ба шаклҳои заминӣ гузаштани Худо мебошад. Дар забони англисӣ ин истилоҳ дар асри XVII ба туфайли забони ҳиндӣ пайдо шудааст. Танҳо дар соли 1992 ин калима дар китоби "Тарма"-и нависандаи жанри фантастикии Амрико Нил Стивенсон маъмул гашт ва маънои технологӣ пайдо намуд [282].

Истилоҳи дигари интернетӣ ***spam – спам*** мебошад, ки бори аввал дар соли 1970 дар силсилаи мазҳакавии Монти Питон пайдо шудааст. Эскизи

таҳти унвони ***"Спам"***, ки он ҳам номи "SPiced hAM"-и ширкати амрикоии Hormel Foods Corporation аст, қаҳвахонаеро тасвир мекард, ки дар он ***"SPAM"*** дар ҳама хӯрокҳои қаҳвахона ҷойгир буд ва викингон ба тарзи хор суруд хонда, пайваста калимаи ***"Спам!"***–ро месароиданд, ки ин истилоҳ дар он маврид мазмуни ***фурӯ бурдани садои одамони дигар*** буд. Дар аввали солҳои 80-ум шахсоне, ки мехостанд ҳар гуна муҳокимаи онлайнро боздоранд, калимаҳоро такрор ба такрор нусхабардорӣ мекарданд ва дар байни суҳбат ворид мегардонданд. Аз он вақт инҷониб калимаи ***"спам"*** ҳамчун мафҳуми *кӯшиши нест кардани мундариҷаи воқеӣ* истифода мешавад [282].

Метавон гуфт, ки бештари истилоҳоти интернетӣ пайдоиши таърихии худро доранд, ба монанди ***troller***[3] ***ва (#)-hashtags***[4].

Ба хусусияти *умумисистемавии ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ* тамоми ҷанбаҳои истилоҳшиносӣ ҳам аз ҷиҳати пайдоиш, ташаккулёбӣ, маъно, сохтор, вазифаи морфологӣ ва ғайра дохил мешаванд [171, 173]. Яке аз хусусиятҳои дигари умумисистемавӣ будани истилоҳоти интернетӣ дар он аст, ки бо як қатор илмҳо алоқамандӣ дошта, худ аз истилоҳоти компютерии забони англисӣ ба вуҷуд омадааст [159, 131]. Истилоҳоти компютерӣ дар тамоми соҳаҳои касбию илмӣ васеъ истифода мешаванд. Аз ин лиҳоз, истилоҳоти интернетӣ низ бо тамоми соҳаҳо равобити зич доранд.

Ҷадвали 4.



[3] Троллер корбаре, ки ба таври манфӣ дигаронро таҳрик медиҳад.
[4] Хэштег калима ё иборае, ки пеш аз он аломати # (ҳаш) омадааст.

Гуногунҷанба будани истилоҳоти интернет аз мураккабӣ ва таъсири илмҳои дигар шаҳодат медиҳад. Аз ҳамин лиҳоз, онро дар алоҳидагӣ метавон забоншиносии интернетӣ номид. Дар ин маврид суол ба миён меояд, ки интернет аз нуқтаи назари забоншиносӣ чист? Ин муҳити махсуси муошират байни одамон ва интиқоли иттилоот буда, ҷойгоҳи махсусро дар забоншиносии компютерӣ доро мебошад. Аз ин нуқтаи назар он мавриди таваҷҷуҳи хосси забоншиносон қарор гирифтааст. Мураккабӣ ва умумисистемавӣ будани хусусияти истилоҳоти интернетӣ дар он аст, ки истифодабарандагони интернет аз гурӯҳҳои гуногуни табақаҳои ҷамъият иборат мебошад. Яке аз он гурӯҳҳо олимон, омӯзгорон ва донишҷӯёни макотиби олӣ ва миёна буда, гурӯҳи дигар бошад, мардуми зиёие, ки дар он тамоми касбият дохил мешаванд, аз ҷумла муҳандисон, дизайнерон, табибон, иқтисодчиён, сиёсатмадорон ва ғайра. Гурӯҳи сеюм, яке аз гурӯҳҳои калонтарин маҳсуб ёфта, рӯзноманигоронро дар бар мегирад [82, 79]. Дар натиҷаи истифодаи интернет аз тарафи гурӯҳи гуногуни одамон, истилоҳоти нави интернетӣ ба вуҷуд меоянд, ки бо дигар соҳаҳо алоқамандӣ доранд. Умумиситемавӣ ва мураккаб будани забоншиносии компютерӣ, махсусан забони шабакавӣ, яъне истилоҳоти интернетӣ аз муоширати гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа сарчашма мегирад.

Хусусияти лингвистии истилоҳоти интернетӣ дар он зоҳир мегардад, ки аз рӯзи пайдоиши интернет инқилобе дар забоншиносии компютерӣ ба вуҷуд омад. Ҳар як омил ва ҳодисаҳои забоние, ки дар раванди муоширати интернетӣ ба вуҷуд меоянд, бевосита хусусияти лингвистии истилоҳоти интернетиро нишон медиҳанд. Забоншиносони муосир оид ба парадигмаи илмии забони интернет таърифҳои гуногунро мисли ***e-language, netlingo, e-talk, geekspeak, netspeak, weblish*** пешниҳод намудаанд [231].

Табиист, ки дар забон ҳамеша тағйирот ба назар мерасад. Забоншиносии интернетӣ як инқилобе мебошад, ки тағйироташ хеле босуръат буда, як забони нави электрониро ба миён меорад. Яке аз

забоншиносони маъруфи хориҷӣ Д. Кристал қайд менамояд, ки «технологияи иттилоотӣ барои таҳқиқоти забоншиносӣ имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад. Дискурси интернетӣ ё бо истилоҳи *netspeak* як таҳқиқоти инноватсионӣ ба шумор рафта, дар забоншиносии интернетӣ мавқеи хоссаро ишғол менамояд” [231]. Дар рафти муошираты интернетӣ истилоҳоти махсусе ба чашм мерасанд, ки танҳо дар раванди муқоиса ва таҳқиқи забон онҳоро метавон равшан гардонид. Маҳз ҳамин сабаб мешавад, ки ҳар як истилоҳи интернетӣ дар доираи забоншиносии интернетӣ ба таври дақиқ омӯхта шавад.

Д. Греддол ба ақидаи Д. Кристал такя намуда, қайд мекунад, ки муошираты интернетии инноватсионӣ забонҳои гуногуни навро ба миён меорад. Инчунин, дар раванди таҳқиқоти забони интернетӣ роҳу усулҳои нави муоширатро метавон дид. Тамоми хусусиятҳои забони гуфтугӯӣ дар чатҳо ба шакли транскрипсия хаттӣ инъикос мешаванд, махсусан сленги чатҳо [239, 31].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки роҳу усули муошираты интернетӣ ва он истилоҳоте, ки дар ин раванд ба вуҷуд меоянд, аз ҳаёти кунунии мардум гирифта шуда, тамоми соҳаҳоро фаро мегирад. Истифодаи интернет ва технологияҳои компютерӣ ба тағйирёбии забон таъсири назаррас доранд. Аз ин лиҳоз, яке аз хусусияти муҳимтарини истилоҳоти интернетӣ ин хусусияти лингвистии онҳо мебошад. Дар доираи хусусияти лингвистии истилоҳоти интернетӣ тамоми раванди тағйирот ва рушди воҳидҳои луғавӣ омӯхта мешаванд. Масалан, яке аз роҳҳои ташаккули истилоҳоти интернетӣ, махсусан сленгҳо, ин ихтисоршавӣ ба шумор меравад [44, 89]. Ё ин ки дигар роҳҳои калимасозии истилоҳоти интернетӣ ин конверсия, аффиксатсия, мураккабшавӣ шуда метавонад, ки ҳама ҷанбаҳои номбаршуда ба забоншиносии интернетӣ тааллуқ доранд.

Истилоҳоти интернет аз рӯи сохтор гуногун мешаванд. Истилоҳот метавонанд сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ шаванд. Мураккабшавии

сохтори луғавии истилоҳоти интернетӣ метавонад то ҳафт воҳиди луғавиро дар бар гирад, мисол ***Internet Corporation for Assigned Names and Numbers, Internet Information Server Standard Log File Format, What You See Is What You Get***.

Роҳи дигари он сохтани неологизмҳо мебошад. Яке аз роҳҳои сохтани неологизмҳои интернетӣ илова кардани як калимаи сода ба калимаи дигари сода мбошад, ки дар натиҷа як калимаи мураккаб ба миён меояд. Инчунин, аз як реша метавонад якчанд неологизмҳои истилоҳоти интернетӣ ба вуҷуд ояд. Мисол, аз решаи калимаи содаи ***mouse*** – *муш (мушак)* дигар калимаҳои мураккаб сохта мешаванд, чун ***mouseclick*** – *зеркунии мушак,* ***mousedisk*** – *доираи идоракунӣ бо курсори муш,* ***mousepad*** – *майдончаи муш,* ***mouseover*** – *нишоннамоии мушро вонамуд кардан.* Инчунин, истилоҳи овардашуда метавонад дар шакли ибора истифода шавад, ***mouse across*** – *нишоннамоии мушро насб кардан*. Мисоли дигар аз истилоҳи содаи ***ware*** – *итеҳсол (пурсамар)* дигар истилоҳоти мураккаби интернетӣ ё ин ки ибораҳои тафсилӣ ва ё худ густарда ба вуҷуд меоянд. Ба монанди ***freeware*** – *нармафзори аз ҷониби корбар дастгиришаванда,* ***shareware*** – *нармафзори ройгони шартномавӣ,* ***shovelware*** – *нармафзоре, ки танҳо барои пур кардани фазои боқимонда ба CD сабт карда мешавад,* ***wetware*** – *мағзи сари инсон (сленги компютерӣ)*; истилоҳи содаи ***web*** бо дигар истилоҳоти мураккаб чун ***webcast*** – *пахши онлайн,* ***webmail*** – *хизматрасонии почтаи электронӣ,* ***webliography*** – *веблография,* ***webmaster*** – *маъмури сайт,* ***webzine*** – *маҷаллаи электронӣ,* ***webhead*** – *корбари вебсайт* ва ғайра.

Хусусияти роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ ин хусусияти сохтории онҳо ба шумор меравад. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хусусияти сохтории истилоҳоти интернетӣ гуногунранг буда, ҳам ба таркиби грамматикӣ ва ҳам ба таркиби луғавии забон, муносибат дорад. Чи тавре С. Назарзода қайд мекунад: “Ҳар як ҳиссаи нутқ усул ва қолабҳои махсуси калимасозӣ дорад. Усули морфологӣ ва синтаксисии калимасозӣ тарзҳои

асосии калимасозӣ ба шумор мераванд. Усули калимасозии конверсия хосси синтаксис буда, бе ёрии морфемаҳои калимасоз ба амал меояд ва маънои луғавию мансубияти морфологии он маҳз дар ибора ва ҷумла муайян карда мешавад” [165, 184].

Дар забони англисӣ, тавре дар боло зикр гардид, истилоҳоти интернетӣ аз рӯи сохтор панҷ намуд мешаванд, ки ин *сода, сохта (аффиксатсия), мураккабу таркибӣ (композитсия), конверсия ва ихтисора* мебошанд. Дар забони тоҷикӣ низ роҳҳои калимасозии истилоҳоти интернетӣ бо ҳамин сохтор сурат мегирад, вале бо мафҳум ё номгузории таснифоти калимасозӣ фарқият дида мешавад.

1. Якум роҳи калимасозӣ аз ҷиҳати сохтор ин ***морфологӣ*** мебошад, ки ба ***аффиксатсия*** баробар аст, чунки бо пешванду пасванд сохта мешавад: ***en**cod**er** – рамз**банд**, рамзгузор, hack**er** – рахна**гар**, **re**start – **аз**нав, аз нав оғоз намудан*;

2. Дуюм усули калимасозӣ ин ***синтаксисию морфологӣ*** аст, ки ба ***композитсия*** мувофиқат мекунад, чунки дар он васлшавии истилоҳот дида мешавад: ***code number*** *– рамзи шумора,* ***feedback*** *– ҷавоби баръакс, алоқаи баръакс;*

3. Усули ***морфологию синтаксисӣ*** бошад, ба ***конверсия*** шабоҳат дорад, зеро аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигар мубаддал мегардад: ***zoom*** *– калонкунӣ,* ***to zoom*** *– калон кардан,* ***database*** *– пойгоҳи иттилоот,* ***to database*** *– ба пойгоҳи иттилоот ворид кардан*;

4. Усули ***луғавию синтаксисӣ*** ҳам ҷиҳати сохтор ва ҳам маъноро таҳлил менамояд, чунки дар он табдили ибора ба калимаи мураккаб дида мешавад: ***hunt for bugs – bug bash*** *– бартараф кардани хатоиҳо,* ***aspiring hacker – wannabees*** *– мухлисони дилчасп (шабакаи интернет);*

5. Усули ***луғавию маъноӣ*** бештар ба маънои истилоҳот такя намуда, сермаъноии онҳоро меомӯзад: ***exit, close*** *– баромадан (аз нармафзор ё ягон равзана),* ***link, connection*** *– алоқа;*.

6. Усули дигар ***ихтисора*** буда, дар калимасозии забони англисӣ низ, махсусан дар истилоҳоти интернетӣ хеле маъмул мебошад: ***PC*** *(Personal Computer) – компютери фардӣ,* ***IRL*** *(In real life) – дар ҳаёти воқеӣ* [162, 37].

Дар хусусияти маъноии истилоҳоти интернетӣ бештар воҳидҳои луғавӣ аз ҷиҳати *бисёрмаъноӣ, синонимӣ, омонимӣ ва антонимӣ* мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Хусусияти маъноии истилоҳи интернетӣ, инчунин, аслӣ будани мазмуни истилоҳ ё бо роҳи маҷоз ифода ёфтани онро меомӯзад. Аз гуфтаҳои Ф. П. Филин бармеояд, ки маҷмуи воҳидҳои луғавӣ дар ҳар як забон дар заминаи иерархӣ сохта шудааст. Майдони маъноии истилоҳ ин мазмуни асосии он ба шумор меравад. Мафҳуми маҷозӣ, синоним ё антоним бошад, ба гурӯҳҳои хурди *луғавию маъноӣ* дохил мешаванд [191, 227].

Бояд тазаккур дод, ки хусусияти маъноӣ бо функсионалӣ хеле алоқаи зич дошта, ҳар як истилоҳро, ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз рӯи вазифа, меомӯзад. Хусусияти маъноии истилоҳоти интернетӣ мазмуни онро дар майдони ядро ё переферия омӯхта, хусусияти функсионалӣ бошад, бо кадом роҳҳо истифода бурдани истилоҳотро шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар зери мафҳуми хусусияти маъноӣ бештар мувофиқати маъноии он ва ҳангоми аз як забон ба забони дигар гузаштан муодилнокии он дар назар дошта мешавад. Дар истилоҳшиносӣ, истилоҳ худ якмаъноиро ифода мекунад, вале баъзан бо мурури забон истилоҳоте ба назар мерасанд, ки вобаста ба матн маъноии гуногунро инъикос менамоянд. Барои мисол истилоҳи марбут ба интернет **cyberspace (киберфазо)-**ро мегирем, ки аз домени ҷаҳонӣ дар муҳити иттилоотӣ аз шабакаи ба ҳам вобастаи инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ ва маълумоти резидентӣ иборат буда, шабакаҳои телекоммуникатсионии интернет, системаҳои компютерӣ, коркардкунандагон ва танзимкунандагони барномаҳоро дар бар мегирад. Истилоҳи мазкур шабакаи ҷаҳони компютериро маҳз бо интернет пайваст намуда, тавассути он муошираты интернетӣ сурат мегирад. Пайдоиши ин истилоҳ аз соли 1982 сарчашма гирифта, аз тарафи Виллиам Гибсон дар

ҳикояҳояш истифода шуда буд. Ин истилоҳ аз решаи ***cyber***[5] сохта шуда, маънои кибернетикаро ифода менамояд. Соли 1994 аз ин реша тақрибан 104 истилоҳи дигар сохта шуд. Решаи ***cyber*** аслан вазифаи пешвандӣ дошта, дар алоҳидагӣ ягон маънои мукаммалро ифода карда наметавонад. Метавон гуфт, ки ҳатто ин пешванд агар бо архаизм илова шавад, калимаи нав ва маъмулро ба миён меорад. Ин пешванд серистифода ва вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад, мисол ***cyberspeak, cybersurfer, cyberculture, cyberlawyer, cybersex***;

Хусусияти функционалӣ мавқеи истифодабарии истилоҳро омӯхта, вазифаҳои онро аз ҷиҳати сохтор ва маъно ифода менамояд. Дар зербоби мазкур тамоми роҳу усулҳои ташаккули истилоҳоти интернетӣ бо хусусиятҳояш ба таври дақиқ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Истилоҳоти интернетӣ дар тамоми соҳаҳо маъмул ва мустаъмал истифода гардида, бо онҳо робитаи зич дорад. Истилоҳоти интернетӣ на танҳо аз ҷиҳати пайдоиш, балки умумисистемавӣ будани он, инчунин, мавқеи он дар забоншиносии компютерӣ ба таври васеъ омӯхта шудааст.

2.2. Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ

Дар истилоҳшиносӣ таснифоти истилоҳот аз рӯйи сохтор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ гуногунанд. Агар мафҳум дигар бошад ҳам, сохторан ва шакли калимасозӣ дар забонҳои муқоисашаванда якхел инъикос мегардад. Муҳаққиқон истилоҳоти интернетиро ба таври гуногун тасниф кардаанд. Ба ақидаи К. Гайвенис, истилоҳотро метавон аз рӯйи пайдоиш, шакл ва вазифа гурӯҳбандӣ намуд. Инчунин, истилоҳотро метавон ба гурӯҳи истилоҳоти аслӣ, ки дар забони асл пайдо гардида бетағйир истифода мегарданд, ба неологизмҳо, ки бо мурури замон ва рушди технологияи иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд ва ба истилоҳоти иқтибосӣ тақсим намуд, ки аз як забон ба забони дигар бо роҳҳои иқтисодию иҷтимоӣ вориди забон мегарданд. [236, 25].

---

[5] ***Cyber аз cybernetics – (кибернетика) илм дар бораи қонунияти равандҳои идоракунӣ ва ирсоли иттилоот дар системаҳои гуногун ба мисли системаҳои мошинӣ, организмҳои зинда ва ё ҷомеа.***

Ҳамаи таснифоти дар боло овардашуда аз рӯйи сохтор ба истилоҳоти якреша ё сода, сохта бо аффиксҳо, мураккаб бо ду ва зиёда решаҳо ва таркибӣ ҷудо мешаванд. Яке аз таснифоти калонтарин ва маъмултарини истилоҳоти технологияи иттилоотӣ, махсусан, истилоҳоти интернетиро Р. Дебюк – олими фаронсавӣ ҷудо намудааст, ки дар он истилоҳоти интернетӣ на танҳо аз рӯйи сохтор, балки аз рӯйи маъно, тағйироти сохтори морфологии он ва иқтибосшавӣ зоҳир мегардад [234, 135-136]. Таснифоти мазкур омехта буда, ҳама хусусиятҳои истилоҳотро аз ҷиҳати маъно меомӯзад. Қисмати морфологии он бештар ба сохтори истилоҳ такя намуда, онро сохторан мавриди таҳлил қарор медиҳад. Қисмати чорум низ конверсия буда, ба хусусияти сохторӣ ва маъноии истилоҳ дохил мешавад, зеро ҳам мазмуну вазифа ва ҳам сохтори онро тағйир медиҳад.

Ҷадвали 5.



Таснифоти мазкур аз дигар таснифот бо он фарқ мекунад, ки дар он истилоҳоти иқтибосшуда низ ҷой доранд. Дар таснифоти ҷадвали 5 роҳҳои тарҷумаи истилоҳотро низ метавон баррасӣ кард, зеро бештари истилоҳоти интернетӣ тавассути усули калка ё транслитератсия ё транскрипсия аз як забон ба дигар забон баргардон мешаванд. Азбаски зербоби мазкури мо танҳо ба қисмати сохтории истилоҳоти интернетӣ равона гардидааст, мисолҳо танҳо аз лиҳози таркиби сохторӣ таҳлилу баррасӣ хоҳанд шуд. Роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати маъно ва иқтибосшавиашон дар бобҳои оянда мавриди таҳлил қарор мегиранд.

2.2.1. Истилоҳоти интернетии сода

Истилоҳоти интернетие, ки аз ҷиҳати сохт якреша буда, бе миёнванд ва пасванду пешванд сохта мешаванд, ба гурӯҳи истилоҳоти сода дохил мегарданд. Чунон ки дар боло қайд гардид, истилоҳоти интернетии аз рӯи сохт содаро монолексемӣ низ меноманд, зеро аз як воҳиди луғавӣ иборат мебошанд. Мисол, ***blog*** *– вебнавишт,* ***bounce*** *– баргардонидани паёми ирсолнашуда,* ***cloud*** *– шабакаи ҷаҳонии дар муҳити дурдаст,* ***cookie*** *– куки (аз ҷониби веб-серверҳо барои фарқ кардани корбарон ва нигоҳ доштани маълумот дар бораи онҳо истифода мешавад),* ***domain*** *– домен (дар пойгоҳи додаҳои релятсионӣ),* ***flash*** *– гузариш,* ***google*** *– ҷустуҷӯ,* ***leet*** *– забони лит (забони ғайрирасмӣ, жаргон ё коди дар интернет истифодашаванда, ки дар он ҳарфҳои стандартиро аксар вақт рақамҳо ё аломатҳои махсус иваз мекунанд),* ***link*** *– нишона,* ***meme*** *– интернет-мем (падидаи паҳншавии стихиявии ҳама гуна ибора, файли медиавӣ ё дигар маълумот дар муҳити интернет),* ***mirror*** *– инъикоси оина,* ***socket*** *– панел барои насби протсессори марказӣ,* ***spam*** *– ҳарзнома,* ***spider*** *– барномаи ҷустуҷӯи веб,* ***tweet*** *– твит, номи шабакаи иҷтимоӣ барои паёмакҳо,* ***web*** *– веб (шабакаи бо интернет пайваст),* ***mail*** *– почтаи электронӣ,* ***site*** *– сайт,* ***zone*** *– зона, (минтақаи рамзӣ барои ҳарфҳои рақамӣ),* ***save*** *– захира,* ***slot*** *– лона,* ***menu*** *– номгӯй,* ***symbol*** *– аломат, намод,* ***system*** *-–низом, система,* ***title*** *– сарлавҳа,* ***window*** *–*

равзана, ***wrap*** *– печидани хат,* ***zoom*** *– андоза,* ***protocol*** *– қарордод,* ***project*** *– лоиҳа,* ***program*** *– барнома,* ***post*** *– гузоштан,* ***option*** *– зергузина,* ***error*** *– хато,* ***edit*** *– ислоҳ,* ***data*** *– иттилоот,* ***copy*** *– нусхабардорӣ,* ***code*** *– рамз,* ***acces*** *– дастрасӣ, дастёбӣ.*

Ҳама истилоҳоти дар боло овардашуда аз рӯйи сохт сода буда, дар забони англисӣ аз як реша иборатанд. Ҳангоми муқоиса маълум гардид, ки на ҳама истилоҳоти сода дар забони тоҷикӣ бо як реша баргардон мешаванд. Дар мисолҳои овардашуда истилоҳоти – ***symbol –*** *аломат,* ***system -–*** *низом,* ***window –*** *равзана,* бо як реша дар ҳар ду забон истифода шуда бошанд ҳам, дигар истилоҳоти интернетӣ чун ***bounce*** - *баргардонидани паёми ирсолнашуда,* ***cloud*** *– шабакаи ҷаҳонии дар муҳити дурдаст,* ***cookie*** - *куки (аз ҷониби веб-серверҳо барои фарқ кардани корбарон ва нигоҳ доштани маълумот дар бораи онҳо истифода мешавад),* ***domain*** *– домен (дар пойгоҳи додаҳои релятсионӣ),* ***leet*** *– забони лит (забони ғайрирасмӣ, жаргон ё коди дар Интернет истифодашаванда, ки дар он ҳарфҳои стандартиро аксар вақт рақамҳо ё аломатҳои махсус иваз мекунанд)* дар шакли ҷумла ва ибора шарҳи маънӣ ёфтаанд, зеро бештари истилоҳоти интернетӣ ба гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил дохил шуда, ба таври транслитератсия боз дар қавс шарҳи маънӣ мешаванд. Ғайр аз ин, истилоҳи ***flash*** *– гузар**иш*** ҳарчанд дар забони англисӣ бо як реша омада бошад ҳам, дар забони тоҷикӣ чун калимаи сохта истифода мешавад, зеро аз *асоси феъли замони гузаштаи* ***гузар*** *+ пасванди “****-иш****”* таркиб ёфтааст.

Истилоҳшиноси поландӣ С. Гайда [237] оид ба сохтори истилоҳоти интернетӣ чунин ибрози ақида менамояд, ки истилоҳоти сода нисбат ба истилоҳоти мураккаб шумораашон камтар мебошад. Инчунин, истилоҳоти мураккабро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: гурӯҳи якум истилоҳоте, ки аз ду реша иборатанд ва гурӯҳи дуюм истилоҳоте, ки ду ва зиёда решаро дар бар мегиранд.

С. Павел бошад, дар навбати худ истилоҳоти интернетиро ба панҷ қисм тақсим намудааст. Истилоҳоти сода, мураккаб, ихтисора, акроним ва инисиализм [289].

Аз гуфтаҳои истилоҳшиносони хорӣҷӣ маълум мегардад, ки шумораи истилоҳоти интернетии шаклан сода кам мебошанд, вале дар раванди таҳлил равшан гардид, ки истилоҳоти сода аз як реша иборат бошанд ҳам, вале аз рӯйи вазифаи морфологиашон дар шакли конверсия хеле васеъ истифода мегарданд. Мисол, ***google – to google*** *– ҷустуҷӯ кардан,* ***mouse – to mouse*** *бо мушак ишора намудан,* ***nipple – to nipple*** *ниппел (бар ивази мушак истифода мегардад),* ***scan – to scan*** *– нусха бардоштан.*

Истилоҳоти содаи мисолҳои дар боло овардашуда аз исм ба феъл табдил ёфтанд, яъне конверсия шудаанд. Истилоҳоти интернетӣ, аслан, дар шакли конверсия хеле васеъ истифода мегарданд, аз ин лиҳоз конверсияро яке аз роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ мешуморанд.

2.2.2. Истилоҳоти интернетии сохта

Дар истилоҳшиносӣ рушду ташаккули истилоҳот аз рӯи сохтор тавассути аффиксатсия ба роҳ монда шудааст. Истилоҳоте, ки таркибан аз суффикс, преффикс ё ҳар ду сохта мешаванд, истилоҳоти сохта мебошанд. Дар истилоҳшиносӣ чунин истилоҳотро монолексемавӣ бо аффиксҳо мегӯянд. Дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ чунин роҳи калимасозии аффиксатсия, ки дар натиҷа калимаҳои сохтаро ба миён меоранд, бо суффиксҳо ва преффиксҳо сохта мешаванд. Дар забони тоҷикӣ аффиксатсияро усули морфологии калимасозӣ номида, бо чунин аффиксҳо гурӯҳбандӣ менамоянд: ***- а, -она, - ва, - аб, -саб, - ҷусб, - ов, -анг, -банд, -у, -уф, -аш, -уя, -ё, -ақ, -иқ, -оқ, -ӯ, -анд, -ванд, -ак, -ам, -вам, -ҳам, -он, -гон, -ён, -истон, -ҷон, -хон, -ин, -мавор, -ус, -юс, -нус, -тус, -дус, -лус, -он, -от, -вот, -ут, -ҳанд, -манд, -аҳ, -уҳ, -кин, -бон, -ун, -мун, -лун, -ун, -ан, -вон, -о, -сор, -вар, ҳам -, но- , бе -, бар -, ғайри -, абар*** – [55, 48-50].

Дар забони англисӣ бошад, истилоҳот бо роҳи аффиксатсия бо аффиксҳои зерин сохта мешаванд: ***un-, -ly, -ress, -er, -tion, -ing, de-, dis-, -y, en-, in-, -ly, -er, re-, -ness, -less, -ic, -or, -age, -ment, -ity, -al, -sis, -ine, -ure, -ism, -ist, -ty, -ed, ab-, ad-, am-, de-, co-, di-, ex-, im-, in-, inter-, sub-, super-, trans-, cyber-, anti-, hyper-, dia-, para-, bi-, com-, contra-, post-, sub-, super-, ultra-, -ware, e*** – [159, 77-80].

Забоншинос В.Д.Аракин якчанд формулаи хосси морфологидоштаро пешниҳод намудааст, ки барои роҳҳои ташаккули калимасозӣ хеле маъмул мебошанд. Ҳар як ҳарфи формула аз рӯи морфемаи калима ҷудо карда шудааст. Ба монанди ***R*** морфемаи ***реша***, ***S*** морфемаи ***суффикс (пасванд)***, ***P*** морфемаи ***преффикс (пешванд)*** мебошад. ***P+R+S*** ба забони тоҷикӣ чун ***пешванд+реша+пасванд*** истифода мешавад [5, 116].

Баррасии ин масъала нишон медиҳад, ки навъи аз ҳама серистифода дар сохтори истилоҳот ин калимасозии пасвандӣ мебошад. Дар ҳар ду забони муқоисашаванда истилоҳот бештар бо пасвандҳо сохта мешаванд:

R+S: *bann**er** – баннер (чопи уфуқии доимӣ), serv**er** – сервер (дастгоҳи хидматрасон**ӣ**), add**y** – суроғa (сленги интернетӣ), bin**ary** – системаи ҳисобкунии дурақам**а**, buff**er** – дастгоҳи буфер**ӣ**, ad**ware** – нармафзори таблиғот**ӣ**, attach**ment** – пайвастшав**ӣ** (ба почтаи электронӣ ё шабакаи интернет), comput**ing** – компютеркунон**ӣ**, archiv**er** – фишурда**соз**, dai**ly** – рӯзон**а**, exten**sion** – густар**иш**, export – берун кардан, fold**er** – пӯша, баста, hack**er** – рахна**гар**, index**ing** – намоягузор**ӣ**, point**er** – пайкон, пайкон**а**, тир**ча**, port**al** – гузар**гоҳ**, print**er** – чоп**гар**, process**ing** – пардоз**иш**, process**or** – пардоз**гар**, us**er** – кор**бар**, wire**less** – **бе**сим, stor**age** – дастгоҳи хотира, dele**tion** – барҳамдиҳ**ӣ**, demo**ware** – нармафзори намоиш**ӣ**, digit**al** – гусаст**а**, connec**tion** – алоқ**а**, domain**ism** – домен**изм**, edit**or** – барномаи таҳрир**ӣ**, electron**ic** – электрон**ӣ**.*

Суффикси ***R+er*** дар забони англисӣ хеле серистифода буда, вазифаи исмсозиро иҷро менамояд: *banner – баннер, buffer – дастгоҳи буферӣ,*

archiver – фишурдасоз, hacker – рахнагар, pointer – пайкон, пайкона, тирча. Аз мисолҳои овардашуда маълум аст, ки ҳама исмҳое, ки бо суффикси ***+er*** ба анҷом мерасанд, ба забони тоҷикӣ бо суффиксҳои гуногуни исмсоз ва асосҳои феълӣ муодилёбӣ мешаванд, ба монанди суффикси ***+соз, +гар, +ӣ, +а, +ча***.

Суффикси ***+ча*** дар забони тоҷикӣ суффикси исмсоз буда, бештар дар услуби гуфтугӯӣ истифода гашта барои хурдию навозиш мебошад.

Суффиксҳои ***R+tion, sion, or, ing, ment*** низ исмсоз буда, дар забони тоҷикӣ низ бо суффиксҳои исмсоз сохта шудаанд, *attach**ment** – пайвастшав**ӣ** (ба почтаи электронӣ ё шабакаи Интернет), compu**tion** – компютеркунон**ӣ**, exten**sion** – густар**иш**, process**ing** – пардоз**иш**, connec**tion** – алоқа.* Аз мисолҳои боло аён аст, ки на ҳама истилоҳоти интернетии сохта дар забони тоҷикӣ бо суффикс баргардон намешаванд, бештари онҳо транслитератсия мегарданд, чун ***banner – баннер***. Баъзе истилоҳоти дигар чун *connec**tion*** истилоҳи сохтаи забони англисӣ бошад, дар забони тоҷикӣ чун истилоҳи сода, ***алоқа*** баргардон шудааст. Метавон дарҷ намуд, ки ҳолате мешавад, ки истилоҳоти сохтаи интернетӣ чун истилоҳи сода дар забони тоҷикӣ сохта мешаванд, ба монанди: ***реша+пасванд:*** *инъикоси оин**агӣ** –flipp**ing** book, диски нарми магнит**ӣ** – flopp**y** disk, шарт**ан** ройгон – freem**ium**, параметри танзим**гар** – fudge fact**or**, оган**иш**и функсионалӣ – function**ality,** бозин**гар** – gam**er**, омехташав**ӣ** (роҳи омехта намудани маълумоти байни ширкатҳо) – hash**ing,** технологияи шабак**ави**и хон**агӣ** – home network**ing**, саҳифаи хон**агӣ** – homepage, воридкун**ии** истинодҳои мустақим – hotlink, парвандаи вайроншуд**а** – infect**ed** file, нотавон**ӣ** (нокомӣ дар ҷойгиркунии вебсайти ҷустуҷӯии шумо дар куҷое ки маълумоти муфидро дидаед) – internesia, афзори сенсуркун**анда** – censor**ware,** Таъминкун**анда**и хадамоти интернети маҷоз**ӣ** – virtu**al** ISP, калиди дигар**соз** – alttag, занҷираи соз**иш** – linkbuild**ing,** сарзан**иш**и саҳифа – pagejack**ing**, кирм**ак** – worm, барнома**ча** – microprogram, худ**кор** – auto processing.*

Дар забони тоҷикӣ бошад, суффикси “**-гар**” хеле серистифода ба назар мерасад, *танзим**гар**, бозин**гар**, пардоз**гар**, намоишгар*. Суффикси мазкур дар соҳаи технологияи иттилоотӣ хеле маъмул буда, бештар аз асоси исм бо илова гардидани суффикси ***+гар*** сохта мешавад. Мисол, аз исмҳои ***бозӣ – game, пардоз – serve, намоиш – play, display***.

Дар забони англисӣ суффикси инкорӣ ***“-less”*** ба забони тоҷикӣ дар истилоҳоти интернетӣ чун преффикс ***–бе*** баргардон мешавад. Мисол, истилоҳи *wire**less*** чун истилоҳи ***бесим*** истифода шудааст. Суффикси ***-less*** дар забони англисӣ сифатсоз мебошад ва ба забони тоҷикӣ низ калимаи ***бесим*** ба вазифаи сифат омадааст.

*Калиди дигар**соз** – alttag*, истилоҳи мазкур аз рӯи сохтор таркибӣ аст, зеро аз ду реша бо ёрии ҳарфи изофии “***-и”*** пайваст шудааст. Дар ин ибора калимаи *дигар**соз*** аз решаи ***дигар*** ва суффикси “***-соз”*** сохта шудааст, ки калимаи сохта мебошад. Дар истилоҳи навбатӣ суффикси “***-соз”*** на танҳо ба вазифаи суффикс, балки метавонад ба вазифаи феъл истифода гардад. Аз феъли масдарии ***сохтан*** дар шакли амри чун ***соз***, яъне ба шахси дуюми танҳо тааллуқ дорад. Ин гуна суффиксҳоро дар забони тоҷикӣ чун аффиксоид ном мебаранд.

Истилоҳоти интернетии ***кирмак – worm, барномача – microprogram*** бо суффиксҳои ***-ак*** ва ***-ча*** сохта шудаанд, ки истилоҳоти сохта мебошанд. Суффиксҳои мазкур андозаи хурд доштани барнома ва тасвири хурди кирми барнома, ки бештар ба вирус ва бозиҳои компютерӣ дахолат дорад, дар назар дошта шудааст.

Истилоҳи *худ**кор** – auto* – processing шаклан ба калимаҳои сохта дохил шуда, аз ҷонишини ***худ*** ва аффиксоиди - ***кор*** иборат аст. Аффиксоиди - ***кор*** дар истилоҳи мазкур ҳам вазифаи суффиксӣ ва ҳам вазифаи исмиро иҷро карда истодааст.

P+R: unlock – кушодан, **un**official site – шабакаи **ғайри**расмӣ, **de**fault – **пеш**фарз, **dis**play ads – намоиш**гар**и таблиғот, **dis**connect – **но**муттаҳид,

нопайваст, **e**-book – китоби электронӣ, **e**-commerce – тиҷорати электронӣ, **in**bound link – истиноди беруна, **in**box – воридот, **in**dex – индекс, **in**fographic – инфографика, диаграмма ё мисол, ки унсурҳои графикиро барои пешниҳоди иттилоот ба таври аёнӣ истифода мекунад, **im**mersive experience – таъсири таъмидӣ (дар бозиҳо ва барномаҳо), **co**-location – ҳамҷоякунӣ (хостинги сахтафзор), **cyber**attack – ҳамлаи хакерӣ, **cyber**space – фазои маҷозӣ, **hyper**link – пайванди гиперматнӣ, **hyper**local – гиперлокалӣ (маълумоти онлайн барои сокинони маҳаллӣ, ҷомеаи мушаххас), **hyper**text – гиперматн, **para**site – ҷузъи паразитӣ, **sub**scribing – обунашавӣ, **i**Player – iPlayer (барномаи намоишие, ки тавассути интернет фаъол мегардад), **i**Google – саҳифаи хонагии Google, **i**Message – **i**Message хадамоти паёмнависии фаврии Apple барои дастгоҳҳо ба монанди iPhone, iPad, ва Mac мебошад.

Аз мисолҳои дар боло овардашуда маълум аст, ки префикси серистифодаи забони англисӣ, ки вазифаи инкор карданро дорад, ин ***-un*** ва ***-dis*** мебошад. Истилоҳоти интернетии ***un****lock* ва ***un****official site* дар забони англисӣ шакли инкориро нишон дода, дар забони тоҷикӣ бошад, ***un****lock* чун шакли тасдиқии масдар ***кушодан*** истифода шудааст, вале истилоҳи ***un****official* бошад бо префикси инкории забони тоҷикӣ ***ғайри***, яъне ***ғайри****расмӣ* таҷассум гардидааст. Аслан префикси **–** ***dis*** вазифаи инкорӣ дорад, ба мисоли *like* – ***dis****like, similar* – ***dis****similar, order* – ***dis****order, appear* – ***dis****appear*. Ин префикс ҳарчанд вазифаи инкориро иҷро кунад ҳам, дар истилоҳи интернетии ***dis****play* бо мазмуни тасдиқӣ чун исми ***намоиш*** истифода мегардад. Дар истилоҳи навбатии ***dis****connect* бошад дар забонҳои муқоисашаванда бо шакли инкорӣ бо преффиксҳои ***dis-*** ва ***но-*** чун ***но****муттаҳид* истифода шудааст.

Илова ба префиксҳои дар мисолҳои боло овардашуда, инчунин, префиксҳое вуҷуд доранд, ки хоси истилоҳоти интернетӣ мебошанд ва танҳо дар самти технологияи иттилоотӣ васеъ истифода мегарданд. Префиксҳои мазкур ***cyber-***, ***e-, i-*** ва ***hyper-*** мебошанд. Худи префикси ***cyber-*** бевосита ба истилоҳоти компютерӣ ва интернетӣ равобит дошта, аз забони юнонӣ

омадааст, ки аввалин маротиба дар шакли *кибернетика* истифода мешуд, ки ин илм дар бораи идоракунӣ ва интиқоли маълумот байни одамон ва мошинҳои электронӣ мебошад. Аз мисолҳои мазкур чун ***cyber**attack – ҳамлаи хакерӣ,* ***cyber**space – фазои маҷозӣ* маълум аст, ки префикс танҳо дар истилоҳоти интернетӣ истифода шудааст.

Префикси ***i-*** бештар бо истеҳсолоти технологии ширкати ***iPhone*** тааллуқ дорад ва дар умум танҳо бо истилоҳоти интернетӣ истифода мегардад. Ин префикс маънои махсуси худро дорост. Ҳанӯз аз соли 1998 Стив Ҷобс дар презентатсияи худ оид ба ***iMac*** қайд намуд, ки аз истифодабарандагони компютер, талаботе ба миён омадааст, ки компютере сохта шавад, ки бо шиддати баланди интернет бе ягон монеа кор кунад. Аз ҳамин лиҳоз, ширкати Apple бо як лоиҳаи нав корро шуруъ намуд, ки дар натиҷа ***iMac, iPod, iPhone*** ва дигарон ба вуҷуд омаданд. Инчунин, мазмуни префикси ***i-*** ин ***Internet*** – ***Интернет, individual*** – ***шахсӣ, инфиродӣ, instruct – омӯзондан, inform – маълумот додан, inspire – талқин додан*** мебошад, ки дар шакли кӯтоҳ чун ***i-*** ва префикси дигар ***e-*** чун *electronic* дар соҳаи технологияи иттилоотӣ васеъ истифода мегардад [283].

Префикси ***hyper-*** низ дар истилоҳоти интернетӣ хеле васеъ истифода мегардад. Ин префикс аз забони юнонӣ гирифта шуда, мазмуни *аз ҳад зиёд, дараҷаи баланд*ро доро мебошад. Ҳангоми тарҷума ба забони тоҷикӣ ин префикс бештари ҳолат транслитератсия мешавад, мисли ***hyper**link – пайванди **гипер**матнӣ,* ***hyper**local – **гипер**локалӣ (маълумоти онлайн барои сокинони маҳаллӣ, ҷомеаи мушаххас),* ***hyper**text – **гипер**матн.*

***P+R+S: para**site**ware** – нармафзоре, ки ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ зеркашӣ мешавад ва аз таблиғот иборат аст,* ***al**loca**tion** – тақсимоти шабака,* ***anti**cipoint**ment** – ин истилоҳ тавсифи онро мекунад, ки корбари веб дар натиҷаи ташриф овардан ба сайт ниёзҳо пайдо менамояд,* ***de**bon**ing** – амали хориҷ кардани кортҳои обуна, саҳифаҳои таблиғи кортҳо,* ***de**cruit**ment** - эвфемизми корпоративӣ барои ихтисоркунии коргарон,* ***de**fragg**ing** –*

дефрагментатсияи диск, ***in****fluenc****er*** *– афроди мушаххасе, ки дар сайтҳои шабакаҳои иҷтимоӣ фаъоланд ва "нуфуз" доранд,* ***info****graph****ic*** *– инфографикӣ,* ***info****snack****ing*** *– инфоснекинг вақтеро дар назар дорад, ки дар раванди корбарии компютер маҳз интернет истифода мегардад,* ***in****sourc****ing*** *– интиқоли маълумот дохили шабака,* ***in****stagat****or*** *– истифодаи Instagram барои мунташир кардани робитаҳо ё пеш бурдани он,* ***insta****grandstand****ing*** *– вақте шумо аксҳо ва видеоҳоро ба саҳифаи иҷтимоии худ ва ҳикояи Instagram мутобиқ месозед,* ***sub****domain****ing*** *– субдоменӣ,* ***sub****scrib****tion*** *– обунашавӣ,* ***cyber****chondri****ac*** *–киберхондрия навъи гипохондрия мебошад, ки дар ҷустуҷӯи интернет барои тасдиқи бемориҳое, ки ба ақидаи ӯ дар гирифтори онҳо аст,* ***cyberim****mortal****ity*** *– худфикрӣ барои раҳо ёфтан аз марг ё аз ягон беморӣ,* ***cyber****net****ic*** *– кибернетикӣ,* ***cyber****safe****ty*** *– бехатарии киберӣ,* ***cyber****shoot****ing*** *- амали истифодаи робот ва муш барои шикори ҳайвонот дар барномаҳо,* ***cyber****slach****er*** *– қотили киберӣ,* ***mis****inform****ation*** *– маълумоти бардурӯғ [285].*

Истилоҳоти сохтаи интернетӣ метавонанд ҳам бо суффикс ва ҳам бо префикс истифода гарданд. Аз мисолҳои дар боло овардашуда маълум гардид, ки бештари истилоҳоти интернетӣ муодили худро дар забони тоҷикӣ надошта, танҳо шарҳи маънӣ мегарданд. Истилоҳи ***cyber****safe****ty*** аз преффикси ***cyber-***, решаи ***safe*** ва суффикси ***-ty*** иборат мебошад, ки калимаи сохта ба шумор меравад, вале ба забони тоҷикӣ чун ибораи таркибӣ бо префикси инкории ***бе-***яъне ***бе****хатар* сохта шудааст. Бештари истилоҳоти интернетии забони англисӣ ҳангоми баргардон шудан ба забони тоҷикӣ аз нигоҳи сохторӣ мувофиқат намекунанд. Аз мисолҳои овардашуда аён аст, ки истилоҳоти интернетии забони англисӣ дар шакли инкорӣ метавонанд дар забони тоҷикӣ шакли тасдиқиро гиранд, ё аз ҷиҳати сохтор метавонанд истилоҳоти сохта дар дигар забон чун мураккаб истифода гарданд. Ҳолатеро метавон вохӯрд, ки истилоҳот, ҳам аз ҷиҳати сохт ва ҳамаз қиҳати мазмун, дар ҳар ду забони муқоисашаванда бо як шакл истифода мегардад.

2.2.3. Истилоҳоти интернетии мураккаб

Истилоҳоти мураккаб аз таркиби морфемаҳои ду реша ё зиёда аз ду реша иборат буда, асосҳои мазмунан мустақилро пайваст намуда, як истилоҳи мукаммал месозанд. Истилоҳоти мураккаб яке аз роҳҳои маъмули калимасозӣ ба шумор рафта, дар навбати худ се вазифаро иҷро менамоянд: морфонологӣ, грамматикӣ ва семантикӣ. Ҷиҳати морфонологӣ ҳар як морфемаи истилоҳи мураккабро аз ҷиҳати зада ва кӯтоҳшавии асосҳо меомӯзад, вазифаи грамматикӣ бештар асосҳои истилоҳи мураккабро аз ҷиҳати ҳиссаҳои нутқ меомӯзад. Баъзан истилоҳоти мураккаб аз ду решаи исмӣ ё аз решаи сифатӣ таркиб меёбанд. Дар дигар ҳолатҳо омехта истифода мешаванд, як реша исмӣ ва дигараш феълӣ. Ҳама ҷиҳатҳои номбурда ба вазифаи грамматикии истилоҳоти мураккаб дохил мешаванд.

Вазифаи семантикии истилоҳоти мураккаб аз ҷиҳати маъно мустақил будани ҳар як решаро меомӯзад. Ҳолатҳое ба назар мерасад, ки истилоҳ ҳам аз ду реша ва суффикс иборат аст, ки дар ин маврид истилоҳ ҳам мураккаб буда, ҳам калимаи навро ба воситаи суффикс ё префикс месозад. Ҳама ин омилҳоро вазифаҳои семантикии истилоҳоти мураккаб дар бар мегирад [59].

Бояд тазаккур дод, ки бештари истилоҳоти мураккаб дар раванди тарҷума мушкилоти зиёдро пеши назар меоранд, зеро истилоҳоти мураккаб аксарияташ неологизмҳо мебошанд. Ҳангоми тарҷума яке аз асосҳо тарҷума шуда, дигаре муодили худро ёфта натавониста, тавассути калка ё нимкалка тарҷума мегардад. Баъзан ҳатто тарнслитератсия мешаванд [116, 151]. Ба ҳамагон маълум аст, ки неологизмҳо худ ба воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд ва истилоҳоти интернетӣ низ неологизм ҳастанд, зеро ҳаррӯз як истилоҳи нав дар интернет ворид мегардад, аз ин лиҳоз, новобаста ба мураккаб будани сохтори истилоҳ тарҷума намудани истилоҳоти интернетӣ мушкилоти рӯзмарраи тарҷумонҳо ба шумор меравад.

Мисол, ***Backlink*** *– алоқаи баръакс, истиноди баръакс,* ***blockchain*** *– дафтарчаҳои тақсимшуда,* ***doughterboard*** *– корти духтар (дар корти сатҳи*

боло насбшуда), ***motherboard*** *– модартахта* ҳама мисолҳои овадашуда ба таври калка ва нимкалка тарҷума гаштаанд. Дар забони тарҷумашаванда истилоҳоти мураккаби интернетӣ бо тобиши маъноӣ ва услубан мувофиқат намекунанд. Забони асл забони англисӣ мебошад, аз сабаби он ки истилоҳоти номбурда дар забони асл бо хусусияти метафорӣ интихоб шудаанд, ҳангоми тарҷума мазмунан ва услубан дар забони тарҷумашаванда мувофиқи худро ёфта наметавонанд. Азбаски зербахши мазкури мо ба сохтори истилоҳоти мураккаби интернетӣ равона гардидааст, аз ин лиҳоз, мо танҳо ҷиҳати сохтории онро зери таҳлил қарор медиҳем.

Истилоҳоти ***sendmail*** *– интиқоли почтаи электронӣ маъмултарин татбиқи Unix-и интиқоли одитарин почтаи электронӣ мебошад,* ***sideblog*** *– истилоҳе, ки барои блоги хурдтар истифода мешавад, ки одатан дар панели блогери ҷойгир аст,* ***slashdot*** *– вақте ки веб-сервер (ё веб-сайт) наметавонад шумораи дархостҳоро қабул кунад, истилоҳоти номбурда аз рӯи сохтор мураккаб буда, ба таври шарҳи маънӣ ба забони тоҷикӣ баргардон шудаанд, тарҷумаи дақиқи худро надоранд.*

Истилоҳи ***Sendmail*** аз рӯйи хусусияти морфологӣ сохтори ***V+N*** дошта, қисмати аввал аз феъл ва решаи дуюм аз исм иборат аст. Аз ҷиҳати хусусияти фонологӣ зада дар қисми аввали реша омадааст, чун *[sˈɛndmeɪl]*. Аз рӯйи таҳлили сохторӣ истилоҳи мазкур мураккаб ва аз ду реша иборат бошад ҳам, яке аз решаҳо маънои асосиро ифода мекунад. Дар истилоҳи мазкур маънои асосӣ ин ***почта*** буда, решаи дигар, ки ***интиқол*** мебошад мазмунан тобеи маънои асосӣ гаштааст, яъне истилоҳ ***интиқоли почта***ро дар назар дорад.

Истилоҳоти мураккаб аз ҷиҳати сохтор аз модулҳои грамматикии гуногун иборат мебошанд, ба монанди ***Adj+N (сифат+исм) smartphone*** *– смартфон (дастгоҳе, ки вазифаҳои компютери ҷайб ва телефони мобилиро иҷро кунад),* ***N+N (исм+исм) mailbot*** *– роботи почта,* ***mailbox*** *– паёмдон* ***modemhead*** *– сленги компютерӣ барои шахсоне, ки бо як чиз бевосита*

пайванданд ва ҳаёти шахсии худро надоранд, ***mousepad*** *– майдончаи муш,* ***netbook*** *– нетбук (ноутбуки хурди дастрас, ки барои иҷрои шумораи маҳдуди вазифаҳо, ба монанди дидани веб ва почтаи электронӣ пешбинӣ шудааст),* ***bookmark*** *– поягузорӣ,* ***firewall*** *– дастгоҳи муҳофизати шабака, сипари сахтафзор / нармафзор,* ***honeypot*** *– ҳанипот (сервери махсуси танзимшуда, инчунин, бо номи сервери фиребгар, ки барои ҷалб ва назорат кардани вайронкорон тавре сохта шудааст, ки амали онҳо ба системаҳои истеҳсолӣ таъсир нарасонад),* ***netmask*** *– ниқоби зершабакаи компюерӣ [285].*

Забоншиноси тоҷик М. Норматов оид ба калимаҳои мураккаб чунин қайд менамояд, ки «дар забони тоҷикӣ қариб ҳама ҳиссаҳои нутқ мустақилмаъно ба ҳамдигар алоқаманд гардида, калимаи мураккаб месозанд. Албатта, саҳми исм, сифат ва феъл бузург аст. Барои он калимаҳои мураккаби типи тобеъ меноманд, ки яке аз ҷузъҳо асосӣ буда, дигараш ба он тобеъ мебошад: *чойхона, обанбор, сангпушт ва ғайра.* Дар калимаҳои мураккаби пайваст ҷузъҳо баробарҳуқуқ мебошанд. Ин гурӯҳ бештар бо садонокҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд: *омад**у**рафт, ҷуст**у**ҷӯ, гун**о**гун, дод**у**гирифт* ва ғайра» [169, 127]

Ба гуфтаи забоншноси тоҷик такя карда, истилоҳоти интернетиро низ сохторан ба истилоҳоти мураккаби тобеъ ва пайваст ҷудо кардан мумкин аст. Истилоҳоте, ки мураккаб ва тобеи якдигаранд, ба таври зайл мебошанд: ***mainframe*** *– компютери асосӣ,* ***multimedia*** *– мултимедиа, информатикаи синтетикӣ; сабтҳои аудио ва видео, сигналҳои радар, тасвирҳои моҳвора, инчунин, ҳуҷҷатҳо ва графика,* ***nanotechnology*** *- нанотехнология,* ***newsgroups*** *– телеконференсия, гурӯҳи ахбор,* ***newsfeed*** *– лентаи ахбор; сервере, ки барои сервери дигар мақолаҳои ахбор пешниҳод мекунад,* ***broadband*** *– доираи васеи басомад; майдони васеъ,* ***graymail*** *– рӯйхатти почтаи хокистарӣ (мактубҳое, ки шумо ихтиёран ба он обуна шудаед),* ***hashtag*** *– хештег (теги мавзуӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ).*

Истилоҳоти мураккаби пайвасти интернетӣ ба монанди *barf**o**genesis – барф**о**генесис* (сленги интернетӣ, ин эҳсоси бемории баҳрӣ, ки баъзе одамон бо гӯшмонакҳои воқеияти виртуалӣ ба даст меоранд. Сабаби муноқишаи мағзи сар буда, чашмҳо ҳаракатро ба қайд мегиранд, аммо шунавоӣ онро ҳис намекунад); *geek**o**sphere – гиксоҳа* (майдони атрофи компютери шахсӣ, ки дар он хотираҳои шахсӣ, бозичаҳо ва ҳайвоноти монитор намоиш дода мешаванд. Ин ҷоест, ки геексҳо метавонанд "рангҳои худро нишон диҳанд"), *much**o**media – мачомедиа* муродифи истилоҳи *multimedia,* яъне дигаргуние дар мултимедиа.

Аз мисолҳои зикргардида маълум аст, ки истилоҳоти мураккаби пайваст дар забони англисӣ бо садоноки пайвасткунандаи **-o-** сохта мешавад ва ҳар ду решаи истилоҳ баробарҳуқуқ ба назар мерасанд.

Истилоҳоти интернетӣ на танҳо аз ду ва зиёда решаҳо, балки бо иловаи суффиксҳо низ сохта мешаванд. Дар ин маврид истилоҳоти мураккаби калимасоз ба вуҷуд меоянд, зеро тавассути суффиксҳо мазмунан як истилоҳи дигарро ба миён меоранд, ба монанди, *multius**er** – серкорбар, серистифода, neuromarket**ing** – нейромаркетинг.* Мисолҳои мазкур истилоҳи ***multiuser*** аз решаҳои ***multi -бисёр*** + ***use – истифода*** ва суффикси исмсози ***+er*** сохта шудааст, ки барномаи аз тарафи корбар бисёр истифодашударо дар назар дорад. Истилоҳи neuromarketing низ аз решаи ***neuro – нейро (асаб)*** + ***market – бозор*** ва суффикси исмсози ***+ing*** иборат мебошад, ки ба забони тоҷикӣ чун транслитератсия ***нейромаркетинг*** баргардон шудааст.

Як гурӯҳ истилоҳоти мураккаб ба назар мерасад, ки сохторан бо дефис истифода мешаванд, ба монанди ***dial-up*** *модем, мустақиман ба компютерҳои дигар, хидматҳои интернетро мерасонанд,* ***all-channel*** *– ҳама шабака (истилоҳи тиҷорӣ, ки барои тавсифи фурӯш дар ҳама каналҳое, ки ширкат бояд фурӯшад, истифода мешавад),* **alta-visitor** *– алта – меҳмон (бозӣ бо номи куҳнаи системаи ҷустуҷӯии "AltaVista", он ба сёрферҳо ишора мекунад),* ***auto-play*** *– худбозӣ, худкор бозӣ,* ***back-sourcing*** *– манбаи баръакс,*

belly-button *– тугмаи ноф (тугмаи ҳисобкунии соҳаҳои суғурта),* ***bottom-lining*** *– болопӯш,* ***career-zoned*** *– мансабталошӣ,* ***music-swapping*** *– номи мубодилаи мусиқӣ ё ягон файли дигари рақамӣ, ки бо истифодаи онлайн зеркашӣ мегардад,* ***chicken-boner*** *– устухони мурғ (номи таҳқиромез барои спаммер. Дар ҳоле гуфта мешавад, ки спаммерҳо худро соҳибкорони интернетӣ меҳисобанд ва ин истилоҳ барои таҳқир кардани онҳо истифода мегардад, гӯё онҳо доим оби ҷав бо мурғ меҳӯранд),* ***click-through*** *– клик тавассути,* ***client-side*** *– тарафи муштарӣ,* ***high-tech*** *– технологияи сатҳи баланд.*

Аз таҳлилҳои истилоҳоти мураккаб равшан мегардад, ки мураккабии онҳо аз ду ва зиёда реша иборат буданро инъикос мекунанд. Мисолҳо аз ҷиҳати сохтор, грамматика ва семантика таҳлил гаштанд. Инчунин, аён шуд, ки истилоҳи мураккаб аз ду ё се реша иборат бошад ҳам, яке аз решаҳо маънои асосии истилоҳро зоҳир менамояд. Оид ба роҳҳои тарҷумаи истилоҳоти мураккаб бояд гуфт, ки аз тамоми мисолҳои овардашуда метавон пай бурд, ки онҳо бо чор роҳ тарҷума мегарданд, транслитератсия, калка, нимкалка ва тарҷумаи шарҳи маънӣ. Дар рушду ташаккули роҳҳои калимасозии истилоҳоти интернетӣ, истилоҳоти мураккаб мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Азбаски истилоҳоти интернетӣ бештар аз неологизмҳо иборат аст, тарҷумаи онҳо дар забони тоҷикӣ якхел нест. Бо мурури замон ин истилоҳот суфта шуда шакли муайянро мегиранд.

2.2.4. Истилоҳоти интернетии таркибӣ

Зербоби мазкур истилоҳоти аз нигоҳи сохт таркибиро дар бар гирифта, ибораҳоро ҳамчун истилоҳ ва ифодагари мафҳуми ягона зери таҳлилу таҳқиқ қарор медиҳад. Истилоҳоти таркибии интернетӣ ибораҳое мебошанд, ки танҳо дар раванди корбурди интернет васеъ истифода мегарданд. Ибораҳо дар забони тоҷикӣ бо бандаки изофии “-и”, пешоянду пасояндҳо ва интонатсия байни ҳам пайваст мешаванд. Дар забони англисӣ бошад, каме фарқ мекунад. Ибораҳои забони англисӣ мазмунан, яъне бо

интонатсия, ҳамчунин, бо пешояндҳо ва дигар воситаҳои грамматикӣ ва дар бештари ҳолатҳо бе пешоянд ду ва зиёда калимаҳо дар якҷоягӣ як ибораро ташкил менамоянд.

Маъмулан ибора ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъное мебошад, ки ба ҳам тобеъ буда, як мафҳуми мураккабро ифода мекунанд. Дар ташкили ибора ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқ иштирок мекунанд. Ба хелҳо ҷудо шудани ибора ба ҷузъи асосӣ вобаста аст, чунки ҷузъи асосӣ тобеъкунанда буда, ҷузъи тобеъшаванда онро эзоҳ медиҳад. Аз ин хотир, агар ҷузъи асосӣ исм бошад, ибораи исмист, агар сифат бошад, ибораи сифатӣ мешавад [55, 31].

Истилоҳоти интернетӣ аз рӯйи сохти таркибӣ чун ***Algorithm based software*** – *нармафзори алгоритмасос*, ***automated purchasing system*** - *системаи автоматикунонии харид* ибораи таркибии исмӣ мебошад, зеро ҷузъи асосии ибораҳо исм мебошанд, калимаи якум ***software*** калимаи дуюм ***system***. Сохтори ибораҳои номбурда чунин мебошанд: ***N+P2+N*** - *Algorithm based software*. Ибораи дуюм бошад, чун ***P2+Adj+N*** - *automated purchasing system*. Ибораи таркибии дуюм, ки ҷузъи асосиаш, яъне система исм буда, ҷузъи дигараш ***automated*** сифати феъли замони гузаштаи забони англисӣ мебошад, ки бо анҷомаи “-ed” сохта шудааст. Ҷузъи дигари ибораи мазкур *purchaising* мебошад, ки ба вазифаи сифат омадааст. Чи тавре ки маълум аст, новобаста ба он, ки ибораи таркибӣ аз ҷузъҳои гуногун, яъне ҳиссаҳои нутқи гуногун иборат аст, ҷузъи асосиаш исм бошад ибораи таркибӣ исмӣ мешавад.

Ибораҳои таркибии феъли ***V+N*** бо чунин модул инъикос ёфта, ба монанди ***break the Internet*** - *интернетро вайрон кардан*, ***search engine*** - *системаи ҷустуҷӯӣ* мебошанд. Аз мисоҳои мазкур равшан аст, ки ҷузъи асосӣ феъл аст.

Ибораҳои таркибӣ аз рӯи хусусияти морфологиашон ду намуд мешаванд. Ибораи таркибии номӣ ва ибораи таркибии феълӣ. Истилоҳоти таркибии номӣ яке аз ҷузъҳояшон ҳиссаҳои мустақили нутқ мебошанд ва

тамоми мисолҳои дар боло овардашуда ба ибораи таркибии номӣ дахл дорад [55]. Дар ибораи таркибии феълӣ бошад, ҳар ду ҷузъ феъл мебошанд, чун ***shake and bake*** *– тарҷумаи паси парда (ҳангоми тарҷума кардани персонажҳои аниматсионии бозиҳои компютерӣ истифода мегардад).*

Ба ибораҳои таркибии номӣ истилоҳоти зерин дохил мешаванд: ***broadcast storm*** *– туфони эълоншуда,* ***database front end*** *– охири пойгоҳи додаҳо,* ***database management system*** *– системаи идоракунии пойгоҳи додаҳо,* ***server software*** *– нармафзори сервер,* ***new consumer paradigm*** *– парадигмаи нави истеъмолкунанда,* ***cloud computing*** *– компютеркунонии абрӣ,* ***Direct Digital Marketing*** *– маркетинги мустақими рақамӣ,* ***Email Address*** *– суроғаи электронӣ,* ***reciprocal link*** *– пайванди мутақобила,* ***responsive web*** *– шабакаи ҷавобгарӣ,* ***social networking*** *– шабакаи иҷтимоӣ,* ***web application*** *– веб-барнома* [280] .

Аз таҳлили мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки истилоҳоти сохтори таркибидошта дар забонҳои муқоисашаванда якхел сохта мешаванд. Дар ҳар ду забон ибораҳои таркибии номӣ ва феълӣ вуҷуд доранд. Дар забони англисӣ танҳо дар тасрифи феъл ва пасванди “***-ed”*** сифати феъли замони гузашта фарқият дида мешавад. Дар дигар мисолҳои таҳлилгашта низ умумиятҳо ба назар мерасанд. Яке аз хусусияти фарққунанда дар ибораҳои таркибии забони тоҷикӣ ин бандаки изофӣ “***-и”*** мебошад, ки дар ибораҳои забони англисӣ бе ягон бандак ва пешоянд истилоҳот байни худ пайваст шудаанд. Дар баъзе мавридҳо пасванди “***-ing”*** ва “***-ed”*** истифода гаштааст, *automat**ed** purchas**ing** system* ки ин вазифаи пайваст намуданро иҷро намекунад, балки ҳиссаи нуткро тағйир медиҳад. Истилоҳи ***automated*** сифати феъли замони гузашта буда, ***purchasing*** ба вазифаи сифат омадааст.

2.3. Сохтории ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ

Бо гузашти замон дар забоншиносии компютерӣ истилоҳоте ба назар мерасанд, ки бештари онҳо дар шакли ихтисора ё рамз мебошанд. Ихтисораҳо аз ҷиҳати сохт ва хусусият гуногун мешаванд. Қисми зиёди

олимон дар он ақидаанд, ки бо пайдоиши технологияи иттилоотӣ шумораи ихтисораҳо низ барзиёд гардид. Ихтисора таърихи тулонии худро дорад, зеро аввалин бор ихтисораҳоро дар хатти қабилаи шумериҳо дар асри IV дастрас намудаанд, ки аз калимаи лотинии abbrevio – кӯтоҳ мекунам, гирифта шудааст. Ихтисора худ як шакли кӯтоҳ намудани калима ва барои сарфа намудани вақт ва ё ҷой

истифода мешавад [230, 99].

Як шохаи дигари истилоҳот ихтисораҳои он ба ҳисоб мераванд. Ихтисора гуфта (shortening of words or abbreviation) калимасозии морфологиро меноманд, ки дар он як қисми таркиби овозии калимаи асосӣ сарфи назар карда мешавад. Имрӯзҳо дар ҳама бахшҳои илм, техника, иқтисод, дипломатия ва хусусан дар истилоҳоти интернетӣ, ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ, миқдори зиёди ихтисораҳои гуногуншакл ба чашм мерасанд. Баъзе истилоҳот аз калимаҳои мураккаб ва бисёрҷузъа таркиб ёфтаанд, бинобар ин, кӯшиши ихтисор кардани онҳо ба вуҷуд меояд. Ихтисора яке аз усулҳои муосири калимасозӣ ба шумор меравад. Омӯзиши ин намуди калимасозӣ дертар дар солҳои 50-уми асри XX ба миён омадааст. Забоншиноси рус И.В. Арнолд [6] ихтисораҳои забони англисиро аз рӯи сохт гурӯҳбандӣ кардааст ва қайд кардан зарур аст, ки чунин намуди калимасозиро ӯ ба усулҳои дуюмдараҷаи калимасозӣ мансуб дониста, конверсия ва усулҳои аффиксалии калимасозиро усулҳои пурмаҳсул ҳисобидааст.

Имрӯз метавон бешубҳа тасдиқ кард, ки дар миёни усулҳои калимасозӣ усули ихтисоркунии калимаҳо пурмаҳсултарин усул дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ба шумор меравад. Умуман, омӯзиши ихтисораҳо ҳамчун усули калимасозӣ ва мавқеи онҳо дар истилоҳшиносӣ, пеш аз ҳама, муносибати системавиро талаб менамояд, ки дар он воҳидҳои луғавии забон дар алоқамандӣ бо дигар элементҳои системаи забонӣ аз лиҳози зарурати амалӣ дар раванди коммуникатсия ва хусусиятҳои асосии

онҳо дар забони илм баррасӣ мешаванд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ихтисораҳои интернетӣ аз рӯи сохтор ва ягонагии онҳо бармеояд. Аз дигар тараф, зарур аст, ки ихтисораҳои интернетиро, ки метавон аз лиҳози сохт ба категорияҳои махсуси истилоҳот ворид мешаванд, омухт. Дар замони муосир тамоюли ташаккули калимаҳои нав бо роҳи кӯтоҳ кардани калима ва ибораҳои мавҷуда зиёд афзудааст. Афзоиши теъдоди зиёди ихтисораҳоро метавон бо он баён кард, ки калима ва ибораҳои мураккаб, чун қоида, калонҳаҷму носозгор мебошанд ва табиист, ки кӯшиши кӯтоҳтар пешниҳод кардани онҳо ба миён меоянд. Мисол: ***IAP*** *– Internet Access Provider (Таъмингари дастрасӣ ба интернет);* ***IDSL*** *- Digital Network Integrate Services (хатти рамзӣ бо хизматрасониҳои комил);* ***ISP*** *- Internet service provider (Провайдер хизматрасонии интернет-);* ***ICS*** *– Internet connection sharing (Дастрасии умум ба интернет);* ***IP*** *– Internet Protocol (қарордоди интернетӣ);* ***TCP*** *– Transmission ControL protocol (қарордоди идоракунии интиқол)* ва ғ.

Дар сомонаҳои интернетӣ аксаран шабакаҳо дар шакли ихтисора истифода мешаванд ва ин ихтисораҳо, ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати сохтор, ба бисёре аз истифодабарандагони сомонаҳои интернетӣ шинос нестанд. Аммо на ҳама вақт ҳоҷат ба маънидод кардани онҳо лозим мешавад, чунки истифодаи онҳо аз руи қолаб ба роҳ монда мешавад. Мисол: ***WWW*** *- World Wide Web (Анкабути умумиҷаҳонӣ); imo – in my opinion (ба ақидаи ман);* ***WISP*** *- wireless Internet servise provider (Таъминкунандаи хизматрасонии интернети бесим;* ***3G*** *– third generation (насли сеюм);* ***4G*** *– forth generation (насли чорум)* ва ғайра [281].

Аз рӯи аломатҳои орфографӣ ихтисораҳои забони англисӣ ба се гурӯҳи калон ҷудо карда мешаванд:

a) initialisms with alphabetical reading (ихтисораҳо бо хониши ҳарфҳои алифбо);

b) initialisms which are read as if they are word (ихтисораҳои хониши калимавӣ);

c) initialisms which coincide with English words in their sound form (ихтисораҳое, ки талаффузашон мисли калимаҳои забони англисӣ сурат мегиранд) [244, 28].

Дар натиҷаи пажуҳиш ба мо маълум шуд, ки ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ аз рӯи таснифоти орфографӣ ба ду гурӯҳи зерин мувофиқат мекунанд:

1. Гурӯҳи аввал ихтисораҳое, ки ҳарф ба ҳарф истифода мешаванд: ***HTTP*** *(Hyper Text Transfer Protocol); ICMP (Internet Control Message Protocol);* ***IIS*** *(Internet Information Servises)* ва ғ.

2. Гурӯҳи дуюм ихтисораҳое, ки дар шакли як калима истифода мешаванд: ***NAT*** *(Network Address Translation); WINS (Windows Internet Name Service);* ***WISP*** *(wireless Internet servise provide)* ва ғ [209, 112-118].

Аз рӯи сохтор бошад, дар лексикология якчанд нуқтаи назар доир ба гурӯҳбандии ихтисораҳо ва нақши онҳо дар системаи калимасозии забон вуҷуд дорад. Ба ғайр аз гурӯҳбандии ихтисораҳое, ки дар боло зикр кардем, табақабандии дигари ихтисораҳо аз рӯи сохтор қобили таваҷҷуҳ мебошад. Тибқи он, намудҳои зерини ихтисораҳо вуҷуд доранд:

а) ихтисораҳои ҳарфӣ;

б) ихтисораҳои ҳиҷогӣ;

в) ихтисораҳои ҳамсадоӣ;

г) фоноидеограммаҳо; [179, 275].

Дар муносибат ба пайдоиши ихтисоркунии ҳарфӣ қайди зерин қобили таваҷҷуҳ аст. Ихтисоркунӣ сараввал дар нутқи хаттӣ ба миён омада, баъдан бо гузашти вақт истифодаи онро дар нутқи шифоҳӣ оғоз кардаанд. Аммо дар ҳақиқат ин кор ранги дигар гирифтааст, яъне ихтисораҳои ҳарфӣ сараввал дар нутқи шифоҳӣ ба миён омада, баъд ба таркиби истилоҳот ворид мешаванд.

Дар забон, ҳамчунин, як қатор ихтисораҳои нимкӯтоҳкардашуда вуҷуд доранд, ки ба ихтисоркунии ҳарфӣ танҳо элементи аввал дучор

гардидааст. Ҳангоми хондани чунин ихтисора, тибқи номи алфавитии ҳарфи додашуда, талаффуз мешавад: ***R***-*wire* - *ring wire* - *ноқиле ки бо занг пайваст аст*.

Калимаҳои кӯтоҳшуда дар забонҳои махсуси соҳавӣ (сленг) васеъ истифода мешаванд, аммо дар истилоҳшиносии илмӣ-техникӣ аҳён вомехӯранд. Аз рӯи қоида онҳо дар забонҳои махсуси соҳавӣ (сленг) пайдо гашта, дертар ба истилоҳшиносӣ ворид шудаанд: ***ac*** - *acronym*, ***mic*** - *microblog* ва ғайра [44, 89].

Аз таснифоти дар боло овардашуда ихтисораҳои истилоҳоти интернетии забони англисиро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Ба гурӯҳи аввал ***ихтисораҳои ҳарфӣ ё сигили***[6] дохил мешаванд, ки ба ин навъи ихтисораҳо ҳарфи аввал ва охири истилоҳ интихоб шуда, қисмати дигар ихтисор мегардад. Ин гурӯҳ яке аз маъмултарин гурӯҳи ихтисораҳо ба шумор меравад ва дар навбати худ ба ду зергурӯҳ ҷудо мешавад:

а) сигили ё ихтисори калимаҳои ҷудогона: ***l*** <*laugh – ханда,* ***h*** <*hour – соат,* ***p*** <*pardon – бубахшед,* ***s*** <*smile – табассум,* ***g*** <*giga – гига*.

б) ихтисори иборахо: ***IBB*** <*I'll be back – бармегардам,* ***ICBW*** <*I could be wrong – мумкин, ки хато кунам,* ***IDBI*** <*I don't believe it – ба ин боварӣ надорам,* ***IDMM*** <*It doesn't matter to me – барои ман фарқе надорад,* ***IHTG*** <*I have to go – ман бояд равам,* ***ILYVM*** <*I love you very much – Ман туро бениҳоят дӯст медорам,* ***IMHO*** <*In my honest opinion – ба ақидаи ҳақиқии ман.*

Ихтисораҳои овардашуда дар моширати интернетӣ бештар дар чатҳо васеъ истифода бурда мешаванд. Ихтисораҳои гурӯҳи аввал ва дуюм ҳарфҳои аввали калимааш интихоб гаштаанд. Мавриди истифодаи чунин ихтисораҳо ба шахсони одӣ, ё шахсоне, ки аз истилоҳоти интернетӣ хабардор нестанд, тамоман нофаҳмо аст. Ихтисораҳои мазкур танҳо дар доираи муошираті

[6] Сигил (аз лотинии sigillum)-истилоҳи махсусгардонидашудаи соҳаи китобдорӣ буда, ихтисораҳои ҳарфӣ-рақамиро нишон медиҳад.

интернетӣ бештар ба ҷавонон ва ашхосе, ки ҳаррӯз бо технологияи иттилоотӣ сарукор ошно мебошад.

Гурӯҳи дуюм ***ихтисораи ҳиҷогӣ*** **(граффикӣ)** буда, истилоҳоти интернетии забони англисиро аз рӯи ҳиҷо ҷудо менамояд ва аз ду зергурӯҳ иборат аст:

а) ихтисораи ҳиҷогии калима: ***admin*** *<administrator – маъмур,* ***doc*** *<document – ҳуҷҷат,* ***Mac*** *<Macintosh – Макинтош,* ***nick*** *<nickname – тахаллус,* ***arc*** *<archive – архив.*

б) ихтисораи ҳиҷогии ибораҳо: ***app*** *<application program – барномаи дархостӣ,* ***ill mem ref*** *<Illegal memory reference – истиноди ғайриқонунии хотира,* ***no op*** *<no operator – бе оператор.*

Чунин ихтисораҳо дар матнҳои расмии шабакаҳои интернетӣ бештар тавассути нуқта истифода мегарданд, ба монанди ***sub.*** *<substitute – ивазкунанда,* ***suppl.*** *<supplement – илова* ва **-**.

Ба гурӯҳи сеюм ***ихтисораи ҳамсадоҳо*** дохил мешаванд, ки ҳама ҳарфҳои ихтисоршуда ҳамсадо буда, бештар бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: ***bf*** *<boyfriend – дӯстписар, ошиқ,* ***ctrl*** *<control – идоракунӣ,* ***kbd*** *<keyboard – клавиатура,* ***thnx*** *<thanks – ташаккур.*

Гурӯҳи чоруми ихтисораҳо ***фоноидеограммаҳо*** буда ба ин гурӯҳ истилоҳоте ворид гаштаанд, ки ба ҷои ҳарф рақам иваз карда шудааст ва қисми дигараш тарзи омехта: нимихтисораи ҳамсадоҳо ва нимрақамҳо истифода мегарданд. Чунин ихтисораҳо бештар идеографӣ буда, дар матнҳои муоширати чатҳои интернетӣ ба назар мерасанд. ***Фоноидеограммаҳоро*** метавон ба чаҳор зергурӯҳ ҷудо намуд:

а) **рақамҳо:** ***2l8*** *<too late – хеле дер шудааст,* ***459*** *<I love you – ман туро дӯст медорам,* ***4592*** *<I love you too – ман ҳам туро дӯст медорам,* ***121*** *<one to one – як ба як,* ***182*** *<I hate you – ман туро бад мебинам,* ***303*** *<mom – оча (модар);*

б) Ҳарфҳо: ***cu*** *<see you – то дидор,* ***aas*** *<alive and smiling – соқу саломат хандида истодаам,* ***ABC*** *<always be communicating – ҳамеша дар суҳбат бош,* ***AFAIC*** *<As Far As I'm Concerned - то ҷое ки ман нигарон ҳастам,* ***AFC*** *<away from computer – аз компютер дур;*

с) ҳарфу рақам (омехта): ***B4U*** *<before you – пеш аз шумо,* ***D8*** *<date – вохӯрӣ,* ***every1*** *<everyone - ҳар як,* ***f2t*** *<free to talk – барои сӯҳбат фурсат дорам;*

д) рамзҳо: ***ӯ)*** *- happy face – чеҳраи хуш,****:-{{*** *Angry Very – хеле қаҳролуд,* ***>:-(*** *Annoyed – асабонӣ,* ***X/)*** *Blinded by love – бо муҳаббат чашмак задан,* ***.')*** *Wink – чашмак задан,* ***@>--; --*** *A rose – гул,* ***(((H)))*** *Big Hug – оғӯши самимӣ,:*****(*** *Crying softly – хомӯшона гиря кардан,* ***:@!*** *Cursing – ҳақорат ё сарзаниш кардан;*

Аз таснифоти ихтисораҳо ва мисолҳои овардашуда маълум гашт, ки аз ҳама гурӯҳи серистифода гурӯҳи якум ин ***ихтисораҳои ҳарфӣ*** мебошанд, зеро тамоми калима ҳазф шуда бо як ҳарф нишон медиҳанд. Албатта, ин аз нуқтаи назари истифодабарандагони интернет бештар вақтро сарфа менамояд. Бояд қайд намуд, ки ***ихтисораҳои фоноидеограмии рамзӣ*** ҳатто ба бештари истифодабарандагони чати интернетӣ фаҳмо нест, зеро дар он ҳар як рамз мазмуни алоҳидаи худро дорост ва он аз истифодабаранда малакаи аз худ намудани онҳоро талаб менамояд. ***Ихтисораҳои ҳиҷогӣ*** низ хеле васеъ истифода мешаванд ва ба истифодабарандаи чати интернет осонӣ меорад, зеро истилоҳ қисман ихтисор мегардад.

Ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ дар замони имрӯза хеле васеъ паҳн гашта, на танҳо дар сомонаҳои интернетӣ ва муошират, балки дар матнҳои расмӣ ва ахборот метавон бо онҳо вохӯрд. Аз ин лиҳоз, ихтисора яке аз роҳҳои асосӣ ва маъмултарини ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ маҳсуб меёбад, вале як низоми муайян ва қолаби умумӣ надоранд.

Хулосаи боби дуюм

Боби мазкур “Вижагиҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ” ном дошта роҳҳо ва ташаккулёбии истилоҳоти интернетиро аз ҷиҳати сохтор мавриди таҳлил қарор додааст. Роҳҳои ташаккул ва рушди истилоҳоти интернетӣ бештар бо роҳи аффиксатсия, композитсия, конверсия ва ихтисора сурат мегирад. Ҳангоми таҳлилу баррасӣ маълум гардид, ки ғайр аз воситаҳои калимасозии номбурда, роҳи дигар ин универбатсия буда аз ихтисоршавии истилоҳот бо он фарқ мекунад, ки бештар хосси истилоҳоти исм мебошад ва дар мавриди ибора истифода намудан, як ҷузъи ибора тамоман истифода нагашта, бо зам шудани суффикс истилоҳот кӯтоҳ мегардад. Инро метавон кӯтоҳшавии ҷузъӣ номид.

Инчунин, дар раванди таҳқиқ якчанд хусусияти роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ равшан гардид, ба монанди хусусияти таърихӣ, умумисистемавӣ, лингвистӣ, сохторӣ, маъноӣ ва функционалӣ. Ҳар як хусусияти зикргардида бо мисолҳо дар алоҳидагӣ кушоду равшан таҳқиқ гардидаанд.

Хусусияти таърихӣ доштани истилоҳоти интернетӣ кай бамайдоноӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши онро меомӯзад. Хусусияти умумисистемавӣ доштани истилоҳоти интернетӣ дар доштани алоқамандӣ бо дигар соҳаҳои касбӣ ва илмҳои гуногун таҷассум мегардад. Истилоҳоти интернетӣ дар доираи худ, истилоҳоти дигар илмҳоро чун иқтисодиёт, дизайн, ҳуқуқ, сиёсат, этика, рӯзноманигорӣ ва амнияти иттилоотӣ истифода мебаранд.

Таҳлили хусусияти лингвистии истилоҳоти интернетӣ онро нишон медиҳад, ки бо рушди илму техника, махсусан технологияи иттилоотӣ, забони махсуси компютерӣ ба миён омад, ки чун забоншиносии компютерӣ ном бурда мешавад. Истилоҳоти интернетӣ дар доираи забоншиносии компютерӣ омӯхта мешавад, аз ин лиҳоз, бо хусусияти лингвистӣ равобити зич дорад. Ҷабҳаҳои сохторӣ, маъноӣ ва функционалӣ бошад, тамоми

истилоҳоти интернетиро ба таври васеъ бо мисолҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Истилоҳоти интернетӣ аз рӯи сохтор сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мебошанд. Истилоҳоти сода аз як реша иборат буда, маънои асосиро ифода менамояд. Истилоҳоти сохта бо зам шудани суффикс ва префикс сурат гирифта, чун роҳи аффиксатсия инъикос мегардад. Истилоҳоти мураккаб аз ҳама серистифода ба назар расида, аз ду ва зиёда реша иборат мебошад. Аз мисолҳои таҳлилгардидаи боби мазкур аён гашт, ки шумораи истилоҳоти мураккаби истилоҳоти интернетӣ хеле зиёд аст. Истилоҳоти аз рӯи сохт таркибӣ дар шакли ибора истифода мегарданд, ки аз ҷиҳати истифодабарӣ ду намуд мешаванд. Дар ҳар ду забони муқоисашаванда маълум гардид, ки истилоҳоти таркибӣ тобеъкунанда ва пайвасткунанда мешаванд. Истилоҳоти таркибии тобеъкунанда бештар як чузъашон маънои асосиро ифода намуда, ҷузъи дигарашон тобеи ҷузъи маънои асосӣ мешавад. Истилоҳоти пайвасткунанда бошад, бо воситаи садонокҳо байни ҳам пайваст гардида, ҳар ду ҷузъ баробармазмун мебошанд.

Дар боби мазкур на танҳо сохтори истилоҳот таҳлил гаштаанд, балки вазифаи грамматикӣ ва фонологии онҳо низ зери таҳқиқ қарор ёфтаанд, ки хусусияти функсионалии истилоҳотро зоҳир менамояд. Аз ҳама роҳҳои маъмул ва мустаъмали ташаккули истилоҳоти интернетӣ ихтисоршавии онҳо ба назар расид, ки дар навбати худ боз ба якчанд зергурӯҳ тақсим шуд, ба мисли ихтисораҳои ҳарфӣ, ихтисораҳои ҳиҷоӣ, ихтисораҳои ҳамсадоӣ ва фоноидеограммаҳо. Дар раванди таҳқиқу таҳлил аз ҳама ихтисораҳои маъмули истилоҳоти интернетӣ ин сиглӣ, яъне ихтисораҳои ҳарфӣ будааст расиданд.

Хулоса, аз ҳама усул ва воситаҳои ташаккули сохтории истилоҳоти интернетӣ дар забоншиносии компютерӣ ин ихтисораҳо мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Албатта дигар роҳҳо низ сохторан бо мисолҳо таҳлил гаштанд ва барои сохтани истилоҳоти интернетӣ аҳамияти хосса доранд, вале

маъмултарин ва ба таври васеъ истифодашаванда ин ихтисраҳо мебошанд. Ҳангоми таҳқиқ, инчунин, роҳҳои тарҷумаи истилоҳоти интернетӣ дарҷ гардид, ки он транслитератсия, калка, нимкалка ва тарҷумаи шарҳи маънӣ мебошад. Тамоми истилоҳоти интернетӣ ба воҳидҳои луғавии бемуодил дохил мешаванд. Дар раванди муқоиса, ҳам фарқият ва ҳам умумият, дар ду забон дида шуд. Истилоҳоте ба назар расиданд, ки дар забони англисӣ бо як реша ифода гардида, дар забони тоҷикӣ чун ибора баргардон шудааст, ки ин хусусияти сохторан фарқкунандаи забонро нишон медиҳад. Ҳолате ба чашм мерасад, ки истилоҳоти сохтаи забони англисӣ бо префик ва суфикс айнан дар забони тоҷикӣ аз рӯи сохтор инъикос гардидааст.

БОБИ III. ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ИСТИЛОҲОТИ ИНТЕРНЕТӢ

Таҳлили маъноӣ ё худ семантикӣ дар охири асрҳои XIX ва аввали асри XX дар доираи илми семасиология омӯхта мешуд, ки тамоми воҳидҳои луғавӣ аз ҷиҳати маъно ва хусусиятҳои маъноиашон дар доираи ин илм таҳлил мегардиданд. Инчунин, "семантика" метавонад худи доираи маъноҳои як синфи муайяни воҳидҳои забониро ифода кунад [105, 71].

Ҳангоми ба низом даровардани маводи ҷамъоваришуда маълум шуд, ки истилоҳоти интернет хосиятҳои универсалии маъноӣ доранд, чигунае, ки калимаҳои умуми забон доранд. Истилоҳ чун воҳиди луғавии одӣ дорои шакл ва мундарича мебошад. Истилоҳотро шаклан аз калимаҳои умумии забон фарқ кардан ғайримкон аст, зеро истилоҳот низ мисли калимаҳои одӣ метавонанд дорои шаклан сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ бошанд, вале мазмунан истилоҳотро аз рӯи маъно ва истифодабарӣ метавон аз калимаҳои умумиистифода ба куллӣ фарқ намуд. Калимаҳои умумии забон ба объектҳои умумӣ дахл дошта, дар тамоми матн онҳоро метавон дид, вале истилоҳот танҳо дар шакли мушаххас ба соҳаи махсус дахл доранд, ки танҳо дар доираи он соҳа метавонанд истифода шаванд. Азбаски соҳаи илму техника дар равнақ аст, истилоҳот низ рӯз аз рӯз дар рушду нуму мебошанд. Соҳаҳо низ хеле гуногун буда, ҳар яки он ба худ истилоҳоти махсусро доро мебошад [176, 62].

Истилоҳоти интернетӣ мисли дигар воҳидҳои луғавӣ дорои маъноии *конотативӣ, денотативӣ, парадигматикӣ ва репрезентатив*ӣ мебошанд. Дар забоншиносӣ ҳар воҳиди луғавие, ки маъноро ифода менамояд *«сема»* меноманд [122, 33]. Истилоҳоти интернетӣ бо хусусияти маъноӣ аз *макроҷузъиёт* ва *микроҷузиёт* иборат мебошад, ки ба макроҷузъиёти истилоҳоти интернетӣ маъноҳои *конотативӣ, денотативӣ* ва *грамматикӣ* дохил мешаванд.

Маъноии *денотативии* истилоҳот дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми умумӣ ва аслиро ифода менамоянд, ҳарчанд дар истилоҳ метафора низ

истифода шавад. Яъне, мафҳуми *денотативӣ* ин маънои мустақим ва бевосита доштани истилоҳро инъикос менамояд. Вақте мо истилоҳи ***Information technology*** – ***технологияи иттилоотӣ*** – ро истифода мебарем, дар зери мафҳуми истилоҳи мазкур, ***computer, internet, business, information*** дар умум зери ин мафҳум тамоми дигар истилоҳот, *компютер, интернет маълумоте, ки тавассути интернет ба даст меорем ва кору фаъолияте, ки бо компютер сурат мегирад* ҳамаи онҳоро дар маҷмуъ дар назар дорад. Калимаи оди, мисли ***волидайн***, ки маънои *денотативӣ* дорад ва дар худ мазмуни ***падару модарро*** дар маҷмуъ ифода менамояд. Аз мисоли дар боло овардашуда равшан аст, ки на танҳо калимаҳои одӣ, балки истилоҳот низ маънои *денотативӣ* дошта метавонанд.

Маънои *конотативӣ* бошад, ғайримустақим аст, яъне дар он бештар тобишҳои маъноӣ аз ҷиҳати услуб дида мешаванд. Истилоҳоти интернетие мавҷуд ҳастанд, ки дар матнҳои расмӣ ва ҳуҷҷатҳо истифода мегарданд ва боз дар қатори ин истилоҳоте низ вуҷуд дорад, ки дар муоширати интернетӣ, дар чатҳо, яъне сленгҳои интернетӣ мебошанд, ки услубан аз дигар истилоҳоти интернетӣ фарқ мекунанд. Ба маънои *конотативӣ* мо метавонем сленгҳои интернетӣ чун ***bug – вирус*** (сленг), *хатоие, ки корбари барнома ҳангоми сохтани он роҳ медиҳад*, ***IT guy – айтишник*** (сленг), *яъне мутахассиси технологияи иттилоотӣ, ки барномаҳои компютериро ба дараҷаи баланд аз худ кардааст*, ё ин ки рамзу ишораҳои фонограмие, ки як мафҳуму колорити хосси худро ифода менамоянд, дохил намоем, ба монанди ***:0*** <Hungry – гурусна, ***&-l*** <Makes Me Cry – гиря кардан. Мисолҳои зикргардида мафҳуми хосси худро дошта, дар услуби гуфтугӯии интернетӣ бештар зери истифода қарор доранд, аз ин лиҳоз, онҳо маънои *конотативи*ро ифода менамоянд, яъне услубан аз дигар истилоҳот фарқ мекунанд.

Маънои дигари *макроҷузъи*и истилоҳоти интернетӣ ин *грамматикӣ* мебошад. Маънои грамматикии истилоҳот ба монанди воҳидҳои луғавии одӣ аз хусусиятҳои морфологӣ ва синтаксисӣ иборат мебошанд. Маънои

грамматикии қисми морфологӣ, аллакай, дар боби дуюми диссертатсия бо мисолҳо таҳлил гардид ва дар он бештар аффиксатсия метавонад ҳам шакли грамматикӣ ва ҳам мазмуни истилоҳро тағйир диҳад. Конверсия низ ба хусусияти морфологии истилоҳот дохил мешавад. Қисмати синтаксисиро бештар ибораҳои таркибии интернетие, ки дар ҷумла истифода мегарданд ва аз ҷиҳати мазмуну вазифаи грамматикиашон омӯхта мешаванд, ташкил медиҳад. Мисол истилоҳи ***cyberluddites*** – ***киберлуддитҳо***, *корбарони шабака, ки зидди шабакаи ҷаҳонии интернет ва тиҷорати интернетӣ мебошанд ва мехоҳанд, ки он ба ҳама алоқаҳои матнӣ баргардад*. Истилоҳи мазкур аз рӯи категорияи грамматикӣ дар шакли ҷамъ бо пасванди ***-es*** истифода гардидааст. Ғайр аз ин, истилоҳот метавонанд дар шакли сифати феъли замони гузашта ё ҳозира истифода шавад, ки ҳама ин хусусиятҳо маънои грамматикии истилоҳотро ифода менамоянд.

Микроҷузъиёт гуфта, маънои ҳар як истилоҳро дар алоҳидагӣ дар назар дорад. Маънои денотативии воҳидҳои луғавӣ метавонад, дар навбати худ, ба гурӯҳҳои узуалӣ ва окказионалӣ ҷудо шаванд, ки бо мазмуни дигар узуалӣ, яъне маънои асосӣ ва окказионалӣ бошад, мазмуни дуюмдараҷа ё маҷозиро ифода мекунад. Воҳидҳои луғавии узуалӣ бештар ҳамон калимаҳоеро дар назар дорад, ки дар фарҳанг истифода мегарданд, окказионалӣ бошад, бо тағйирёбии мазмуни калимаҳо дар матн ба назар мерасад. Тамоми истилоҳоти интернетӣ бо маънои узуоналӣ истифода мегарданд, яъне қолаби махсуси худро доранд [184, 170].

Ба ақидаи И. А. Стернин такя намуда, истилоҳоти интернетиро метавон аз рӯи майдони маъноиашон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: маънои *ядроӣ* ва маънои *периферия* [184, 60]. *Семаҳои ядроӣ* ё худ *маънои ядроӣ* гуфта, истилоҳоте дар назар дошта шудааст, ки бо маънои аввалиндараҷа ва асливу доимӣ истифода мегарданд. Маъноҳои *периферия* бошад, мазмуни дуюм ва сеюмдараҷае, ки дар фарҳангҳо барои мукаммал сохтани мафҳуми истилоҳ шарҳи маънӣ мегарданд, дар назар дорад. Барои мисол истилоҳи ***web designer***

– ро мегирем. Истилоҳи мазкур маънои ядроиаш ***меъмори эстетикӣ ва навигатсионии вебсайт*** мебошад. *Маънои периферии* истилоҳ бошад, ба таври шарҳи маънӣ зина ба зина маънидод мегардад. Маънои перифериия наздикаш *дизайнери шабака мебошад, ки агар графика дар сайт норавшан ва дар сафҳаи интернет пайдо кардани маълумот душвор бошад, онро тарҳрезӣ менамояд.* Маънои периферия ба ин маъност, ки *шахс дар соҳаи эҷодии рушди тасвир кору фаъолият ва дониши васеъ дар бораи барномасозии ба веб асосёфта дорад, ки барои меъмории иттилоотӣ тарроҳии муваффақи веб муҳим ҳисобида мешавад.* Дигар периферияҳои ин истилоҳ вуҷуд доранд, ки мазмуни онро бо мисолҳо равшан мегардонанд, вале маънои ядроӣ, яъне асосӣ ин *меъмори сайт* мебошад. Ба ҳамин монанд тамоми истилоҳоти интернетӣ чунин маъноҳоро ифода менамоянд, маънои *ядроӣ* ва *периферия*.

Таркиби хусусиятҳои маъноӣ аз мансубияти истилоҳ ба категорияи муайяни маъноӣ ва ҳатто ба як истилоҳи муайяни гурӯҳи семантикӣ вобаста аст. Ҳар як истилоҳро метавон аз ҷиҳати истифодабарӣ ва мавқеи он дар тамоми соҳаҳои интернет ба гурӯҳҳо тақсим кард. Истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати маъно ва ба кадом самт мансуб буданашон мазмунан метавонанд фарқ кунанд. Мисол, хусусияти маъноие, ки танҳо шакл ва объектҳои графикии истилоҳоти интернетиро ифода менамоянд, инҳо мебошанд: ***avatar - аватар***, ***pane - равзана*** (барои намоиши бисёрсоҳавӣ), ***smile – табассум*** (нишонаҳои идеографӣ дар чатҳои интернетӣ), ***banner advert - баннер*** (дар интернет), чопи уфуқии доимӣ. Истилҳоти овардашуда танҳо графикаи интернетро дар назар доранд, мазмунан ба як гурӯҳ дахл доранд.

Гурӯҳи дигари истилоҳоти интернетӣ фазои кибериро дар бар мегирад, ки тамоми истилоҳоти ин гурӯҳ, ҳам шаклан ва ҳам мазмунан, бевосита ба фазои интернет алоқаи зич доранд ва ҳатто преффикси ***cyber*** танҳо маъмули истилоҳоти интернетӣ мебошад, мисол ***cyberspace – фазои киберӣ***, ***Information Superhighway – маълумоти фавқулода, Infobahn –***

инфобаҳн; шоҳроҳи иттилоотӣ, cyberia – кибериа. Мисолҳои мазкур мазмунан истилоҳотеро дар бар мегирад, ки дар фазои киберӣ истифода мегардад, инчунин, тамоми иттилооте, ки тавассути интернет дастрас мегардад. ***Фазои киберӣ*** худ ҷаҳони рақамӣ буда, тавассути шабакаҳои компютерӣ, алалхусус, интернет сохта шудааст. Вақте Шумо истилоҳи ***"фазои киберӣ"***-ро мешунавед, он одатан ба ҷаҳони интернетӣ ишора мекунад, ки ин макон воқеан вуҷуд дорад, ҳарчанд он ҳам як василаи иртиботӣ аст, на як галактикаи дигар. Он ҳамчун як соҳаи ғайримодии маълумот ё ягон намуди ҷаҳони виртуалӣ қабул карда мешавад, ин дар ҳақиқат як инфрасохтори ҷисмонӣ аз симҳои болои сари мо, сими зери пойҳои мо ва антеннаҳои моҳвораи осмон иборат аст. Баъзе одамон ин истилоҳро қабул надоранд, зеро он тиҷоратӣ шудааст, аммо дар айни замон, он муносибати одамоне мебошад, ки худро симдор ё вобаста медонанд. Он танҳо дар шакли ***cyber – "кибер"*** маъруф аст. Аз истилоҳи ***cyber*** дигар истилоҳот, аз қабили ***cyberpork*** – *маблағи ҳукумат, ки ба қудратчиёни инфрасохтори бо ҳам пайваст мешавад*, ***cyberpunk*** – *киберпанк, инчунин, ба либос ва интихоби тарзи ҳаёт ишора мекунад*, ***cybersex*** – *алоқаи маҷозӣ*, ***cybershooting*** – *истифода аз робот ва муши дурдаст парондани ҳайвонот ва дар барномаҳои бозӣ*, ***cyberslang*** – *сленги киберӣ*, ***cybersoul*** – *эътиқоди киберӣ*, ***cybersuds*** - *номи яке аз аввалин гурӯҳҳои шабакавии ба интернет нигаронидашуда дар Хиёбони Силикон*, ***cybersuicide*** – *худкушии киберӣ*, ***cyberterrorism*** – кибертерроризм ва ғайра ба миён омадаанд, ки мазмунан ба ҳам равобит дошта, ба як гурӯҳ дохил мешаванд.

Истилоҳоти гурӯҳи сафҳаи веб дар гиперфазо: ***buffer page*** – *саҳифаи буферӣ,* ***core page*** – *саҳифаи аслӣ,* ***home page*** – *саҳифаи хонагӣ,* ***index page*** – *саҳифаи индекс,* ***exit and entry tunnels*** - *тунелҳои баромад ва вуруди маълумот.* Истилоҳоти номбаршуда танҳо ба сафҳаҳои интернетӣ алоқамандӣ доранд. Истилоҳоти мазкур мазмунан бо фарқиятҳои нозук бисёр истифода мешаванд. Истифодаи аз ҷиҳати техникӣ аз ҳама дуруст барои як

файли ягонаи HTML, ки матн ва тасвирҳоро дар бар мегирад, қисми вебсайт аст ва номи инфиродии ба он таъиншуда мебошад. Ҳангоми дидани веб-браузер, ин файл дар асл метавонад якчанд андозаи экранро дар бар гирад. Бисёр вақт дар интернет корбар бояд "саҳифаро ба поён фарорад", то мундариҷаи боқимондаро дар экран тамошо кунад. Ҳатто агар "саҳифа" дар даҳ саҳифа чоп кунад ҳам, он як файли HTML як "сафҳаи веб" ҳисобида мешавад. Гуфта мешавад, ки вебсайтҳои калон дорои садҳо сафҳа иттилоот мебошанд. Дар ин истифода, "саҳифа" ба садҳо санади воқеии ҷудогона ишора мешаванд, ки ҳаҷмашон гуногун аст, ҳар кадоме дорои мавзуи гуногун мебошанд.

Ба монанди гурӯҳҳои номбаршуда шумораи истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати мансубияти маъноӣ доштан ба як самти махсус хеле зиёд мебошанд. Дигар гурӯҳи истилоҳот ба монанди сохтори технологӣ, азнавсозии саҳифаҳои интернетӣ, истилоҳоти марбут ба нармафзор, сахтафзор, сленгҳои интернетӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки мазмунан дар алоҳидагӣ дар дохили гурӯҳи худ алоқамандии зич дорад.

Метавон гуфт, ки истилоҳоти интернетӣ на танҳо аз ҷиҳати сохтор бо таснифот таҳлил мегарданд, балки аз ҷиҳати маъно низ гурӯҳҳои ҷудогонаеро доро мебошанд, ки мазмунан тасниф ёфта, аз ҷиҳати маъно зери таҳлил қарор мегиранд. Аз мисолҳои таҳлилгардида равшан гардид, ки ҳар як истилоҳ ғайр аз маъноӣ луғавӣ боз маънои грамматикӣ низ дорад. Маънои луғавӣ низ, дар навбати худ, ба ду гурӯҳ чун конотативӣ ва денотативӣ ҷудо мешавад. Инчунин, аён гардид, ки ҳар як истилоҳ дорои маънои ядроӣ ва переферия мебошад.

3.1. Сермаъношавии истилоҳоти интернетӣ

Истилоҳоти интернетӣ дар истилоҳшиносӣ мисли воҳидҳои луғавии одӣ дорои сермаъноӣ ё полисемия мебошанд. Дар зери мафҳуми полисемия ё сермаъноӣ мазмуни гуногуни ба ҳам алоқаманд доштани як воҳиди луғавӣ дар назар дошта шудааст, ки дар раванди рушд маъноҳои дигар аз калимаи

аслӣ сарчашма мегиранд [11, 8]. Дар истилоҳшиносӣ сохтори маъноиро мафҳуми асосии истилоҳ ташкил менамояд, ки онро ба таври дигар чун мафҳуми номинативӣ мегӯянд, маъноҳои дуюмдараҷа бошанд вариантнокии мазмуни истилоҳро ифода намуда, нисбат ба характери конкретӣ доштан бештар мафҳуми маҷозиро инъикос менамоянд [32, 15].

Таркиби мазмуни истилоҳоти сермаъно дар ҳама ҳолат аз шумораи воҳидҳои луғавӣ-маъноии худ вобастагӣ дорад. Аз рӯи хусусияти сермаъноӣ доштан, истилоҳот нисбат ба калимаҳои умумӣ вариантнокии мазмунашон камшумор мебошанд. Агар калимаи умумӣ то даҳ мазмунро ифода намояд, истилоҳ то ду ё се маъноро метавонад пешниҳод кунад, ки боз дар як соҳаи муайян мазмунҳои ифодашуда ба ҳам алоқаманд мебошанд. Истилоҳот ҳангоми рушду ташаккул як ҷараёни мушкили маъноиро мегузаронанд, зеро истилоҳ худ бештар хусусияти номинативӣ дорад. Бо такомули технологияи муосир истилоҳшиносон ба ҳар як предмети нав номи мувофиқ вобаста ба хусусияти истифодабарии он интихоб менамоянд, ки ҳар як истилоҳи интихобшуда бо калимаҳои умумӣ муқоиса карда мешавад. Ҳар як истилоҳе, ки ба неологизмҳо тааллуқ дорад, дар аввал бо як мазмун истифода мегардад. Баъдан бо гузашти вақт истилоҳоти нав дар раванди мавриди истифода қарор доштанашон вобаста ба ҳолат мазмунҳои дигарро пайдо мекунанд [190, 267].

Яке аз хосиятҳои асосии истилоҳ якрангӣ ва якмаъноии он мебошад. Хусусияти ягонагӣ ва тақсимнашавандаи ҳавзаи мундариҷа ба истилоҳот марбут аст. Дар ин ҳолат як истилоҳ бояд ба як мафҳум мувофиқ бошад. Дар амал вайронкунии васеи ин принсип вуҷуд дорад, ки онро падидаи полисемия ифода мекунад. Раванди номгузории якчанд мафҳум, хусусан агар онҳо ба як системаи истилоҳот марбут бошанд, бо истифода аз як воҳиди лексикӣ яке аз мушкилоти асосии истилоҳот ба шумор меравад. Ин падида дар тамоми соҳаҳои маърифати инсонӣ мушоҳида мешавад. Дар натиҷа, полисемияи маъноҳо ташаккул меёбанд, ки иртиботи илмӣ ва касбиро мушкилтар мекунанд.

Яке аз истилоҳшиносони муосир Д. С. Лотте изҳори ақида менамояд, ки «истилоҳ набояд сермаъно бошад» [138, 73]. Дар баробари ин ақида, забоншиносони дигар, аз қабили О. С. Ахманова зикр мекунад, ки «истилоҳоте вуҷуд доранд, ки дорои ду, се ва ҳатто чаҳор маъно мебошанд» [226, 150-151].

Р. З. Гинзбург қайд мекунад, ки сермаъноӣ ё худ полисемия ҳар як маънои ифодашударо дар алоҳидагӣ дар назар надорад, зеро воҳиди луғавие, ки сермаъно мешавад, ҳар як маъно байни худ як робита ва алоқамандие дорад, ки ба ҳам хеле зич мебошанд. Инчунин, забоншинос дар он ақида аст, ки сермаъноии истилоҳот аз рӯи падидаҳои синхронӣ ва диахронӣ омӯхта мешаванд [238, 33].

Таърихан, сермаъноӣ дар раванди ташаккул ва рушди калима ба вуҷуд меояд. Дар омили синхронӣ истилоҳ, новобаста аз тағйири замон ва такомул, дигар намешавад, вале дар ҳолати диахронӣ бо мурури замон истилоҳ ғайр аз маънои аслӣ боз маъноҳои дуюмдараҷаро пайдо месозад. Дар айни замон, маънои аслӣ ҳамчун маънои марказӣ, ядроӣ буда, маъноҳое, ки баъдтар бо гузашти замон ба вуҷуд меоянд, дуюмдараҷа ҳисобида мешаванд ва аз ҷиҳати этимологӣ ба маънои аслӣ тобеъ мебошанд. Аз ин гуфтаҳо метавон тазаккур дод, ки яке аз сарчашмаҳои полисемия тағйир додани сохтори семантикии калима ҳангоми истифодаи он мебошад.

Мисол, ***blog-блог:***

1. *a website containing a writer's or group of writers' own experiences, observations, opinions, etc., and often having images and links to other websites-вебсайт дорои нависанда ё гурӯҳи нависандагони ботаҷриба, мушоҳидакор, мулоҳизакори шахсии худро дорад ва аксар вақт бо дигар вебсайтҳо рӯнавиштҳо ва алоқа доранд;*

2. *a single entry or post on such a website-Қайдҳои алоҳидаи ягона ё паём дар чунин вебсайт;*

Browser-браузер:

1. *a person or thing that browses-шахс ё чизе, ки аз назар гузаронида мешавад;*

2. *Digital Technology, a software program that allows the user to find and read encoded documents in a form suitable for display, especially such a program for use on the internet-Технологияи рақамӣ, барномаи нармафзоре, ки ба истифодабаранда имкон медиҳад то ҳуҷҷатҳои рамзгузоришударо дар шакли мувофиқ барои сафҳаи намоиш пайдо кунанд ва хонанд, хусусан чунин барнома барои истифода дар интернет* [278].

Дар мисолҳои овардашуда истилоҳи ***blog*** ду маъноро ифода менамояд, ки маънои якум аслӣ ба ҳисоб рафта, бо мазмуни *вебсайте, ки дорои таҷрибаҳо, мушоҳидаҳо, андешаҳо ва ғайра аз ҷониби нависанда ё гурӯҳи нависандагон таъсис ёфта, аксар вақт дорои тасвирҳо ва истинодҳо ба вебсайтҳои дигар* истифода мешавад. Маънои дуюм бошад, як *роҳи вуруд ва эзоҳот гузоштан дар вебсайт* аст. Аз ду маънои ифодаёфта равшан гардид, ки ҳарду мазмун ва амалҳое, ки ишора мешаванд, ба вебсайт дахолат доранд. Метавон мушоҳида намуд, ки маъноҳо ба ҳам алоқамандии зич доранд, зеро ба як самт ва соҳа равона мегарданд.

Мисоли дигар истилоҳи ***browser*** аст. Аслан, маънои асосии истилоҳи ***browser*** ин *барномаи нармафзоре мебошад, ки тавассути он ба интернет корбарон дастрасӣ меёбанд*. Аз маъноҳои дар фарҳангҳо ифодагардида аён мешавад, ки ғайр аз барномаи нармафзор буданаш ин истилоҳ боз маънои *ҷӯянда ва шахсе, ки маълумотро дар интернет меҷӯяд*, ифода мекунад.

Дар истилоҳшиносӣ ҳолатҳоеро дучор шудан мумкин аст, ки ҳангоми як воҳиди луғавӣ ифода кардани якчанд мафҳум онро полисемия ё омонимия мегӯянд. Аз рӯи гуфтаҳои С. В. Гринёв дар аввал ин падида чун сермаъноӣ истифода мегардид, вале дар солҳои 70-ум олимон ба ақидае омаданд, ки падидаи полисемия вуҷуд надорад, ҳангоми як истилоҳ якчанд маъноро ифода намудан ин ба омонимияи истилоҳот мувофиқат менамояд [56, 99].

Байни полисемия ва омонимия фарқияти назаррасе дида мешавад. Дар зери мафҳуми полисемия ё худ сермаъноӣ якчанд маънои ба ҳам алоқамандро ифода намудани як истилоҳ дар назар дошата шудааст. Омонимия низ якчанд маъноро ифода менамояд, вале маъноҳои ифодагардида ба якдигар ягон алоқамандӣ надоранд. Омонимия низ дар истилоҳоти интернетӣ ба чашм мерасад, вале ҷиҳати ин масъала дар зербахшҳои оянда зери таҳлил қарор мегирад.

Сермаъноӣ хосси истилоҳ нест, зеро яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи истилоҳ аз дигар воҳидҳои луғавӣ ин якмаъноӣ доштанашон мебошад. Новобаста ба ин, дар раванди таҳқиқ маълум гардид, ки сабабҳои пайдоиши сермаъноӣ дар истилоҳот аз омилҳои гуногун иборат мебошанд, ки ин омилҳо дар дохили забон ба вуҷуд меоянд, чун метонимия, метафора ва синекдоха [56, 100].

Метонимия ин интиқоли ном аз як ашё ё падида ба объекти дигар дар асоси пайвастан, наздикӣ ва возеҳ будани иртиботи байни онҳост [176, 47]. Дар истилоҳоти интернетӣ, ***google – гугл*** (системаи ҷустуҷӯӣ) метавонад метонимия шавад. Вақте ба ҷои истилоҳи ***net – шабака*** ё ***browser – системаи ҷустуҷӯӣ «google»*** истифода мекунем, дар ин маврид омили метонимия ба чашм мерасад.

Сарфи назар аз талаботи қатъии истилоҳот, ки якмаъноиро, ҳам аз ҷиҳати услубӣ ва ҳам эмотсионалӣ талаб менамояд, дар истилоҳоти интернетӣ метафора хеле зиёд ба назар мерасад. Метафора худ тобиши маъноии нутқе мебошад, ки калимаҳо ба маънои маҷозӣ барои муқоисаву монандӣ истифода мегарданд. Мисол, худи истилоҳи ***интернет – Internet*** метафора мебошад, зеро ба шабакаи ***web***, ки ***тори анкабут*** мебошад, истиора гаштааст [131, 296-298].

Истилоҳи ***cookies*** ба унвони мазмуни *маълумоте, ки компютер аз браузер гирифтааст ва барои муайянсозии корбар* истифода мешавад, чун ***кукиҳо*** ба забони тоҷикӣ транслитератсия гаштааст. Ин истиора (метафора)

дар солҳои 90 -уми асри XX ***“кукиҳои сеҳрнок” (куки сеҳрнок)*** *бастаҳои иттилоот*ро ном мебурданд, ки дар хариди онлайн барои истифода созгор буданд. ***Cookie*** худ кекс (ширинӣ) аст, вале дар истилоҳоти интернетӣ, васеъ истифода мегардад.

Барои ифода намудани яке аз роҳҳои муҳофизати шабака аз ҳуҷуми вирусҳо ва хакерҳо истилоҳи ***firewall – девори оташин*** истифода мегардад. Инчунин, метавон гуфт, ки метафораи мазкур ***девори оташин,*** ки чун калка ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст, аз пурқувват будани системаи муҳофизатии шабака дарак медиҳад.

Истилоҳи ***snailmail – туқумшуллук*** дар интернет барои фиристодани мактуби одии почта истифода мешавад. Ин истилоҳ бештар сустии почтаи стандартиро аз рӯи суръат таъкид мекунад. Ба ҳамагон маълум аст, ки ***туқумшуллук*** низ хеле суст мехазад, шояд ҳаминро ба назар гирифта бошанд.

Омили дигар ин синекдоха мебошад, ҳаҷми шумораи калимаҳоро баръакс тасвир менамояд. Ба ин гуна ки дар шакли танҳо метавонад шакли ҷамъро ифода кунад. Синекдоха як шакли тобиши сухан аст, ки дар он баъзе калимаҳо ба ҷои калимаҳои дигар ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд. Ин падида метафора бо он фарқ мекунад, ки ивазкунӣ ба тағйироти миқдорӣ асос ёфтааст, яъне шакли танҳо ба ҷои ҷамъ, мушаххас ба ҷои умумӣ ва баръакс [3].

Истилоҳоти интернетие, ки чун синекдоха истифода мегарданд, инҳо мебошанд: ***metafile*** */ file,* ***processor*** */ microprocessor,* ***byte*** */ kilobyte,* ***digital storage buffer; DSB*** */ cache memory, clipboard, buffer file,* ***program*** */ software, operating system.*

Омилҳои маъноие, ки дар истилоҳот ба вуҷуд омадаанд, сабаби асосии сермаъноии онҳоро инъикос менамоянд. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гардид, ки истилоҳоти интернетӣ на танҳо аз ду маъно, балки аз се ва чор

маъно иборат мебошанд, мисол, калимаҳое, ки дар умум се маъноро ифода мекунанд:

firewall: *1) брандмауэр-девораи махсусе, ки барои пешгири кардани паҳншавии сухтор аз як қисми бино ё кишт̄ ба дигараш ё ҷудокунии қисмати муҳаррикҳо дар ҳавопаймо, мошин ва ғайра истифода мешавад; 2) шахс, ашё ё ҳодисае, ки ҳамчун монеа ё муҳофизат аз чизи номатлуб амал мекунад; 3) маҷмуии чораҳои амнят̄, ки барои пешгирии дастрасии беиҷозат ба системаи компютерии шабакав̄ пешбин̄ шудаанд;*

gateway*: 1) нармафзор ё сахтафзоре, ки ду шабакаи мухталифи компютериро мепайвандад, то интиқоли иттилоотро байни шабакаи хонаг̄ ё тиҷор̄ ва интернет фароҳам орад; 2) нармафзоре, ки муоширати рақамии паёмҳои матниро тавассути шабакаҳои телефонии мобил̄ осон мекунад; 3) сохторе, ки барои пӯшонидан ё кушодани даромадгоҳ истифода мегардад;*

Истилоҳоти интернетие, ки дар умум чор ё панҷ маъноро ифода менамоянд:

online: *1) таҳти назорати мустақими компютери асос̄ кор кардан; 2) тавассути компютер ба як ё якчанд компютер ё шабакаҳои дигар, ба монанди хадамоти электронии иттилоотии тиҷорат̄ ё интернет пайваст шудан; 3) тиҷорате, ки иттилооти электрониро тавассути хатҳои телекоммуникатсия интиқол медиҳад; 4) дастрас ё дар компютер ё шабакаи компютер̄ кор кардан; 5) мустақим кор кардан тавассути компютер ё истифодаи компютер;*

router: *1) ҳама гуна асбобҳо ё мошинҳои гуногун барои масиркун̄, хол̄ кардан ё ҷобаҷогузор̄; 2) ҳавопаймо барои буридани кунҷҳои дохил̄; 3) мошин ё асбоб барои буридан ё поён кардани сатҳи асос̄, ба мисли табақи кандакор̄ ё кандакор̄; 4) бо роутер буридан;*

default*: 1) амал накардан, беамал̄ ё беэътиноӣ; 2) иҷро накардани уҳдадориҳои молияв̄, ба монанди вақте ки қарзгир напардохтааст ё*

пардохти ҳармоҳаи қарзро қатъ мекунад; 3) иҷро накардан ё қонеъ кардани уҳдадорӣ, талабот ё уҳдадорӣ; 4) арзише, ки барнома ё системаи оператсионӣ пешбинӣ мекунад ё як амале, ки барнома ё системаи амалиётӣ иҷро мекунад, вақте ки корбар ё барномасоз ҳеҷ арзиш ё амали аз ҳад зиёдро муайян намекунад [285].

Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки истилоҳоти интернетӣ метавонад бо фарогири 5 маъно дар фарҳангҳо оварда шавад. Ҳарчанд истилоҳот хосси якмаъноӣ дорад, вале бо омилҳои гуногун сермаъноӣ низ дар онҳо дида мешавад. Ҳама мисолҳое, ки дар боло бо якчанд маъно оварда шудаанд, бо омили метафорӣ ё метономӣ сермаъно гаштаанд, зеро теъдоди зиёди истилоҳоти интернетӣ, махсусан истилоҳоте, ки бо префикси ***cyber-*** сохта шудаанд, хоси интернет мебошанд, чунин истилоҳот танҳо бо як маъно дар фарҳангҳо зоҳир мегарданд. Маълум мешавад, ки махсусан истилоҳоти бо роҳи метафорӣ, метономӣ ва синекдоха дучоромада метавонанд сермаъно гарданд.

3.2. Хусусиятҳои синоними истилоҳоти интернетӣ

Дар зербоби мазкур синонимҳои истилоҳоти интернетӣ таҳқиқ карда мешавад, ки дар онҳо сабабҳои гуногун ба назар мерасанд. Синоним худ (аз юн. -қад. σύν «ҳамроҳ» + ὄνομα «ном») — калимаҳое мебошанд, ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ ҳархела буда, як маъно ё маъноҳои ба ҳамдигар наздикро ифода мекунанд [265, 166]. Дар истилоҳшиносӣ синонимҳо бо омилҳои лингвистӣ ва экстралингвистӣ ба вуҷуд омадаанд. Ба омилҳои лингвистӣ дар забони модарӣ барои пурра ва мукаммал инъикос кардани воқеият ва мафҳуми ақида як қатор калимаҳои ба ҳам аз рӯйи маъно наздик истифода мегарданд, ки онҳо дар натиҷа силсилаи синонимҳо мешаванд. Омили экстралингвистӣ бошад, дар як самт ва як соҳа дар раванди ташаккул ёфтани техника ва технология истилоҳоти нав низ рушд менамоянд ва корбарони он соҳа кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки истилоҳотро ихтисор кунанд ё ин ки сленг бештар истифода баранд. Дар натиҷаи ин омил истилоҳоти ихтисоршуда ва

истилоҳоти пурра ба ҳамдигар синоним мегарданд. Махсусан, дар истилоҳоти интернетӣ синонимҳо бо ду омили мазкур ба миён омадаанд [111, 32].

Оид ба синонимҳо дар забоншиносӣ як қатор олимони хориҷиву ватанӣ таҳқиқотҳо бурдаанд, ба монанди А. А. Реформатский, Д. С. Лотте, С. В. Гринёв, В. П. Даниленко, З. Шарипова, С. Аминова, Б. Сиёев, М. Муҳаммадиев, Р. Ғаффоров, А. Давронов, С. Ҳошимов, С. Ҳалимов, С. Ҷураева ва дигарон вале перомуни синонимҳои истилоҳоти интернетӣ пажуҳиш хеле кам ба назар мерасад. Синонимҳои истилоҳоти интернетии забони олмониро М. С. Шумайлова дар диссертатсияаш таҳқиқ кардааст [218].

Дар истилоҳшиносӣ, аз ҷумла истилоҳоти интернетӣ, таснифоти синонимҳоро ба таври зайл тақсим намудан мумкин аст: *синонимҳои мутлақ ва синонимҳои нисбӣ. Синонимҳои нисбӣ,* дар навбати худ, боз ба гурӯҳҳои *синонимҳои маъноӣ, синонимҳои услубӣ-экспрессивӣ ва синонимҳои маъноӣ-услубӣ* ҷудо мешаванд [2, 38].

Синонимҳои мутлақ (пурра) аз ҷиҳати маъно фарқ намекунанд. *Синонимҳои мутлақ* байни худ бо маъно ва миқёс комилан мувофиқат мекунанд ва ҳатто дар забоншиносӣ онҳоро муодилҳои дохилизабонӣ низ ном мебаранд. Бештари забоншиносон ин гуна синонимҳоро дублетҳо мегӯянд. Аз рӯи гуфтаҳои А. В. Лагутина, «мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки айни замон бо ворид гардидани истилоҳоти нав аз як забон ба забони дигар, яъне иқтибосшавии онҳо боиси пайдо гардидани синонимҳои мутлақ мегарданд. Пайдоиши синонимҳои мутлақ бештар дар забонҳои хеш дида мешавад» [129, 123].

Дар истилоҳоти интернетӣ синонимҳои мутлақ ба монанди ***Internet – the Web (WWW)*** *– шабакаи интернет;* ***portal – gateway*** *– системаи ҷустуҷӯӣ;* ***network – website*** *– вебсайт;* ***download – load*** *– зеркашӣ кардан;* ***set up – install*** *– насб кардан;* ***exit – quit*** *– анҷом додан;* ***cyberbullying –***

cyberharassment *– таҳқири киберӣ;* ***leet – leetspeak*** *– забони лит (интернет слнег);* ***noob – newbie*** *– навкор ва ғайра* мебошанд.

Аз синонимҳои мутлақи овардашуда истилоҳи интернетро зери таҳлил қарор диҳем, ин истилоҳ соли 1984 дар шабакаҳои компютерии пайвастшудаи Вазорати мудофиаи ИМА истифода мегардид. Яъне, ин истилоҳ аз забони англисии муосир ба миён омадааст. Синоними истилоҳи мазкур ***web*** мебошад. Ин истилоҳ аз забони олмонӣ гирифта шудааст, ки ин истилоҳро бештар қабилаҳои саксониҳо, голандиҳо ва скандинавиҳо бо мазмуни ***webbe – матои бофташуда*** истифода мебурданд. Ин калима дар он давра истилоҳ набуда, дар шакли одӣ истифода мешуд. Соли 1992 синоними истилоҳи интернет чун ***World Wide Web*** бо шакли кӯтоҳ ***Web*** ё ***WWW,*** ҳамчун истилоҳ қабул гардида, бо забони тоҷикӣ низ шабакаи интернет ё тори анкабут тарҷума гардид.

Истилоҳи дигар ин ***download*** мебошад, ки синоними мутлақаш ба таври кӯтоҳшавӣ чун ***load*** истифода мегардад. Истилоҳи ***download*** хоси интернет буда соли 1977 пайдо шудааст, ки бо мазмуни *зеркашии файлҳои интернет барои дар режими оффлайн истифода кардани он* мебошад. Истилоҳи ***load*** бошад, аввалин маротиба асри 12 дар забони прото-германӣ дар шакли ***lode, lade, leið*** бо мазмуни *роҳ, курс* истифода мешуд. Мавриди таҳлили истилоҳи мазкур метавон қайд намуд, ки синоними мутлақ дар ин ҳолат бо омили экстралингвистӣ ба вуҷуд омадааст, ба таври ихтисоршавӣ, гарчанде ки истилоҳи ***load*** иқтибос шуда бошад ҳам, шакли кӯтоҳи истилоҳи ***download*** – ро ифода менамояд.

Синонимҳои нопурра аз рӯи мазмуну мундарича аз *синонимҳои мутлақ* ба куллӣ фарқ мекунанд. *Синонимҳои нопурра ё нисби* бештар аз ҷиҳати услуб мувофиқат намекунанд, аз ин лиҳоз, онҳо синоними мукаммал шуда наметавонанд, дар натича, ба зергурӯҳҳо тақсим мешаванд:

а) синонимҳои маъноиро бо мазмуни дигар консептуалӣ, идеографӣ низ меноманд. Синонимҳои мазкур хурдтарин воҳидҳои нутқ ва тамоми

нозукиҳои онро дар бар гирифта, фонди луғавиро бойтар, амиқтар намуда, падидаҳои воқеиятро муфассал тасвир менамоянд [265, 166]. Чунин синонимҳо дар истилоҳоти интернетӣ низ ба назар мерасанд, ба монанди***:*** ***admin*** *< admin users, game developers – admin;* ***avatar*** *< user pic, user image, profile picture – аватар;* ***database*** *< information base, base, data storage, persistence – махзани маълумот;* ***web based media*** *< Internet publication, online media, news bandwidth, news website, web paper – нашриёти интернет;* ***clipboard*** *< scrap, exchange buffer, communication buffer, io buffer – сипари мухобиротӣ;* ***hyperlink*** *< clickable link, reference link, link target, nofollow – истиноди гиперӣ, истиноди интернетӣ;* ***demo*** *< screencast – демо;* ***icon*** *< image, emoticon, tile, thumbnail – тасвир, икон;* ***index*** *< inverted list, zip.*

Синонимҳои маъноиро бо номи дигар чун синоними дистрибютерӣ мегӯянд, зеро ҳар як мазмуни ифодагардидаи онҳо озод нестанд ва дар матн бо воҳидҳои фразеологӣ вомехӯранд, вале дар истилоҳот бошад, бо тобишҳои метафорӣ ва маҷозӣ ба чашм мерасанд. Аз мисолҳои овардашуда истилоҳи ***avatar*** бо якчанд синоними маъноӣ, чун ***image-тасвир, profile picture-тасвири профил, picture-тасвир*** таҷассум ёфтааст, ки мазмунан бо ҳам хеле наздик мебошанд. Ҳама истилоҳоти номбаршуда мазмуни суратеро, ки корбари интернет дар саҳифаи шабакаи иҷтимоии худ истифода мебарад, дар назар дорад.

Истилоҳи дигар ин ***database-махази иттилоот*** мебошад, ки синонимҳои маъноиаш дар шакли ***information base-маълумоти асосӣ, base-асос, data storage-нигоҳдории маълумот, persistence-суботкорӣ*** омадааст. Агар ҳар як истилоҳро дар алоҳидагӣ мазмунан таҳлил намоем, ***base*** дар забони тоҷикӣ чун *зерсутун, пойсутун* аст, вале дар истилоҳоти интернетӣ, чун шакли ихтисоргардидаи ***database*** васеъ истифода мешавад. Истилоҳи ***data storage*** низ калимаи ***storage*** махзан мебошад ва ба пуррагӣ ибора чун махзани иттилоот ба забони тоҷикӣ тарҷума гардидааст. Истилоҳи аз рӯи шаклу мазмун гуногун чун ***persistence*** дар фарҳанги электронии Мултитран

дар қисмати истилоҳоти интернетӣ чун *нигоҳдории дарозмуддат* омадааст, ки ин мазмун ҳам аз махзани маълумоти дар боло қайдшуда дарак медиҳад [276]. Аз таҳлилҳо аён гашт, ки тамоми ин истилоҳот ба синоними маъноӣ комилан мувофиқат мекунанд;

б) синонимҳои услубӣ – экспрессивӣ аз доминантҳое, ки чун муродиф оварда мешаванд, бо ҷузъиёти маъноии услубӣ, эҳсосӣ, эмотсионалӣ фарқ мекунанд. Синонимҳои мазкурро дар забоншиносӣ бо номи дигар *синонимҳои омехта* низ васеъ истифода мебаранд. *Синонимҳои услубӣ* ба силсилаи синонимҳо дохил шуда, гуногунтаркиб мебошанд ва аз рӯи хусусиятҳои зерин аз дигар синонимҳо фарқ мекунанд: бо дараҷаи муосир буданаш (яке аз истилоҳот муосир аст ва дигаре калимаи куҳна); аз ҷиҳати соҳаи истифодабарӣ (як истилоҳ миллӣ аст, вале дигаре минтақавӣ ё жаргон); бо дараҷаи мураккабӣ (баъзан истилоҳот дар шакли силсилаи фразеологии синонимҳо истифода мегарданд) [206, 212-214].

Дар истилоҳоти интернетӣ *синонимҳои услубӣ-экспрессивӣ* дар сленгҳо ва истилоҳоти ихтисоргардида бештар дида мешавад. Ба монанди : ***geek*** *< nerd – истилоҳи маъмуле, ки барои тавсифи шахсе истифода мешавад, ки дар бораи компютер ва ё интернет бисёр чизҳоро медонад;* ***blogger*** *< podcasting, vlog, microblog – подкастинг ба корбарони ҳамарӯза имкон медиҳад, ки файлҳои аудиоиро дар интернет барои дилхоҳ бозикунии дар компютерҳо ё плерҳои мусиқии рақамӣ паҳн кунанд;* ***boobiecons*** *< emoticons, assicons, smiley – смайликҳои хандаовар, ки дар чатҳои интернетӣ истифода мегарданд;* ***browse box*** *< drop-down menu, menu – номи дигари меню;* ***buddies*** *< instant messaging, texting, online chat, email, blogs, newsgroups, social networking – муоширати интернетӣ тариқи чатҳо сурат мегирад;* ***cyberterrorism*** *< cyberwar, netwar – ҷанги киберӣ,* ***e-journal*** *< e-zine, e-publishing – нашриёти интернетӣ;* ***fake news*** *< buzzword, fake, deepfake, fake fan, finsta, flog – хабари қалбакӣ, сохта, бардурғ;* ***ghost site*** *< Web site, content, guru site, orphan annie, zombie, cobweb site - номи вебсайте, ки дигар*

нигоҳ дошта намешавад, аммо онлайн боқӣ мемонад ва барои дидан дастрас аст; ***Internet hunting*** *< cybershooting – Як вақтхушии онлайн ин дар Чин маъмул, ки дар он ҷиноятқорони воқеии гумонбаршуда аз ҷониби издиҳоми шабакаҳои беном айбдор карда мешаванд, муҳокима карда мешаванд ва маҳкум карда мешаванд, ки баъзеи онҳо баъдан кӯшиш мекунанд, то дар ҷаҳони воқеӣ ҷазои ҷисмонӣ диҳанд;* ***meme*** *< Internet phenomena, popular themes, catchphrases, viral videos, amateur celebrities – тасвирҳо, видеоҳо, истинодҳо ва мундариҷаи дигаре, ки тавассути интернет зуд аз як шахс ба шахси дигар паҳн мешаванд;* ***Мемҳо*** *метавонанд ба ақида, консепсия, ибора ё ягон воҳиди дигари иттилоот, ки вирусӣ мешаванд, ишора кунанд.*

Синонимҳои услубӣ-экспресивии дарболоовардашуда бештар дар сленги интернетӣ дида мешаванд. Агар ба рӯихати синонимҳои услубӣ назар кунем мебинем, ки ин истилоҳоти минтақавӣ ва жаргонҳо мебошанд. Хусусияти дигари ин падида калимаҳои куҳна буда, дар мисоли истилоҳи ***fake news – хабари қалбаки*** калимаи ***buzzword - вожа*** истифода гардидааст, ки соли 1946 донишҷӯёни Донишгоҳи Ҳарвард ин калимаро чун калимаи калидӣ ҳангоми хониши лексияҳо дар назар доштанд, вале дар истилоҳоти интернетӣ чун хабари бардурӯғ истифода мешаванд. Дар синонимҳои овардашуда мо метавонем дигар калимаҳои одиро бинем, ки аз пайдоиши этимологиашон калимаҳои куҳна буда, дар гузашта бо дигар мазмун истифода мешуд, вале ҳозир чун истилоҳи интернетӣ мазмуни навро ба худ гирифтааст. Истилоҳи ***ghost site – сомонаи ноаён (арвоҳсайт)*** дар раванди муоширати интернетӣ хеле зиёд ба чашм расида, яке аз синонимҳои услубиаш ***orphan annie – Эннии ятим*** мебошад. Ин истилоҳи мазкур номи вебсайте мебошад, ки айни ҳол дар интернет манъ гардидааст, вале тариқи онлайн онро метавон истифода бурд. Мазмунан ин истилоҳ ба рӯйхати ҳамон сайтҳое, ки ***ghost site*** ишора менамояд, ворид гаштааст, аз ин лиҳоз, ҳамчун синоними услубӣ дар ин ҷо истифода гардид. Ин истилоҳ таърихи худро дошта, аслан, соли 1924 пайдо шуда, хусусияти асосии Энни - комикс ва

намоиши Бродвей дар бораи духтари ятим ишора мекунад [288]. Маълум мегардад, ки истилоҳоти интернетии мазкур яке аз синонимҳояш куҳна буда ҳоло бо мазмуни нав истифода мегардад.

в) *синонимҳои маъной-услубӣ* калимаҳоеро дар бар мегиранд, ки ҳамон як падидаи воқеияти объективиро ифода мекунанд ва на танҳо бо обуранги услубӣ, балки бо тобишҳои маъноӣ ҳар яки онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бояд қайд намуд, ки *синонимҳои маъной-услубӣ* аз синонимҳои *услубӣ-экспрессивӣ* фарқ мекунанд. Дар бештари маврид ҳар ду намуди синонимҳо якхел ба назар мерасанд, вале ин тавр нест. *Синонимҳои услубӣ-экспрессивӣ* бо хусусияти ифодашавиашон бештар дар жаргонҳо истифода мегардад. *Синонимҳои маъной-услуби*ро бошад дар дигар услубҳо метавон истифода намуд [255].

Истилоҳоти интернетӣ низ баъзе синонимҳоро доро мебошад, ки дар ҳар як соҳа хусусияти ифодаёбии услубиаш аз ҳам фарқ мекунад. Ба монанди:

backlink *(ИТ.) <(комп.) back reference, (барнома) backlink, (телеком) back reference, (тех) backward reference – истиноди беруна;*

pop-up *(ИТ) <(комп.) display – дар монитори компютер дурахшидан;*

anchor *(ИТ) < (барнома) linked text, (комп.) reference text – матни истинод;* ***upsale*** *(ИТ) < (маркет) sales boosting, (бонк) sales performance improvement, (комп.) pyramid – афзоиши фурӯш;*

cloud computing *(ИТ) <(тех. иттилоот) transition to the cloud, (ахбор. ИТ) cloud technology, (барнома) mobile-first, (неологизм) cloud-based – ҳисоббарори абрмонанд;*

Ҳамин тариқ, аз синомҳои овардашуда равшан гардид, ки истилоҳоти интернетӣ низ бо услуб ва маъно шаклан дигар мешаванд, ҳарчанд як мазмунро ифода намоянд. Истилоҳи ***backlink - бозгашт*** дар истилоҳоти интернетӣ бештар истифода мегардад, вале дар истилоҳоти компютерӣ чун ***back reference – истинод (ссылка)-и баргашт,*** дар истилоҳоти барномасозӣ

ва технологияи иттилоотӣ дар умум чун ***backward reference - истинод (ссылка)-и баргашт*** маъмул мебошад. Дигар истилоҳоти интернетӣ мисли ***cloud computing -роёниши (вычисления) абрӣ*** дар дигар самтҳои истилоҳоти компютерӣ бо дигар шаклҳо вомехӯранд, ба монанди ***transition to the cloud – гузариш ба абр-ро*** дар мақолаҳо ва ахбори интернет метавон вохӯрд. Пас аз ин мисолҳо қайд намудан ҷоиз мебошад, ки истилоҳоти интеретӣ дар доираи худи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ шаклан аз ҷиҳати услуб фарқ мекунанд, вале аз рӯи мазмун чун қоидаи синонимҳо як маъноро ифода менамояд.

3.3. Омонимия дар истилоҳоти интернетӣ

Мафҳуми анъанавии омонимия дар бисёр матнҳои илмӣ ва махсусан дар истилоҳшиносӣ, семантикаи мантиқӣ ва семиотика мавқеи хоссаро доро мебошад. Омонимия дар забоншиносӣ мувофиқати графикӣ ва фонетикии калимаҳоро аз рӯи аломатҳо ва таркибу рамзҳояшон дар назар дошта, онҳоро бо мазмуни гуногун ифода менамояд. Омонимияро бештар як қисмати охири сермаъноӣ мегӯянд, вале воҳидҳои луғавие, ки дар сермаъноӣ дида мешаванд байни худ мазмунан алоқамандӣ доранд, дар омонимия бошад, воҳидҳои луғавӣ ба якдигар мазмунан ягон вобастагӣ надоранд ва ҳар як мазмун дар алоҳидагӣ тобиши маъноии худро зоҳир менамояд [33, 8].

Ақидаҳое вуҷуд доранд, ки омонимия бо сабабҳои тасодуфӣ вобаста ба табиати калимасозии забон ба вуҷуд меояд. Байни системаҳои истилоҳӣ ва забони умумӣ «табодули пайвастаи воҳидҳои луғавӣ» вуҷуд дорад. Калимаҳои забони адабии умумӣ баъзе хусусиятҳояшонро аз даст дода ба истилоҳот табдил меёбанд ё ин ки баръакс, истилоҳот воҳидҳои як забони умумӣ мешаванд. Равандҳои терминологизатсия ва детерминологизатсия манбаи ташаккули омонимҳо дар системаҳои гуногуни истилоҳот мебошанд. Омонимияи истилоҳӣ бо як падидаи махсус аз воҳидҳои луғавии умумӣ фарқ мекунад. Дар забони илм омонимия хеле зиёд ба назар расида, дар натиҷаи

тағйироти маъноии истилоҳот, инчунин, ташаккули бе ҳадду канори сермаъноӣ омонимияро пай бурдан мумкин аст [176, 88].

Дар омонимияи истилоҳот ва омонимияи воҳидҳои луғавии умумӣ фарқияти назаррасе дидан мумкин аст. Дар омонимияи воҳидҳои луғавии умумӣ калима метавонад дар тамоми самту соҳаҳо мазмуни худро дошта бошад. Яъне, як калима метавонад ҳам ба ягон маводи хӯрокворӣ ишора кунад, ё дар соҳаи илм ё варзиш бо ягон мафҳумро истифода кунад. Омонимияи истилоҳот бошад, як сарҳади муайян дорад ва танҳо байни истилоҳоти соҳавӣ истифода мегардад. Омонимии истилоҳи интернетӣ метавонад дар соҳаи маркетин дигар маъноро ифода намояд. Метавон зикр намуд, ки омонимияи истилоҳот аз ҷиҳати мазмун гуногуну мухталифанд, вале аз рӯи самту соҳа хеле наздик, зеро танҳо дар доираи дигар истилоҳоти соҳавӣ таҷассум меёбанд [182, 69].

Барои фарқияти омонимия якчанд сабабу падидаро метавон асоснок кард: а) дар истилоҳшиносӣ омонимияи танҳо як самт бештар ба назар мерасад, ки дар натиҷаи тағйироти маъноӣ ва инъикос гардидани сермаъноии истилоҳ ба вуҷуд омадааст; б) падидаи дигари омонимияи истилоҳот аз дигар системаҳои истилоҳот ворид гаштани истилоҳ ё ин ки аз воҳидҳои луғавии умумӣ ба истилоҳот табдил ёфтани он мебошад [65, 9-53-72].

Л. А. Булаховский омонимияро як «*бемории забон*» меномад. Л.А. Новиков чунин мешуморад, ки воҳидҳои луғавие, ки аз ҷиҳати шакл шабеҳанд ва ба маъно алоқаманд нестанд, номунтазам ва истисно мегарданд. А. А. Реформатский бошад, бар он андеша аст, ки омонимҳо мушкилоте дар фарқияти маъноии воҳидҳои луғавӣ мебошанд [176, 94].

В.В. Виноградов, Д.Е. Розентал, М.И. Фомина дар якҷоягӣ ва дигар муҳаққиқон омонимияро ҳамчун як тасодуфи грамматикӣ ва фонологии воҳидҳои забоншиносӣ меҳисобанд, ки аз ҷиҳати маъно ба якдигар умуман алоқаманд нестанд. Инчунин, олимони мазкур тазаккур медиҳанд, ки байни омилҳо ва падидаҳое, ки аз рӯи он омонимҳо муқоиса мешаванд, алоқамандӣ

дида намешавад, аз ин лиҳоз қисмати маъноии он низ мухталиф мебошад [33, 14].

Дар истилоҳоти интернетӣ омонимия мисли дигар системаҳои истилоҳот бо роҳҳои гуногун ба вуҷуд меояд. Мисол, истилоҳи ***forum*** дар *интернет* мазмуни *телеконференсия*, дар умум воситае, ки аз ҷониби як хидмати онлайн ё BBS барои корбарон ҷиҳати интишори паёмҳо ва посух додан ба онҳоро мушаххас ифода менамояд. Истилоҳи мазкур дар *соҳаи меъморӣ* чун истилоҳ маънои хиёбони кушод дар маркази шаҳрро дорад, ки ҳамчун бозор ё ҷои ҷамъомадҳои мардумӣ хизмат мекунад. Дар соҳаи *иқтисодиёт* бошад, ***forum*** бо маънои *ҷамъоварии фоида* инъикос гардидааст. Дар соҳаи *ҳуқуқшиносӣ* бошад, бо мафҳуми макони мурофиаи судӣ истифода мешавад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки омонимия дар истилоҳоти интернетӣ танҳо дар як соҳаи технологияи иттилоотӣ не, балки бо муқоиса бо дигар соҳаҳо метавонад ба вуҷуд ояд. Яъне, дар худи истилоҳоти интернетӣ як истилоҳ наметавонад, ки маъноҳои гуногунро ифода намояд. Омили омонимия гардидани истилоҳи ***forum*** ин аз воҳиди луғавии умумӣ ба истилоҳ табдил ёфтани он мебошад, зеро истилоҳи ***forum*** дар Рими қадим дар миёнаи асри XV чун *майдони бозор* истифода мегардид [282].

Истилоҳоти интернетии дигаре, ки дар шакли омонимия онҳоро метавон дар дигар сохтор ва соҳаҳо вохӯрд:

layout

ТИ	*тарҳрезии барнома, тақсимоти барнома (ба модулҳо), формат, кашидани барнома*
Комп.	*тарҳбандии саҳифа*
Қимор	*майдони бозӣ дар казино*
Авто.	*нақшаи роҳ*
Матем.	*таснифот, ҷадвал*

upload

ТИ	*боргузорӣ (ба интернет аз компютер ё дастгоҳи медиавӣ)*

Комп.	*барои интиқоли нусхаи файл аз компютери маҳаллӣ ба компютери дурдаст тавассути модем ё шабака*
Авиатсия	*бори ба қисмати боло равонагардида*
Ҳарбӣ	*зиёд кардани миқдори зарядҳои ҳарбии ракетаҳо*

gopher

ТИ	*технологияи интиқоли маълумот дар GSM-шабакаҳои алоқаи мобилӣ, ки суръати баланди интиқоли иттилоотро таъмин мекунад*
Чӯбтарошӣ	*чокири коргар*
Сленги воҳ. луғ. умумӣ	*дузд, ғоратгар*
Биол.	*гофери биёбонӣ*

cache

ТИ	*кэш; хотираи буферии баландсуръат, пуриқтидор, хотираи ёрирасон*
Ҳарбӣ	*ҷойгиркунии пинҳонии саҳмияҳо ҳангоми рафтан, арсенали махфӣ*

traffic

ТИ	*ҷараёни мубодилаи иттилоот*
Авиатсия	*парвоз, ҳаракати ҳавоӣ*
Тиҷорат	*ҳаҷми борҳои интиқолёфта*
Ҳуқуқ	*раванди интиқол*

hosting

ТИ	*иҷрои вазифаҳои роҳбар, хостинг, хадамоти интишори маълумот дар серверҳои веб*
Дин	*меҳмоннавозӣ кардан*
Ҳуқуқ	*иҷораи сервер; (архаизм) – паноҳгоҳ*

Тамоми истилоҳоти дарболоовардашуда ба омонимияи истилоҳоти интеретӣ дохил мешаванд, вале ҳамаи онҳо маъноҳои дуюм ва сеюмашон дар дигар соҳаҳо таҷассум мегарданд, на дар соҳаи интернет. Танҳо якчанд истилоҳро метавон ҳам дар муошираги интернетӣ ва ҳам дар истилоҳоти

компютерӣ вохӯрд, ба монанди **layout-тархрезӣ, upload-боркунӣ,** ки ҳамаи инҳо ба ҳам алоқамандӣ доранд. Тавре аз рӯи қоидаи омонимия равшан гардид, истилоҳот бояд мазмунан аз ҳамдигар фарқ кунанд, ҳарчанд шаклан якхелаанд. Аксарияти омонимҳои таҳлилгардида дар дигар соҳаҳо бо мазмунҳои гуногун ифода гаштаанд, ки бо омилҳои мазмунӣ рост меоянд. Омилҳои омонимшавӣ ин иқтибос, аз воҳиди луғавӣ ба истилоҳ табдил ёфтан ва аз калимаҳои куҳна чун архаизм ба мисли ***hosting*** мазмуни нав гирифтан мебошад. Дар баробари истилоҳоте, ки дар онҳо хусусиятҳои сермаъноӣ, синонимӣ ва омонимӣ дида мешавад, истилоҳоте низ вуҷуд дорад, ки танҳо хоси интернет буда, ғайр аз як маънои амиқ дигар мафҳумҳоро ифода карда наметавонанд, ба монанди *Skype-скайп, online-онлайн, offline-офлайн, chatroom-ҳуҷраи сӯҳбат, domain name-номи домен, leetspeak-литспик, meme-мим, webcam-вебкамера* ва ғайра. Дар истилоҳоти номбаршуда сермаъноӣ, синоним ва омоним дида намешавад. Пас, маълум мегардад, ки он истилоҳоте, ки ба омонимия рӯ ба рӯ мешавад, дар асл истилоҳи интернетӣ нест, балки бо роҳу усули метономӣ ва метафорӣ ё, дар умум, бо роҳи тағйири семантикӣ аз дигар соҳаҳо ба соҳаи забоншиносии компютерӣ ворид гардида, дар муоширати интернетӣ васеъ истифода гардида, дар натиҷа ҳамчун истилоҳи интернетӣ маъмул гаштааст.

Дар истилоҳоти интернетӣ, аслан, омонимия дида намешавад, вале ба таври истисно он истилоҳоте, ки таҳлил гаштаанд, бо омилҳои гуногун хусусияти омонимӣ пайдо месозанд.

3.4. Хусусиятҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ

Ошкор кардан ва муайян кардани маъноҳои муқобил дар забоншиносӣ ва ҳама гуна соҳаҳои фаъолияти инсонӣ бо антонимҳо алоқамандӣ дорад. Антонимҳо худ воҳидҳои луғавии як ҳиссаи нутқ ба шумор рафта, бо мафҳумҳои ба ҳамдигар муқобил таҷассум меёбанд. Яке аз забоншиносон А. А. Реформатский пайдоиши антонимҳоро чунин мешуморад, ки «хусусияти пайдоиши антонимҳо номинативӣ не, балки семасиологӣ мебошад. Барои

пайдоиши антоним хусусияти маъноии калима зарур буда, дараҷаи муқобилмаъноиаш бештар дар назар гирифта мешавад» [176, 101].

Ҳар як воҳиди луғавӣ дар забон аз рӯи хусусияти маъноиаш ба *консепсия (мафҳум)-и умумӣ* ё ба *консепсияи намудӣ* дохил мешавад. Барои мисол, агар истилоҳоти компютериро мавриди таҳлил қарор диҳем, истилоҳи ***hardware – сахтафзор*** ин ба консепсияи умумӣ дохил мешавад, вале ба консепсияи намудии ***hardware*** истилоҳоти ***computer – компютер, processor – протсессор, keyboard – клавиатура, mouse – мушак*** ва дигар ҷузъиёти сахтафзор дохил мешаванд. Ба ақидаи Д.Н. Шмелев, асоси мантиқии пайдоиши антонимҳоро дар забон *мафҳумҳои намудӣ* ташкил медиҳанд, ки аз ҷиҳати хусусияти маъноӣ ба ягон мафҳуми умумӣ дохил гардидаанд [216, 202]. Аз ақидаҳои олимон равшан мегардад, ки антонимҳо бештар дар мафҳуми намудӣ инъикос гардида, мазмуни номувофиқатӣ ва муқобилро дар истилоҳот ифода менамоянд.

А. А. Брагина дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки «антонимҳо дар асоси тавсифи фалсафӣ, забоншиносӣ ва мантиқӣ ба вуҷуд омадаанд. Синоним антонимияро ба миён меорад, ҳар ду зуҳурот бо ҳам алоқаманданд. Силсилаи синонимӣ дар ҳар як мазмуни ифодагардидааш метавон маънои муқобилро пйдо кард, зеро ҳар як мазмуни инъикосгардидаи ба ҳам аз рӯи маъно алоқаманд, боз дар навбати худ маъноҳои муқобилро доро мебошанд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки антонимия мисли синонимия дар раванди тағйироти маъноӣ дар забон ба вуҷуд меояд» [27, 83].

Антонимияи истилоҳӣ дар раванди таҳқиқ хеле зиёд ба чашм мерасад. Ба гуфтаҳои муҳаққиқон, антонимҳо дар соҳаи илму техника, махсусан дар истилоҳот, бештар ба назар мерасанд. Ҳар як мафҳуме, ки дар истилоҳшиносӣ ба вуҷуд меояд, ҷуфти антонимӣ дар он дида мешавад. Дар раванди ташаккули технологияи иттилоотӣ истилоҳоти интернетӣ хеле бо суръати баланд рушду равнақ ёфта истодааст. Метавон тазаккур дод, ки ҳар як падида ва ҳар як истилоҳи интернетӣ ба худ мазмуни муқобилро доро

мебошад. Ҳар як вазифа ва раванде, ки истилоҳоти интернетӣ онро ифода менамояд, дар навбати худ, мафҳум ва функсияи баръакс дорад. Вақте зарурати пайдоиши як мафҳум дар истилоҳшиносӣ ба миён меояд, пас аз он мафҳуми антонимӣ низ пайдо мешавад [121, 122-126].

Муносибатҳои антонимии истилоҳотро муҳаққиқони зиёд баррасӣ кардаанд. В. М. Лейчик хусусияти антонимиро дар ҳар як соҳаи илму дониш бо дараҷаи номувофиқатии маъно қайд менамояд [134, 35]. А.К. Сулейманова мухолифати мафҳумҳоро дар истилоҳот ибтидои созмондиҳандаи системаи истилоҳоти пайдошуда мешуморад [185, 121]. В.Н. Прохорова таъкид мекунад, ки мухолифат ва муқобилияти муносибатҳои маъноӣ дар ҷуфти антонимии истилоҳот мисли воҳидҳои луғавии адабӣ якхелаанд, вале фарқият байни онҳо дар маҷмуи морфемаҳо ва элементҳои истилоҳ дида мешавад [174, 31].

Аз ақидаҳои олимон бармеояд, ки хусусияти антонимии истилоҳот нисбат ба воҳидҳои луғавии адабӣ бештар равнақ ёфтааст. Ҳар як истилоҳ ба худ иҷроиши амали баръаксро дорад. Истилоҳи одии ***virus*** ки ба интернет марбут мебошад, дар қатори худ мазмуни муқобил бо префикси ***anti-***, яъне ***antivirus-***ро дорад. Монанди ин истилоҳ аксарияти истилоҳоти интернетӣ бо антоними худ ба назар мерасанд. Дар раванди таҳқиқот равшан мегардад, ки антонимҳо дар истилоҳшиносӣ, умуман, бо ду ҷанба ташаккул ёфтаанд: бо роҳи *луғавӣ-маъноӣ* ва бо роҳи *калимасозӣ*, ки бештар ба сохтори онҳо такя мекунанд [168, 34].

Мавриди таҳлили истилоҳоти интернетӣ антонимҳоро метавон ба чунин гурӯҳҳо тасниф дод:

Ҷадвали 6.



Антонимҳои дохиликалимавии истилоҳоти интернетӣ ба гурӯҳи антонимҳои луғавӣ-маъноӣ дохил шуда, чунин ҷуфтҳои муқобилмаъное мебошанд, ки дар раванди ташаккули маънои истилоҳ ба миён меоянд ва бо номи энантиосемия маъмуланд. Мафҳуми энантиосемия[7] бештар ду маънои муқобили як истилоҳро ифода менамояд. Ба монанди: ***back end*** *– қисми барномае, ки вазифаҳои тарҳрезиро иҷро мекунад;* ***front end***, ***database front end*** *- қисми барномае, ки бевосита бо корбар ҳамкорӣ мекунад;* ***online*** *- мустақим,* ***offline, disconnected*** *– ғайримустақим;* ***archive*** *– бойгонӣ маҷмуи маълумотест, ки барои захира кардан, барои нигоҳ доштани алоҳида бо сабабҳои мувофиқат ё интиқоли васоити нигаҳдории ибтидоӣ ба анбор интиқол дода шудааст,* ***discard, remove, cancel, efface*** *– баръакс аз бойгонӣ баровардан, чизи пинҳонӣ ва захирашударо рӯ овардан;* ***broadcast*** *– интиқоли*

[7] Энантиосемия (аз юнонии enantions) – антонимияи дохили калима, мухолифати маъноҳои дохили калима ва ё бо ҳам омадани маъноҳои бо ҳам зид дар як ибора.

барнома ё иттилоот тавассути интернет, радио ё телевизион, ***narrowcast, play down –*** *аз рӯи анъана истилоҳоти мазкур пахши барномаҳоро ба аудиторияи танг ифода менамояд на ба доираи васеи аҳолӣ;* ***Internet security*** *– амнияти интернет,* ***vulnerability****-осебпазирӣ,* ***security hole****-бехатарӣ,* ***software security vulnerability-*** *осебпазирии интернет****, unauthorized access*** *–, дастрасии беиҷозат ба интернет;* ***cyberspace*** *– киберфазо,* ***meatspace, real life*** *– фазои реалӣ;* ***web-based*** *– шабакаи мустақими интернет,* ***disconnected, paper-based, offline*** *– шабакаи кандашуда, ғайримустақим;* ***dark net*** *– шабакаи анонимӣ,* ***Clearnet, Indexable Web, Indexed Web, Surface Web, Visible Web*** *– шабакаҳои ошкоро;* ***decode*** *– рамзкушоӣ,* ***encode, compute –*** *рамзгузорӣ;*

Аз мисолҳои овардашуда *антонимҳои дохиликалимавӣ* ҷуфти антонимии худро бо ду ва зиёда маъноҳои муқобил ифода кардаанд. Истилоҳи ***darknet*** маънои шабакаи компютерӣ ё хадамоти интернетӣ мебошад, ки ба корбарон имкон медиҳад, то файлҳо ва иттилоотро тавассути интернет бидуни тарс аз назорат ва сабти ном ирсол ва қабул кунанд. Хидматрасонӣ ба одамон имкон медиҳад, ки дар ***"darknet"*** суроғаи пайгиришавандаро истифода баранд, ки онҳоро шахсан шинохтан мумкин нест. ***Darknet*** ин аслан шабакаи пинҳонӣ ва манъгардида мебошад. Муқобили ин истилоҳи интернетӣ ***Clearnet, Indexable Web, Indexed Web, Surface Web, Visible Web*** оварда шудаанд. ***Clearnet*** ё ***Surface Web*** истилоҳе мебошад, ки маъмулан ба интернети дастраси омма ишора мекунанд. ***Clearnet*** -ро метавон ҳамчун мазмуни баръакси истилоҳи ***"darknet"*** донист. Истилоҳоти мазкур маъмулан хидматҳои дар шабакаҳои анонимӣ сохташуда ё тавсифшударо ошкор месозанд [290].

Антонимҳои байникалимавӣ ё фосилавӣ истилоҳоти гуногунеро дар бар мегиранд, ки аз рӯи маъно ба ҳам мухолифанд ва ба се зургурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) антонимҳои контрарӣ мухолифатҳои маъноиро дар як моҳияти гузариши маъно бо дараҷаҳояш ифода менамояд, мисли ***byte*** *– (megabyte) –* ***gigabyte, minicomputer*** *– (notebook, laptop)* **-** ***macbook*** *(mac computer),* ***download*** *– зеркашӣ,* ***upload*** *– боргузорӣ;*

б) антонимҳои комплементарӣ мисли антонимҳои контрарӣ ҷузъи мобайнӣ надоранд ва зина ба зина муқобилмаъно намешаванд. Яъне, чунин антонимҳо мухолифати қатъӣ доранд: **start** – оғоз кардан, **exit** – анҷом додан; **inbox** – воридот, **outbox** – содирот; **install** – насб кардан, **uninstall** – насб накардан;

в) *антонимҳо*е, ки самти муқобили *амал*ҳо, *хусусият*ҳо ва *аломат*ҳоро ифода мекунанд: ***official site*** *– шабакаи расмӣ,* ***unofficial site*** *– шабакаи ғайрирасмӣ;* ***anonymous*** *– беном, номуайян,* ***identified*** *– муайянкардашуда;* ***internal link*** *– пайванди дохилӣ,* ***external link*** *– пайванди беруна.*

Аз антонимҳои зикргардида *антонимҳои контрарии* ***byte*** як воҳиди хурдтарини ҷойкунии маълумот буда, зина ба зина ***megabyte*** мешавад, ки бо дараҷа ва ҳаҷм аз ***byte*** калонтар аст ва ниҳоят истилоҳи муқобилмаъно бо ҳаҷми калонтари ин ***gigabyte*** мебошад. Яъне, аз ин истилоҳ маълум гардид, ки антонимҳои контрарӣ, ҳатман, дар байнашон як ҷузъи мобайнӣ доранд, ки бо кумаки ин ҷузъ истилоҳ мазмуни дараҷаи баланди мухолифатро пайдо месозад.

Антонимҳои комплементарӣ бошад, баръакс бе ягон восита ва бе ҷузъи мобайнӣ маънои муқобили худро доранд. Мисол, истилоҳи ***start – оғоз карданро*** дар тамоми ҳолат метавон истифода намуд. Истилоҳи мазкур на танҳо дар интернет, балки истилоҳи компютерӣ низ ба шумор меравад, зеро барои оғоз намудани барномаҳои компютерӣ, бозиҳои интернетӣ, инчунин, ***оғоз кардан*** ва ***хомӯш кардан***и худи компютер васеъ истифода мегардад, ки мазмунан ба антонимҳои комплементарӣ дохил мешавад.

Сеюм намуди антонимҳо аз рӯи маъно омехта мебошанд, зеро дар онҳо хусусияти аломат, амал ва истифодабарии худи интернет таҷассум меёбад. Мисол, истилоҳи мураккаби ***official site*** тамоми шабакаҳои расмии интернетиро дар бар мегирад, ки ба онҳо аз ҷумла чунин шабакаҳо дохил мешаванд: www.apple.com www.youtube.com, www.google.com, www.microsoft.com. Шабакаҳои ғайрирасмӣ бошанд, ба монанди *fusion, tip top servise, University of Advancing Technology*. Ин танҳо оид ба шабакаҳои ***расмӣ*** ва ***ғайрирасмии*** интернетӣ буд. Истилоҳҳое низ ҳастанд, ки дар бораи алоқаи интернетӣ дар шакли антоним истифода мегарданд, чун ***internal link – external link***. Антонимҳои мазкур тамоми самту фаъолияти интернетро бо истилоҳоти муқобилмаъно ифода менамоянд.

Антонимҳои матнӣ бошад, мухолифат ва муқобилияти маъноро танҳо дар матн нишон медиҳад: ***hacker*** *– рахнагар*, ***noob*** *- навомӯз*;

The Biden administration is under pressure to rein in attacks by ransomware, a criminal ***hacker*** *tactic that locks up a victim's computer, demanding money in exchange for a promise to fix it and not to leak sensitive files. [NBCNews, 19 July 2021]. - Маъмурияти Байден зери фишори раҳои ёфтан аз ҳамлаҳои тамаъҷӯёнаи нармафзор қарор дорад, ки ҷинояткори рахнакор компютери зарардидаро маснуд карда, барои ваъдаи ислоҳи он ва фош накардани файлҳои махфӣ пул талаб мекунад.*

Аз ҷумлаҳои мазкур равшан мегардад, ки антонимҳои матнӣ танҳо аз рӯи маъно ва такя бар мазмун ва мундариҷаи матн ифодаи мухолифатии худро муайян месозанд. Масалан, истилоҳи ***hacker*** дар матн шахсеро дар назар дорад, ки тамоми роҳу усули истифодабарии интернетро бо дараҷаи олӣ медонад. Вале ба ҳамагон маълум аст, ки дар муқобили ин мазмун дар шабакаҳои иҷтимоии интернет истилоҳи ***noob ё noobie*** истифода мегардад, ки маънои *шахси навкор ё ин ки шахсеро ифода менамояд, ки тамоман оид ба компютер ва интернет маълумоти кофӣ надорад ва ё онро истифода карда наметавонад*.

Чунон чи дар боло тасниф шудааст, антонимҳои истилоҳоти интернетӣ низ метавонанд сохторан *якреша*, *гуногунреша* ва *дериватив*ӣ бошанд.

Антонимҳои якреша бештар аз як асос таркиб ёфта, танҳо бо префикс ё суффиксҳои инкорӣ мазмуни муқобилро ба худ мегиранд. Яъне, ин намуди антонимҳо бо аффиксҳои антонимӣ сохта шуда, решаҳо тағйирнаёбанда боқӣ мемонанд, мисли *lock – қулф кардан*, ***un****lock – кушодан*, *plug – васл кардан*, ***un****plug – ҷудо кардан*, *subscribe – обуна шудан*, ***un****subscribe – обунаро қатъ кардан*, *zip – махкам кардан*, ***un****zip* **–** *кушодан* , *link – пайванд*, ***un****link* **-** *ҷудо*, *log in – даромадан*, *log* ***out*** **—** *баромадан*, *connect – пайваст шудан*, ***dis****connect – ҷудо шудан*, *information – иттилоот*, ***mis****information – иттилооти бардуруғ*.

Антонимҳои гуногунреша бе илова гардидани аффиксҳо решаҳояшон тағйир ёфта маънои муқобилро зоҳир менамоянд: ***save*** *маҳфуз кардан* ***-delete*** *нест кардан*, ***local*** *маҳаллӣ* **–** ***global*** *ҷаҳонӣ*, ***internet access*** **–** *дастрасӣ ба интернет* **–** ***wired network*** *шабакаи симдор (бе алоқаи интернетӣ)*.

Аз мисолҳои дар боло зикргардида метавон гуфт, ки фарқият байни антонимҳои якреша ва гуногунреша дар сохтори онҳо дида мешавад. Дар тамоми истилоҳоти якреша асоси истилоҳ бетағйир аст ва барои маънои муқобил гирифтан аффиксҳои инкорӣ истифода шудааст. Антонимҳои гуногунреша бошанд, баръакс барои мазмуни муқобил гирифтанашон реша ба куллӣ тағйир меёбад ва дар онҳо, умуман, аффикс зам намешавад. Аз таҳқиқоти антонимҳои истилоҳоти интернетӣ маълум гардид, ки антонимҳои сохторан гуногунреша метавонанд аз ҷиҳати маъно чун антонимҳои комплементарӣ бошанд. Аз таҳлили мисолҳо бармеояд, ки антонимҳо дар истилоҳот аз рӯи таснифоти умумӣ мисли воҳидҳои луғавии одӣ ҷудо карда мешаванд. Дар таснифоташон ягон фарқият дида намешавад, вале ҳангоми антонимҳои истилоҳоти интернетии забони англисиро ба забони тоҷикӣ баргардон намудан фарқият ва умумияти назаррасеро дар сохтори онҳо пай

бурдан мумкин аст. Истилоҳоте, ки тавассути аффиксҳо мазмуни муқобилро ба худ мегиранд, дар раванди тарҷума ба забони тоҷикӣ низ бо префикси инкории **на-** таҷассум гардидаанд, ки ин умумияти сохтории антонимҳои забонҳои муқоисашавандаро нишон медиҳад, мисли *connect – пайваст шудан* ***dis****connect – ҷудо шудан, (пайваст* ***на****шудан)*. Фарқият дар сохтори антонимҳои *дохиликалимавӣ ва байникалимавӣ* дида мешавад, ки бештари ҳолатҳо аз рӯи хусусияти бемуодилии истилоҳоти интернетӣ, дар забони тоҷикӣ ҳангоми баргардоншавӣ антонимҳои якҷузъа чун бисёрҷузъа ё ин ки чун ибора ифода меёбанд, чунки бемуодилият бештар шарҳи маънии истилоҳотро талаб менамояд. Антонимҳои мазкур мазмунан пурра мувофиқат мекунанд, зеро дар ҳар ду забон истилоҳоти интернетӣ мафҳуми мухолифатро зоҳир мекунанд.

3.5. Хусусиятҳои маҷозии истилоҳоти интернетӣ

Дар истилоҳшиносӣ мавзуи марказӣ истилоҳ ва системаҳои истилоҳот ба шумор меравад, ки дар он бештар роҳу ташаккули истилоҳ ва аз воҳидҳои луғавии умумӣ ба истилоҳ мубаддал гаштани он зери таҳлил қарор дорад [192, 35].

Ба ақидаи Г.О. Винокур, истилоҳот воҳидҳои луғавии махсус нестанд. Истилоҳот танҳо вазифаи махсусро дар забоншиносӣ иҷро мекунанд. Вазифаи махсусе, ки истилоҳ дар забон иҷро мекунад, бо ду роҳ таҷассум меёбад. Вазифаи якумаш номгузории технологияҳои нав ва вазифаи дуюмаш номгузории мафҳумҳои нав дар забоншиносӣ мебошад [35]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки истилоҳот вазифаи номгузорӣ дошта дар як қолаби махсус зоҳир мегардад, инчунин, калимаҳои умумии забон низ метавонанд дар раванди такомули маъно ва истифодабариашон ба истилоҳ мубаддал гарданд.

Калимаҳои умумии забони адабӣ аз маънои аслӣ ва маҷозӣ иборат мебошанд. Истилоҳот низ аз ин хусусияти маъноӣ дур нестанд. Дар истилоҳшиносӣ мавриди тағйири маъноии истилоҳ дар онҳо метавон маҷозро вохӯрд. Маҳсулнокии ин ё он ташаккули истилоҳ ба маҷоз хеле алоқамандии

зич дорад. Маҷоз ҳамчун усули ташаккули истилоҳ шабоҳати байни объектҳо ва мафҳумҳои навро дар забоншиносӣ бо аломату арзишҳояшон ифода менамояд. Маҷоз барои аниқу равшан дарк кардани мазмуни истилоҳ тариқи муқоиса кумак мекунад. Маҷозро бештар дар вазифаи аналогӣ метавон вохӯрд, зеро дар истилоҳшиносӣ маҷоз як мафҳуми мушаххасро ба ягон калимаи умумии забон муқоиса менамояд, то мазмуни истилоҳ равшантар гардад.

Ба ақидаи Э.А. Лапиня, яке аз хусусияти фарққунандаи маҷоз аз дигар тағйиротҳои маъноӣ дар он аст, ки маҷоз аввалин шуда истилоҳотеро номгузорӣ ё аналог медиҳад, ки онҳо мувофиқ ба мафҳумашон дар забон ном ёфта наметавонанд, аз ин рӯ маҷоз тариқи муқоиса ба истилоҳот ном мегузорад [130, 134].

Асосгузорони забоншиносии маърифатӣ Ҷ. Лакофф ва М. Ҷонсон дар он андешаанд, ки ба маънои маҷозӣ истифода шудани истилоҳот дар раванди табдилёбии воҳидҳои луғавии муқаррарӣ ба вазифаи номгузории мафҳумҳо дар забоншиносӣ мебошад. Инчунин, онҳо моҳияти маҷозро ҳангоми дарк намудани мафҳуми истилоҳ ва номгузории он мувофиқи маъноях возеҳ медиҳанд [247, 5].

Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусияти марказии маҷоз ин монандии объектҳои муқоисашаванда мебошад. Чунон чи Н.Д. Арутюнов тазаккур медиҳад, маҷоз ченаки монандии махсусро доро мебошад. Маҷоз ҳангоме ба вуҷуд омада метавонад, ки байни объектҳои муқоисашаванда умумият нисбат ба фарқият бештар бошад [7, 367].

Аз гуфтаҳои забоншиноси чинӣ Ван Вэньбинь бармеояд, ки хусусияти монандӣ дар маҷоз бо ду роҳ зоҳир мегардад: а) монандии зоҳирии объектҳои муқоисашаванда; б) падидаҳое, ки аз тарафи инсон ба вуҷуд оварда мешаванд, маҷоз аз рӯи монандии мафҳуми онҳо истифода мешавад [30, 127]. Аз гуфтаҳои ӯ равшан мегардад, ки монандии маҷоз дар истилоҳшиносӣ бо роҳи объективӣ ва субъективӣ ба миён меояд.

Дар истилоҳоти интернетӣ мисли дигар истилоҳоти соҳавӣ метавон ҳама гуна маҷозро вохӯрд. Аз рӯи таснифоти Ван Вэньбинь монандии маҷози истилоҳоти интернетиро метавон ба таснифоти зерин тақсим намуд:

а) моделҳои маҷозӣ, ки дар асоси шабоҳати берунии аломатҳо зоҳир мегарданд;

б) моделҳои маҷозӣ, ки дар асоси монандии хусусиятҳо ва вазифаҳо истифода мешаванд;

в) моделҳои маҷозӣ, ки дар асоси шабоҳати ассотсиатсияи психологӣ ба вуҷуд меоянд;

Моделҳои маҷозӣ, ки дар асоси шабоҳати берунии аломатҳо зоҳир мегарданд. Модели мазкур, пеш аз ҳама, дар асоси монандии берунии ашё ташаккул меёбад. Ин гуна маҷоз як шакли одӣ ба шумор рафта, нишонаҳои физикии истилоҳотро муайян месозад, ба монади ***mouse*** *– мушак,* ***wallpaper*** *– обой, тасвири заминавӣ,* ***home page*** *– саҳифаи оғоз,* ***keyword*** *– калимаи калидӣ,* ***spam*** *– спам,* ***dog food*** *– маҳсулоти худӣ,* ***ham*** *– почтаи муқаррарӣ*.

Аз маҷозҳои дарболозикргардида агар истилоҳи ***mouse***-ро мавриди таҳлил қарор диҳем, истилоҳи мазкур аз калимаи муқаррарии забон, ки номи ҳайвони ширхӯрро ифода менамояд, ба миён омадааст. Дар ибтидо ин истилоҳ набуд баъдан аз рӯи шакли зоҳирӣ бо тағйироти маҷозии маъно чун истилоҳи компютерӣ табдил ёфт. Аз соли 1965 истилоҳи мазкур ба *дастгоҳе ишора менамояд, ки барои ҳаракат кардани курсор ва тир дар намоиши экран* истифода мегардид. Солҳои 1750 *мушакҳои компютерии* симдор ба миён омаданд, ки шакли зоҳириашон низ ба ҳамон ҳайвони ширхӯр монанд буд. Аз ин лиҳоз, истилоҳи мазкур аз ҷиҳати шакл ва нишонаҳои берунӣ ба ҳайвони ширхӯр чун ***муш*** монандӣ ёфта, дар истилоҳоти компютерӣ дар шакли маҷоз истифода мегардад [282].

Истилоҳи ***wallpaper*** дар компютерҳои мизи корӣ чун «***расмзамина»*** ин намунаи пасзамина ё тасвирест, ки дар болои он менюҳо, нишонаҳо, тирезаҳои фаъол ва дигар унсурҳо дар экран намоиш дода мешаванд.

Тасвири расмзамина метавонад дар формати JPG ё файли GIF истифода гардад. ***«Расмзамина»*** одатан дар Microsoft Windows, Macintosh OS, Linux ва дар дигар системаҳои оператсионӣ истифода мешавад. Ҳар як системаи амалиётӣ якчанд тасвирҳои "қаблан насбшуда"-и *обои девориро* барои корбарон интихоб мекунад. Ин истилоҳи интернетӣ, аслан, ба тасвири заминавии деворҳои хона ки онро дар забони тоҷикӣ “**зардеворӣ**” мегуянд, шабоҳат дорад, ки бо рангҳои гуногун деворҳои хонаи истиқоматиро рупӯш мекунад ва мисли барномаҳои компютерӣ дар болои ***зардевории хона*** тасвирҳо ва дигар таҷҳизотҳо метавонанд овезон шаванд. Аз рӯи хусусияти зоҳирӣ ҳар ду ***заминаи тасвирӣ***, яъне ***зардевории хона*** ва ***расмзаминаи барномаҳои компютерӣ ва интернетӣ*** аз рӯйи вазифа ба ҳам шабоҳат доранд.

Истилоҳоти дигар ин ***spam*** ва ***ham*** мебошанд, ки ҳар ду истилоҳ дар забони муқаррарӣ маънои хӯрокворирo доранд. ***Spam*** дар нутқи муқаррарӣ маънои гӯшти қиммашудаи консервагиро дар назар дорад. ***Ham*** бошад маънои гӯшти намаккардашуда ва дуддодашудаи хук, яъне *ветчина* аст. Ба ҳама корбарони интернет маълум аст, ки истилоҳоти мазкур дар раванди корбарии интернет хеле зиёд ба назар мерасанд. Ҳамчун истилоҳи интернетӣ ***spam*** мазмуни ***партови электрони***ро дошта, паёмҳои маҷбурӣ тавассути почтаи электронӣ ва конфронсҳои Usenet бо ин истилоҳ фиристода мешаванд. Истилоҳи ***ham*** бошад антоними истилоҳи ***spam*** буда, чун тахаллуси ***почтаи электронии хеле хуб*** ва сифати баландро ифода менамояд. Аз сабаби он ки ***spam*** дар забони муқаррарӣ ҳамчун *гӯшти консервашуда* аст, аз ин лиҳоз, ҳамчун истилоҳи интернетӣ низ чун *партови электронӣ* истифода мегардад. Истилоҳи ***ham*** дар забони умумӣ *гӯшти сифати аъло* ва беҳтарин буда, ҳамчун истилоҳи интернетӣ низ мазмуни мусбат мисли *почтаи беҳтарин* ифода менамояд [276]. Ҳама истилоҳоти интернетии овардашуда аз ҷиҳати монандии зоҳирӣ маҷоз шудаанд.

Моделҳои маҷозӣ дар асоси монандии хусусиятҳо ва вазифаҳо истифода мешаванд. Аз ҳама бештар монандии хусусиятҳо мушкил ба назар мерасад, зеро истилоҳоти мазкур аз рӯи иҷроиши вазифавиашон монандӣ пайдо карда ба маънои маҷоз истифода мешаванд. Дар ин ҳолат маҷоз бештар образнокии истилоҳ ва хусусияти эмотсионалиашро дарбар мегирад [133, 598], мисли ***basket*** *– сабад,* ***virus*** *– вирус,* ***break the Internet*** *– шикастани Интернет (ғайриқонуни шабакаҳои Интернетро истифода намудан),* ***memory card*** *– корти хотира;*

Истилоҳи ***basket*** дар тамоми компютерҳо ва дар барномаҳои интернетӣ васеъ истифода мешавад, ки ҷойгоҳи нигоҳдорӣ барои файлҳои нестшуда дар барномаи Windows мебошад. Аслан, аз рӯи нишонаи берунӣ низ чун ***сабад*** барои партов ба чашм мерасад. Метавон гуфт, ки истилоҳи мазкур на танҳо аз рӯи вазифа ва хусусият, балки бо монандии зоҳирӣ низ ба маънои маҷозӣ истифода мешавад, зеро чунин сабадҳо дар ҳаёти воқеӣ бештар барои партов ё ягон ашёи нодаркорӣ истифода мегарданд.

Истилоҳи дигар ин ***virus- вирус*** мебошад, ки махсусан аз ҷиҳати вазифа ва амалкуниаш монандӣ ба вирусҳои бемориҳои инсон шабоҳат дорад. Истилоҳи мазкур ба забони тоҷикӣ дар шакли транслитератсия чун ***вирус*** васеъ истифода мешавад. Калимаи ***вирус*** як намунаи маъмулии интиқоли маҷозист. Маънии аслии он як ҷузъи сирояткунандаи ҳуҷайравӣ мебошад, ки танҳо дар дохили ҳуҷайраҳои зинда ташаккул ёфта метавонад. Ин истилоҳи биологӣ ё тиббӣ аст. Ҳамчун истилоҳи компютерӣ ***вирус*** маънои барномаи шубҳанокест, ки ба компютер аз интернет ё диски сироятшуда ворид шуда, ба маълумоти барномаҳои муқарраршуда зарар оварда, ба кори муътадили онҳо монеъ мешавад. Истилоҳи мазкур дар ҳар ду ҳолат мазмуни негативӣ дошта, ҳам ба саломатии инсон ва ҳам ба коркунии компютер, зараровар мебошад [158, 117].

Истилоҳи ***break the Internet –интернетро шикастан*** бо мазмуни маҷозӣ истифода гардидааст, зеро дар воқеият интернетро ҳеҷ вақт шикаста

намешавад. Феъли break аслан дар забони англисӣ маънои шикастан, вайрон кардан ва танаффусро дорад [276]. Истилоҳи интернетии мазкур аз ҷиҳати сохтор дар шакли ибора истифода гардида, мазмуни вайрон сохтани қонунҳои интернет ва ғайриқонунӣ ба шабакаҳои интернетӣ ворид гаштан ва аз онҳо маълумот гирифтанро ифода менамояд. Ин ибора амали маҷозиро нишон дода, дар ҳар ду ҳолат, ҳам дар забоншиносии умумӣ ва ҳам дар забоншиносии компютерӣ, мазмуни вайрон сохтан ва шикастани чезеро дар назар дорад.

Истилоҳи ***memory card – корти хотиравӣ***, қисмати ***memory*** монанд ба ***хотира***и инсон маҷоз гардидааст. Вазифаи хотираи инсон низ тамоми маълумоти ҷамъовардашударо дар мағзи сар нигоҳ медорад. Хотираи корт низ чунин амалро иҷро мекунад, яъне маълумотҳоро дар корти махсус маҳфуз нигоҳ медорад. Ҳар ду ҳолат ба ҳам хеле аз рӯи функсия шабоҳат доранд, яке дар мағзи сари инсон, дигаре дар корти компютерӣ хотираи маълумотҳо нигоҳ дошта мешаванд. Маҳз аз ин ҷиҳати монандиҳои функсионалӣ истилоҳи мазкур дар шакли маҷоз истифода шудааст.

Моделҳои маҷозӣ дар асоси шабоҳати ассотсиатсияи психологӣ ба вуҷуд меоянд. Ассотсиатсияи маҷозӣ дар истилоҳоти интернетӣ бо роҳи мафҳумҳои абстрактӣ ва метономӣ инъикос мегардад, ба монанди ***dark web*** – *сомонаи пинҳонӣ*, ***cloud*** – *хотираи васеъ*, ***Internet*** – *интернет*, ***green adults*** – *калонсолон дар шабака*.

